# Нидои Аллоҳ бар Мӯъминон

Китобхонаи Мероси Абуҳанифа

| | |
|---|---|
| **Унвон:** | **Нидои Аллоҳ бар Мӯъминон** |
| **Мавзӯъ:** | Қуръон, шарҳи мухтасари фавоиди қуръонӣ, таъкидоти хос барои мӯъминин. |
| **Теъдоди саҳифаҳо:** | 101 |
| **Манбаъ:** | Сайти Мероси Абуҳанифа |
| | |

**Ин китоб аз сайти китобхонаи Мероси Абуҳанифа гирифта шуда ва аз тарафи ҳайати ҳамин китобхона таълиф шудааст.**
**www.merosi-abuhanifa.com**

**Почтаи электронӣ: book@merosi-abuhanifa.com**

*Дар нашри маводҳои исломӣ саҳмгузор бошем. Чуноне, ки Паёмбари акрам саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд:* ***“Аз ман ба дигарон бирасонед, ҳатто агар як оят ҳам бошад...”*** *(Саҳеҳи Бухорӣ, 3461)*

## Мундарича

Муқаддима........5
1-ум Нидо:........8
2-юм Нидо:........8
3-юм Нидо:........9
4-ум Нидо:........10
5-ум Нидо:........11
6-ум Нидо:........12
7-ум Нидо:........13
8-ум Нидо:........14
9-ум Нидо:........15
10-ум Нидо:........16
11-ум Нидо:........16
12-ум Нидо:........18
13-ум Нидо:........19
14-ум Нидо:........20
15-ум Нидо:........21
16-ум Нидо:........22
17-ум Нидо:........23
18-ум Нидо:........24
19-ум Нидо:........25
20-ум Нидо:........26
21-ум Нидо:........27
22-юм Нидо:........28
23-юм Нидо:........29
24-ум Нидо:........29
25-ум Нидо:........30
26-ум Нидо:........31
27-ум Нидо:........32
28-ум Нидо:........33
29-ум Нидо:........34
30-юм Нидо:........35
31-ум Нидо:........36
32-юм Нидо:........37
33-юм Нидо:........38
34-ум Нидо:........39
35-ум Нидо:........40

36-ум Нидо:........................................................................................................41
37-ум Нидо:........................................................................................................42
38-ум Нидо:........................................................................................................43
39-ум Нидо:........................................................................................................44
40-ум Нидо:........................................................................................................45
41-ум Нидо:........................................................................................................46
42-юм Нидо:........................................................................................................47
43-юм Нидо:........................................................................................................48
44-ум Нидо:........................................................................................................49
45-ум Нидо:........................................................................................................50
46-ум Нидо:........................................................................................................51
47-ум Нидо:........................................................................................................52
48-ум Нидо:........................................................................................................53
49-ум Нидо:........................................................................................................54
50-ум Нидо:........................................................................................................54
51-ум Нидо:........................................................................................................56
52-юм Нидо:........................................................................................................56
53-юм Нидо:........................................................................................................58
54-ум Нидо:........................................................................................................59
55-ум Нидо:........................................................................................................59
56-ум Нидо:........................................................................................................60
57-ум Нидо:........................................................................................................61
58-ум Нидо:........................................................................................................62
59-ум Нидо:........................................................................................................63
60-ум Нидо:........................................................................................................65
61-ум Нидо:........................................................................................................66
62-юм Нидо:........................................................................................................67
63-юм Нидо:........................................................................................................67
64-ум Нидо:........................................................................................................69
65-ум Нидо:........................................................................................................70
66-ум Нидо:........................................................................................................70
67-ум Нидо:........................................................................................................71
68-ум Нидо:........................................................................................................72
69-ум Нидо:........................................................................................................73
70-ум Нидо:........................................................................................................74
71-ум Нидо:........................................................................................................75
72-юм Нидо:........................................................................................................76

73-юм Нидо:....................................................78
74-ум Нидо:....................................................79
75-ум Нидо:....................................................80
76-ум Нидо:....................................................81
77-ум Нидо:....................................................82
78-ум Нидо:....................................................83
79-ум Нидо:....................................................84
80-ум Нидо:....................................................85
81-ум Нидо:....................................................86
82-юм Нидо:....................................................87
83-юм Нидо:....................................................88
84-ум Нидо:....................................................89
85-ум Нидо:....................................................90
86-ум Нидо:....................................................91
87-ум Нидо:....................................................92
88-ум Нидо:....................................................93
89-ум Нидо:....................................................94
90-ум Нидо:....................................................95
Хулоса....................................................98
Манбаъҳо....................................................101

## Муқаддима

**بِسۡمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحۡمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ.**

**ٱلۡحَمۡدُ لِلَّهِ ٱلَّذِيٓ أَنزَلَ عَلَىٰ عَبۡدِهِ ٱلۡكِتَٰبَ وَلَمۡ يَجۡعَل لَّهُۥ عِوَجَاۜ۔١.قَيِّمٗا لِّيُنذِرَ بَأۡسٗا شَدِيدٗا مِّن لَّدُنۡهُ وَيُبَشِّرَ ٱلۡمُؤۡمِنِينَ ٱلَّذِينَ يَعۡمَلُونَ ٱلصَّٰلِحَٰتِ أَنَّ لَهُمۡ أَجۡرًا حَسَنٗا۔٢**

**Ба номи Аллоҳи бениҳоят бахшанда ва меҳрубон. "Ҳамду сипос махсуси Аллоҳ таъолост, ки Қуръонро бар бандааш [Муҳаммад] нозил кард ва ҳеҷ гуна каҷӣ ва инҳирофе дар он қарор надод. [Китобе] Устувор, то аз азобе сахт аз ҷониби Ӯ таъоло бим диҳад ва ба мӯъминоне, ки корҳои шоиста мекунанд, мужда диҳад, ки подоши накӯе барояшон вуҷуд дорад."** (Каҳф, 1-2)

Аллоҳ таъоло бандагони худро ва инчунин мӯъминонро бо нидои хос хитоб мекунад, ки чунин мурочиатҳои илоҳӣ, далолат бар амрҳои муҳим мекунанд. Аз ин рӯ, китоби мазкур низ яке аз мавзӯъҳои муҳими исломиро, аз он ҷумла мавзӯъи Тавҳид ва яктопарастиро дар бар мегирад, ки ин мавзӯъ дар аксарияти оятҳо ва иршодоти онҳо ба таври мухтасар баён шудааст. Инчунин амрҳои муҳими илоҳӣ дар робита бо ширк, намудҳои он ва роҳҳои дурӣ аз он, бахше аз ин китобро дар бар мегиранд.

Усуле, ки дар ин китоб истифода шудааст, ин аст, ки баъд аз тарҷумаи маънии оятҳои қуръонӣ, ба шарҳи мухтасар ва иршодоти оятҳо пардохта шудааст, то барои хонанда оятҳои тарҷумашуда равшантар ва возеҳтар гарданд. Муаллиф бо истифодаи иршодот, танҳо роҳнамоиҳои мухтасарро дар назар надошта, балки оятҳо, ҳадисҳо ва суханони олимони муътабарро, ки аз ин нидоҳо ва оятҳо истинбот ва иҷтиҳод кардаанд, ворид кардааст. Яъне баъди мутолиаи ҳар нидо, на

танҳо бо оят ошноӣ пайдо мекунед, балки аз хулоса ва натиҷаи масъалаҳои шаръӣ аз дидгоҳи Қуръон ва суннат баҳраманд мешавед.

Барои ба даст овардани мақсади нузули Қуръон 5-марҳалаи зерин вуҷуд дорад, ки дар зер бо далоил аз Қуръон зикр мешаванд:

1. Гӯш кардани он:

وَإِذَا قُرِئَ ٱلۡقُرۡءَانُ فَٱسۡتَمِعُواْ لَهُۥ وَأَنصِتُواْ لَعَلَّكُمۡ تُرۡحَمُونَ

**"Ва ҳангоме, ки Қуръон хонда мешавад, пас ба он гӯш фаро диҳед ва хомӯш бошед, бошад, ки фарогири раҳмат шавед."** (Аъроф, 204)

2. Хондану таълим гирифтани он:

ٱلَّذِينَ ءَاتَيۡنَٰهُمُ ٱلۡكِتَٰبَ يَتۡلُونَهُۥ حَقَّ تِلَاوَتِهِۦٓ أُوْلَٰٓئِكَ يُؤۡمِنُونَ به

**"Касоне, ки китоби осмонӣ ба онҳо додаем [ва] онро чунон, ки шоистааст мехонанд ва ба матолиби он имон меоваранд..."** (Бақара, 121)

3. Ҳифз ва аз худ кардани он:

بَلۡ هُوَ ءَايَٰتُۢ بَيِّنَٰتٞ فِي صُدُورِ ٱلَّذِينَ أُوتُواْ ٱلۡعِلۡمَۚ

**"Балки он оёти равшанест, ки дар синаи донишварон [-и мӯъмин] ҷой дорад..."** (Анкабут, 49)

4. Андешидан ва панд гирифтан аз он:

كِتَٰبٌ أَنزَلۡنَٰهُ إِلَيۡكَ مُبَٰرَكٞ لِّيَدَّبَّرُوٓاْ ءَايَٰتِهِۦ وَلِيَتَذَكَّرَ أُوْلُواْ ٱلۡأَلۡبَٰبِ

**"[Эй Муҳаммад, ин Қуръон] Китобест пурбаракат, ки бар ту нозил кардаем, то мардум дар оёташ биандешанд ва хирадмандон панд гиранд."** (Сод, 29)

5. Амал кардан ба он:

ٱلَّذِينَ يَسۡتَمِعُونَ ٱلۡقَوۡلَ فَيَتَّبِعُونَ أَحۡسَنَهُۥٓۚ أُوْلَٰٓئِكَ ٱلَّذِينَ هَدَىٰهُمُ ٱللَّهُۖ وَأُوْلَٰٓئِكَ هُمۡ أُوْلُواْ ٱلۡأَلۡبَٰبِ

**"Касоне, ки суханҳоро мешунаванд ва аз беҳтарини он (Қуръон) пайравӣ мекунанд, онон касоне ҳастанд, ки Аллоҳ таъоло ҳидояташон карда ва хирадманданд."** (Зумар, 18)

Дар асоси ин таъкидот, Алҳамдулиллоҳ пас аз таҳлил ва баррасӣ дар Қуръон, нидоҳои Аллоҳ бар Мӯъминонро ҷамъоварӣ намудем, ки дар 90-ҷои Қуръон зикр мешаванд.

**1-ум Нидо:**

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَا تَقُولُواْ رَٰعِنَا وَقُولُواْ ٱنظُرۡنَا وَٱسۡمَعُواْۗ وَلِلۡكَٰفِرِينَ عَذَابٌ أَلِيمٞ

**"Эй касоне, ки имон овардаед, нагӯед "роъино", бигӯед "унзурно" ва гӯш андозед, ки барои кофирон азоби дарднок аст!"** (Бақара, 104)

*Иршодоти оят:*

1. Вақте, ки саҳобагон бар Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам муроҷиат мекарданд, калимаи ***"роъино"*** - ро истифода мебурданд, ки ***"бар мо шавқат кун"*** маънидод мешуд. Аммо инро шунида, яҳудиён низ ба ҳузури Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам омада, бо тамасхур калимаи ***"роъино"*** - ро, ки дар байни худашон ба маънии ***"аблаҳ, нодон"*** маънидод мешуд, истифода бурданд. Аз ин рӯ, Аллоҳ мӯъминонро аз гуфтани калимаи ***"роъино"*** манъ карда, ба гуфтани калимаи ***"унзурно"*** амр кард ва бар кофирон азоби дарднок ваъда намуд.

2. Эҳтироми Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар вақти сухан кардан ва ё зикр кардани номаш.

3. Расулаллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва салламро бо беҳтарин номҳо ва сифатҳояш зикр кардан.

4. Дурӣ кардани мӯъминон аз калимаҳои баду қабеҳ ва ё аз истифода бурдани калимаҳое, ки маъноҳои бад ва хубро дар бар мегиранд.

**2-юм Нидо:**

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ ٱسۡتَعِينُواْ بِٱلصَّبۡرِ وَٱلصَّلَوٰةِۚ إِنَّ ٱللَّهَ مَعَ ٱلصَّٰبِرِينَ

**"Эй касоне, ки имон овардаед, аз сабр ва намоз ёрӣ биҷӯед! Ба дурустӣ, ки Аллоҳ бо сабркунандагон аст."** (Бақара, 153)

*Иршодоти оят:*

1. Ин дуввумин хитоби Аллоҳи бузург бар мӯъминон дар сураи Бақара мебошад. Аллоҳ мӯъминонро дар ин оят ба сабр ва намоз амр менамояд.

Олимон сабрро ба 3-қисм ҷудо кардаанд:

***- Сабр намудан бар тоъату ибодат, мисли сабр бар намоз, рӯза, ҳаҷ ва амсоли инҳо.***

***- Сабр намудан бар дурӣ ҷустан аз гуноҳ, мисли сабр бар дурӣ аз зино, рибо, дурӯғ ва ғайра.***

***- Сабр намудан бар балову мусибатҳо.***

2. Вақте, ки мӯъмин дар тоъату ибодат, мусибату мушкилӣ ва ибтилову имтиҳонаш аз Аллоҳ талаби тавфиқу ёрӣ ва мадад мекунад, бидонад, ки Аллоҳ бо ӯст, зеро ин ваъдаи Аллоҳ аст. Яъне яқинан дар ин ҳолатҳо беҳтарин ёридиҳандаву нусратдиҳанда, Аллоҳи бузург мебошад.

3. Намоз бошад, чи намозҳои фарзӣ, суннатҳои равотиб, истихора ва дигар намудҳои он, барои мӯъмин ҳам дар вақти хушҳолӣ ва ҳам дар вақти душворӣ беҳтарин силоҳанд. Пас эй бародару хоҳари мӯъмин фаромӯш макун, ки Аллоҳи бузург моро ба сабру намоз амр кардааст ва бозгашти мо ба сӯи Ӯст.

**3-юм Нидо:**

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ كُلُوا۟ مِن طَيِّبَـٰتِ مَا رَزَقْنَـٰكُمْ وَٱشْكُرُوا۟ لِلَّهِ إِن كُنتُمْ إِيَّاهُ تَعْبُدُونَ

**"Эй касоне, ки имон овардаед, аз он чизҳои покизае, ки рӯзии шумо кардаем, бихӯред ва шукри Аллоҳро ба ҷо оваред, агар воқеан ҳам Ӯро ибодат мекунед!"** [Бақара, 172]

*Иршодоти оят:*

1. Зарур аст, ки дар ҷустуҷӯи ризқи ҳалол бошем.

2. Воҷиб будани хӯрдан ва нӯшидани неъматҳои ҳалол ва қатъан даст кашидан аз ҳаромҳо.

3. Воҷиб будани шукр бо амал, бо қалб ва бо забон.

4. Воҷиб будани шукр ба Аллоҳ таъоло.

5. Шукр - муҳофизи неъмати мавҷуда буда ва куфр бошад, маҳвкунанда ва нобудкунандаи неъмати мавҷуда мебошад.

6. Воҷиб будани яктопарастии Аллоҳ ва дурӣ аз ҳама гуна ширк ва василаҳои он. Зеро танҳо шахси ботақво ва муваҳҳид аз пайи ризқи ҳалол буда ва танҳо ӯ метавонад шукргузор бошад.

**4-ум Нидо:**

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ كُتِبَ عَلَيۡكُمُ ٱلۡقِصَاصُ فِى ٱلۡقَتۡلَىۖ ٱلۡحُرُّ بِٱلۡحُرِّ وَٱلۡعَبۡدُ بِٱلۡعَبۡدِ وَٱلۡأُنثَىٰ بِٱلۡأُنثَىٰۚ فَمَنۡ عُفِىَ لَهُۥ مِنۡ أَخِيهِ شَىۡءٌ فَٱتِّبَاعُۢ بِٱلۡمَعۡرُوفِ وَأَدَآءٌ إِلَيۡهِ بِإِحۡسَـٰنٍۗ ذَٰلِكَ تَخۡفِيفٌ مِّن رَّبِّكُمۡ وَرَحۡمَةٌۗ فَمَنِ ٱعۡتَدَىٰ بَعۡدَ ذَٰلِكَ فَلَهُۥ عَذَابٌ أَلِيمٌ

**"Эй касоне, ки имон овардаед, (барои инсоне, ки қасдан куштаанд) қасос бар шумо муқаррар шудааст. Озод дар баробари озод, ғулом дар баробари ғулом ва зан дар баробари зан. Пас ҳар касе, ки (валии кушташуда) дар ҳаққи бародараш (бародари диниаш) (қотилро) бахшиш намояд, бояд (аз азияташ даст бикашад ва бо ӯ) хушрафторӣ намояд ва қотил низ бояд дар муқобил "дият"-**

**ро (хунбаҳоро) ба некӣ бе таъхир бипардозад! Ин (ҳукми сабукӣ) гузашт ва раҳматест аз ҷониби Парвардигоратон. Пас ҳар касе баъд аз он (аҳду паймон ва гирифтани "дият") зиёдаравӣ (қасосгирӣ) кунад, азоби дарднок (дар интизор) дорад!"** (Бақара, 178)

*Иршодоти оят:*

1. Дият ё хунбаҳо - микдори молест, ки қотил барои афв шуданаш мепардозад.

2. Ҳукми Аллоҳ одилона мебошад.

3. Қатл аз гуноҳони бузург ба ҳисоб меравад.

4. Қотил аз дин хориҷ намешавад.

5. Мӯъминон байни ҳам шафқату меҳрубонӣ ва аҳду паймон доранд.

6. Ишора ба яке аз мақсадҳои панҷгонаи шариъат, ки он ҳам ҳифзи нафсу ҷони инсон мебошад.

**5-ум Нидо:**

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ كُتِبَ عَلَيۡكُمُ ٱلصِّيَامُ كَمَا كُتِبَ عَلَى ٱلَّذِينَ مِن قَبۡلِكُمۡ لَعَلَّكُمۡ تَتَّقُونَ

**"Эй касоне, ки имон овардаед, рӯза бар шумо фарз карда шуд, чуноне, ки бар касони пеш аз шумо фарз шуда буд, бошад, ки ботақво шавед!"** [Бақара, 183]

*Иршодоти оят:*

1. Аллоҳ рӯзаро бар мӯъминон фарз гардонид ва хабар дод, ки бар умматҳои пеш аз шумо (яҳуд ва насоро) низ фарз шуда буд.

2. Рӯза рукне аз аркони Ислом буда, яке аз беҳтарин василаи зиёдшавии тақво барои мӯъминон аст.

3. Тақво сабаби ризогии Аллоҳ ва дохилшавии ҷаннат мебошад. Ин тақвост, ки инсонро аз хӯрдану нӯшидан ва ҳамхобагӣ бо занҳои никоҳӣ, дар вақти муайян боз медорад.

4. Рӯза сабаби зиёдшавии имони шахс мегардад ва маҳз рӯзадорӣ мӯъминро аз бисёри гуноҳон боз медорад ва шайтонро ноумеду маъюс мегардонад. Валокин лозим аст, ки нияти рӯзадор холис барои ризои Аллоҳ бошад.

**6-ум Нидо:**

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ ٱدْخُلُوا۟ فِى ٱلسِّلْمِ كَآفَّةً وَلَا تَتَّبِعُوا۟ خُطُوَٰتِ ٱلشَّيْطَـٰنِ ۚ إِنَّهُۥ لَكُمْ عَدُوٌّ مُّبِينٌ

**"Эй касоне, ки имон овардаед, ҳамагӣ ба Ислом (ва итоати Аллоҳ) дароед ва аз роҳҳои шайтон пайравӣ накунед! Ба дурустӣ, ки ӯ душмани ошкори шумост!"** [Бақара, 208]

*Иршодоти оят:*

1. Ин хитоби Аллоҳи бузург бар мӯъминонест, ки ба Аллоҳ имон овардаанд ва аз Расулаш саллаллоҳу алайҳи ва саллам пайравӣ мекунанд. Вақте, ки Исломро қабул кардаед, ба ҳама амрҳояш итоат ва аз ҳама манъҳояш худдорӣ бояд кард.

2. Ислом дини комил ва ягонааст, чизе аз он кам ё зиёд карда намешавад. Ҳар амре, ки ҳаст бояд бо муҳаббат ва тарсу умедворӣ пайравӣ кард, на чигунае, ки аҳли китоб амал кардаанд, ки баъзе амрро қабул карданд ва баъзеро тарк карданд.

3. Инчунин набояд ҳукмҳои Исломро як тараф монда, пайравии ҳавову ҳавас ва урфу одат кард, балки бар мо воҷиб гардидааст то мухолифат аз роҳҳои шайтонӣ кунем.

4. Аллоҳи бузург шайтонро душмани ошкорои мо гуфтааст ва мо дар ҳақиқат бояд пайравии комил аз Қуръону суннат карда, муқобили пайраҳаҳои шайтон, ки душмани ошкорамон аст, мубориза кунем!

**7-ум Нидо:**

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ أَنفِقُواْ مِمَّا رَزَقۡنَٰكُم مِّن قَبۡلِ أَن يَأۡتِيَ يَوۡمٞ لَّا بَيۡعٞ فِيهِ وَلَا خُلَّةٞ وَلَا شَفَٰعَةٞۗ وَٱلۡكَٰفِرُونَ هُمُ ٱلظَّٰلِمُونَ

**"Эй касоне, ки имон овардаед, аз он чи ба шумо рӯзӣ додаем, инфоқ кунед, пеш аз он рӯзе, ки дар он на тиҷорате ҳаст ва на дӯстиву шафоъат ва кофирон худ золимонанд!"** [Бакара, 254]

*Иршодоти оят:*

1. Амри Аллоҳ ба адои закоту садака кардан.

2. Хабари Аллоҳи бузург бар ин, ки рӯзи қиёмат на молу тиҷорат, на дӯстию шафоат фоидае надоранд, магар амали неки худи инсон.

3. Амали банда бояд мувофиқи дастуроти илоҳӣ бошад, чун амри Аллоҳ мувофиқат ва далолат бар он амре мекунад, ки шариъат бар он тарз дастур додааст.

4. Хабари Аллоҳ бар ин, ки кофирон ситамгарони ҳақиқӣ ҳастанд, чун болотарин ситам ин ширк овардан дар амрҳои илоҳист.

5. Меҳрубонии Аллоҳ бар бандагонаш, чунки аз сабабҳои наҷоту саодатмандӣ хабар кардааст.

6. Сабаби дигари золим номидани кофирҳо он аст, ки онҳо ҳаққи Аллоҳро ба ҷо наоваранд, ҳалолро ҳаром ва ҳаромро ҳалол шумурданд.

7. Тарғиб намудани саховатмандон барои эҳтироми ҳуқуқи фақирон.

**8-ум Нидо:**

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَا تُبۡطِلُواْ صَدَقَـٰتِكُم بِٱلۡمَنِّ وَٱلۡأَذَىٰ كَٱلَّذِي يُنفِقُ مَالَهُۥ رِئَآءَ ٱلنَّاسِ وَلَا يُؤۡمِنُ بِٱللَّهِ وَٱلۡيَوۡمِ ٱلۡأٓخِرِۖ فَمَثَلُهُۥ كَمَثَلِ صَفۡوَانٍ عَلَيۡهِ تُرَابٞ فَأَصَابَهُۥ وَابِلٞ فَتَرَكَهُۥ صَلۡدٗاۖ لَّا يَقۡدِرُونَ عَلَىٰ شَيۡءٖ مِّمَّا كَسَبُواْۗ وَٱللَّهُ لَا يَهۡدِي ٱلۡقَوۡمَ ٱلۡكَٰفِرِينَ

**"Эй касоне, ки имон овардаед, садақаҳои худро бо миннату озор ботил накунед, мисли касе, ки моли худро барои намоиш додан ба мардум инфоқ мекунад ва ба Аллоҳу рӯзи қиёмат имон надорад. Пас масали ӯ ҳамчун санги софест, ки рӯйи он [андаке] хок нишастааст, онгоҳ бороли тунде бар он мезанад [он хокҳоро аз санг мешӯяд] ва онро соф [тоза аз хок] раҳо мекунад. Онон [риёкорон] аз он чи, ки анҷом додаанд, чизе ба даст намеоваранд ва Аллоҳ таъоло гурӯҳи кофиронро ҳидоят намекунад!"** [Бақара, 264]

*Иршодоти оят:*

1. Хабари Аллоҳи бузург бар ин, ки миннату азият гузоштан бар шахси садақагир аз тарафи садақадиҳанда, садақадиҳандаро аз савоб маҳрум мекунад. Чун миннатгузорӣ сифати хоси Аллоҳ буда, Ӯст молики ҳақиқӣ ва миннат кардан бар бандагони Аллоҳ ҳаром аст.

2. Амалҳои бад амалҳои некро ботил мекунанд, ҳамчуноне, ки амалҳои нек амалҳои бадро аз байн мебаранд.

3. Ҳифзи обрӯи камбағалон, то мавриди таънаву миннату озор қарор нагиранд.

4. Фарз будани ихлос дар тамоми ибодатҳои шариъат.

5. Ҳаром будани риёкорӣ ва ширк дар шариъат, чун он аз аъмоли кофирону мушрикон аст.

**9-ум Нидо:**

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ أَنفِقُواْ مِن طَيِّبَٰتِ مَا كَسَبۡتُمۡ وَمِمَّآ أَخۡرَجۡنَا لَكُم مِّنَ ٱلۡأَرۡضِۖ وَلَا تَيَمَّمُواْ ٱلۡخَبِيثَ مِنۡهُ تُنفِقُونَ وَلَسۡتُم بِـَٔاخِذِيهِ إِلَّآ أَن تُغۡمِضُواْ فِيهِۚ وَٱعۡلَمُوٓاْ أَنَّ ٱللَّهَ غَنِيٌّ حَمِيدٌ

**"Эй касоне, ки имон овардаед, аз чизҳои покизае, ки касб кардаед ва аз он чи аз замин барои шумо баровардаем, инфоқ кунед ва ба суроғи (моли) нопок наравед, ки аз он инфоқ намоед, дар ҳоле, ки худатон роҳат нестед аз пазируфтани чунин мол, магар бо чашмпӯшӣ (ва бемайлӣ) нисбат ба он. (Пас чӣ гуна чизеро, ки барои худ намеписандед, барои Аллоҳ таъоло раво медоред) Ва бидонед, ки Аллоҳ таъоло бениёзу сутуда аст!"** [Бақара, 267]

*Иршодоти оят:*

1. Роҳнамоии Аллоҳ мӯъминонро барои касби ҳалолу моли ҳалол ва инфоқ аз он.

2. Дурӣ ҷустан аз касби ҳарому моли ҳаром ва манъ кардан аз инфоқи он.

3. Зарурати ихроҷи ***закоти ушр*** аз маҳсулоти донагӣ дар вақти ҷамъовариаш.

4. Ҳар чизи хуберо, ки барои худ дӯст медоред, мислашро ба дигарон инфоқ кардан.

5. Амри Аллоҳ барои маърифати тавҳиди асмову сифоти худ ва махсусан бояд бидонем, ки Аллоҳ ғанӣ аст ва тамоми мардум фуқарои даргоҳаш ва ба Ӯ эҳтиёҷ доранд.

**10-ум Нидо:**

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ ٱتَّقُواْ ٱللَّهَ وَذَرُواْ مَا بَقِىَ مِنَ ٱلرِّبَوٰٓاْ إِن كُنتُم مُّؤْمِنِينَ فَإِن لَّمْ تَفْعَلُواْ فَأْذَنُواْ بِحَرْبٍ مِّنَ ٱللَّهِ وَرَسُولِهِۦ ۖ وَإِن تُبْتُمْ فَلَكُمْ رُءُوسُ أَمْوَٰلِكُمْ لَا تَظْلِمُونَ وَلَا تُظْلَمُونَ

**"Эй касоне, ки имон овардаед, аз Аллоҳ битарсед, тарк кунед он чиро, ки аз (муомилоти) рибо боқӣ мондааст, агар мӯъмин ҳастед! Пас агар тарк накардед, ҷанге бо Аллоҳу Расулаш эълон кардаед. Пас агар тавба кардед, асли сармояҳоятон аз они шумост, на ситам мекунед ва на бар шумо ситам ворид мешавад!"** [Бақара, 278-279]

*Иршодоти оятҳо:*

1. Амри Аллоҳ барои тарки рибо.

2. Тарк намудани маблағи боқимондае, ки аз рибо ба даст омадааст.

3. Тақво доштан - асоси ибодат ва тарки гуноҳ аст.

4. Шахси рибохӯр, бо Аллоҳ ва Расулаш саллаллоҳу алайҳи ва саллам ҷанг эълон кардааст.

5. Ваъдаи Аллоҳ аст, ки рибохӯр гирифтори азоб мегардад.

6. Тавба василаест, ки худ ва дигаронро аз зулм наҷот медиҳад.

**11-ум Нидо:**

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ إِذَا تَدَايَنتُم بِدَيْنٍ إِلَىٰٓ أَجَلٍ مُّسَمًّى فَٱكْتُبُوهُ ۚ وَلْيَكْتُب بَّيْنَكُمْ كَاتِبٌۢ بِٱلْعَدْلِ ۚ وَلَا يَأْبَ كَاتِبٌ أَن يَكْتُبَ كَمَا عَلَّمَهُ ٱللَّهُ ۚ فَلْيَكْتُبْ وَلْيُمْلِلِ ٱلَّذِى عَلَيْهِ ٱلْحَقُّ وَلْيَتَّقِ ٱللَّهَ رَبَّهُۥ وَلَا يَبْخَسْ مِنْهُ شَيْـًٔا ۚ فَإِن كَانَ ٱلَّذِى عَلَيْهِ ٱلْحَقُّ سَفِيهًا أَوْ ضَعِيفًا أَوْ لَا يَسْتَطِيعُ أَن يُمِلَّ هُوَ فَلْيُمْلِلْ وَلِيُّهُۥ بِٱلْعَدْلِ ۚ وَٱسْتَشْهِدُواْ شَهِيدَيْنِ مِن رِّجَالِكُمْ ۖ فَإِن لَّمْ يَكُونَا رَجُلَيْنِ فَرَجُلٌ وَٱمْرَأَتَانِ مِمَّن تَرْضَوْنَ مِنَ ٱلشُّهَدَآءِ أَن تَضِلَّ إِحْدَىٰهُمَا فَتُذَكِّرَ إِحْدَىٰهُمَا ٱلْأُخْرَىٰ ۚ وَلَا يَأْبَ ٱلشُّهَدَآءُ إِذَا مَا دُعُواْ ۚ وَلَا تَسْـَٔمُوٓاْ أَن تَكْتُبُوهُ صَغِيرًا أَوْ كَبِيرًا إِلَىٰٓ أَجَلِهِۦ ۚ ذَٰلِكُمْ

أَقْسَطُ عِندَ ٱللَّهِ وَأَقْوَمُ لِلشَّهَـٰدَةِ وَأَدْنَىٰٓ أَلَّا تَرْتَابُوٓا۟ إِلَّآ أَن تَكُونَ تِجَـٰرَةً حَاضِرَةً تُدِيرُونَهَا بَيْنَكُمْ فَلَيْسَ
عَلَيْكُمْ جُنَاحٌ أَلَّا تَكْتُبُوهَا ۗ وَأَشْهِدُوٓا۟ إِذَا تَبَايَعْتُمْ ۚ وَلَا يُضَآرَّ كَاتِبٌ وَلَا شَهِيدٌ ۚ وَإِن تَفْعَلُوا۟ فَإِنَّهُۥ فُسُوقٌۢ بِكُمْ ۗ
وَٱتَّقُوا۟ ٱللَّهَ ۖ وَيُعَلِّمُكُمُ ٱللَّهُ ۗ وَٱللَّهُ بِكُلِّ شَىْءٍ عَلِيمٌ

"Эй касоне, ки имон овардаед, агар ба ҳамдигар то муддати муайяне қарзе додед, барои ҳифзи мол ва дафъи низоъ онро бинависед ва бояд нависанда бо адл бинависад! Ва ҳеҷ котибе набояд ба хотири хешовандӣ ё душманӣ аз навиштани он, он гунае, ки Аллоҳ ба ӯ омӯхтааст, даст бикашад. Пас бояд бинависад ва касе, ки ҳақ бар ӯст (яъне қарзгиранда) имло кунад ва нависанда аз Парвардигораш битарсад ва чизе аз он кам накунад. Пас агар қарзгиранда шахси беақл ва нодон ё нотавон буд ё наметавонист имло кунад, бояд сарпарасти ӯ бо (риояи) адолат имло кунад ва ду шоҳид аз мардонатонро бар ин қарордод шоҳид бигиред. Агар ду мард набошад, як марду ду зан аз миёни шоҳидоне, ки ба адолати онон розӣ ҳастед, гувоҳ бигиред, то агар яке аз он ду зан фаромӯш кард, дигараш ба ӯ ёдоварӣ кунад. Ва ҳангоме, ки гувоҳон барои шоҳидӣ даъват шаванд, набояд аз омадан худдорӣ кунанд. Ва аз навиштани қарз то саррасидаш (ё муддати пардохташ) хоҳ маблағи кам бошад ё зиёд, озурда ва дилгир нашавед! Ин навиштан дар назди Аллоҳ ба адолат наздиктар ва барои гувоҳӣ додан устувортар мебошад ва инчунин барои он, ки дар миқдор ва муддати қарз дучори шак нашавед (чун ба адолат наздиктар аст). Магар ин ки савдои нақдие бошад, ки байни худ даст ба даст мекунед, пас дар ин сурат бар шумо гуноҳе нест, ки онро нанависед. Ва чун хариду фурӯши нақдӣ кардед, барои дур шудан аз низоъ бояд шоҳид бигиред ва набояд нависанда ва шоҳид ҳеҷ ранҷу зиёне бубинанд.

**Агар чунин коре кунед, аз фармони Аллоҳ сарпечӣ кардаед! Ва аз Аллоҳ битарсед ва Аллоҳ (некии дунёву охиратро) ба шумо таълим медиҳад ва Аллоҳ бар ҳама чиз доност!"** [Бақара, 282]

*Иршодоти оят:*

1. Аллоҳи бузург дар ин оят бандагонашро барои ҳифз ва ҳуқуқи якдигар роҳнамоӣ кардааст.

2. Аҳамияти навистан ва 2-шоҳид гирифтан дар муомилоти молӣ дар шариъат.

3. Фарз будани адолат дар тамоми гуфтору кирдор, зеро аз сифоти зарурии мӯъминон мебошад.

4. Ишора барои ҳифзи моли якдигар, зеро яке аз мақсадҳои шариъат ба ҳисоб меравад.

5. Хабари Аллоҳи бузург аст, ки шоҳидии 2-зан баробар бо шоҳидии як мард аст.

6. Ишора бар ин аст, ки шоҳидии 2-зан танҳо дар ҳоле қабул аст, ки мард набошад ва ин ҳам танҳо дар муомилоти молӣ, на дар шароити дигар.

7. Тақво ва тарси Аллоҳ, яке аз сабабҳои ба даст овардани илм мебошанд.

**12-ум Нидо:**

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ إِن تُطِيعُواْ فَرِيقًا مِّنَ ٱلَّذِينَ أُوتُواْ ٱلۡكِتَـٰبَ يَرُدُّوكُم بَعۡدَ إِيمَـٰنِكُمۡ كَـٰفِرِينَ

**"Эй касоне, ки имон (ба Аллоҳ ва Расулаш) овардаед, агар ба гурӯҳе аз аҳли китоб итоат кунед, шуморо баъд аз имонатон ба куфр бозмегардонанд!"** [Оли Имрон, 100]

*Иршодоти оят:*

1. Чигунае, ки ба нидои Аллоҳ гӯш андохтан воҷиб аст, амал кардан ба амрҳо ва дурӣ аз манъкардаҳояш низ воҷиб аст.

2. Ифтихори мӯъмин бар ин ки Аллоҳи бузург, нидояш кардааст.

3. Ин оят далолаткунанда бар ҳифз ва комил кардани имон дар дин мебошад.

4. Хабари Аллоҳ дар хусуси аҳли китоб, ки муҳимтарин мақсади онҳо, аз дин хориҷ кардани мӯъминон мебошад.

5. Итоати кофирон - ин мухолиф бо камоли имондорист.

6. Кӯшиши кофирон барои баровардани мӯъмин аз динаш. Ҳар қадаре, ки имондории мӯъмин зиёд шавад, ҳирси кофир барои халал расондан бар имони мӯъмин низ зиёдтар мешавад.

7. Дарк намудани кофирон бар бузургии имон ва душманӣ карданашон бар аҳли имон.

**13-ум Нидо:**

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ ٱتَّقُواْ ٱللَّهَ حَقَّ تُقَاتِهِۦ وَلَا تَمُوتُنَّ إِلَّا وَأَنتُم مُّسۡلِمُونَ

**"Эй касоне, ки имон овардаед, аз Аллоҳ он гунае, ки шоистаи тарсидан аз Ӯст, битарсед ва намиред магар он, ки мусалмон бошед!"** (Оли Имрон, 102)

*Иршодоти оят:*

1. Аз лозимҳои имондорӣ ин аст, ки ҳаққи Аллоҳ бояд баҷо оварда шавад.

2. Тақво - амрҳои Аллоҳро баҷо овардан ва аз манъкардаҳош дурӣ ҷустан аст.

3. Бузургтарин ҳаққи Аллоҳ - ин якка ва ягона ибодат кардани Аллоҳ ва ба Ӯ чизеро шарик қарор надодан мебошад.

4. Амри илоҳист, ки то вақти марг бояд тақворо лозим гирифт.

5. Иршоди Аллоҳ аст, ки *"чигунае, ки инсон зиндагӣ мекунад, ҳамонгуна аз дунё мемирад."*

*6. Ибни Масъуд разияллоҳу анҳу мегӯяд: "Баҷо овардани тарси Аллоҳ, ин Аллоҳро ибодат кардан ва маъсияти Ӯ таъолоро накардан, зикрашро доимо кардан ва ҳаргиз Ӯ таъолоро фаромӯш накардан ва шукрашро доимо кардан ва Ӯ таъолоро ҳаргиз ношукрӣ накардан, мебошад." (Тафсири Ибни Касир, зери ҳамин оят)*

**14-ум Нидо:**

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَا تَتَّخِذُواْ بِطَانَةً مِّن دُونِكُمۡ لَا يَأۡلُونَكُمۡ خَبَالٗا وَدُّواْ مَا عَنِتُّمۡ قَدۡ بَدَتِ ٱلۡبَغۡضَآءُ مِنۡ أَفۡوَٰهِهِمۡ وَمَا تُخۡفِي صُدُورُهُمۡ أَكۡبَرُۚ قَدۡ بَيَّنَّا لَكُمُ ٱلۡأٓيَٰتِۖ إِن كُنتُمۡ تَعۡقِلُونَ

**"Эй касоне, ки имон овардаед, ба ҷуз мӯъминҳо (касеро) ҳамрози худ магиред! (Чунки ғайри мӯъминон) дар фитнаангезии байни шумо кӯтоҳӣ намекунанд, дӯст доранд, ки шумо дар ранҷу машаққат бошед. Ҳар оина душмании онҳо аз гуфтаҳояшон ошкор шуд ва ончи, ки дар дилҳояшон пинҳон медоранд, бузургтар аст. Ҳар оина барои шумо нишонаҳо баён кардаем, агар шумо оқил ҳастед!"** [Оли Имрон, 118]

*Иршодоти оят:*

1. Ибни Аббос разияллоҳу анҳу гуфтаанд: *"Аз мусалмонон мардумоне буданд, ки бо яҳудиён дӯстӣ, ҳамсоягӣ, ширхорагӣ ва рафтуомади хешутаборӣ мекарданд. Пас Аллоҳ ин оятро нозил кард ва мусалмононро аз розгӯӣ бо онон манъ кард, чунки ин ҳамнишиниҳо сабаби фитна ва шубҳа шуданаш мумкин буд."* (Тафсири Ибни Касир, зери ҳамин оят)

2. Ҳамрозу ҳамнишин нагирифтани ғайри мусалмон, аз воҷиботи имон аст.

3. Ошкор шудани buғзу адовати душманони дин, ки дар дилҳояшон ниҳон доранд.

4. Наҳйи Аллоҳ далолат бар ҳаром мекунад ва таркаш аз воҷиботи имондорист.

5. Тафаккур кардан дар амрҳои динӣ, аз воҷиботи имондорист.

**15-ум Нидо:**

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَا تَأۡكُلُواْ ٱلرِّبَوٰٓاْ أَضۡعَٰفٗا مُّضَٰعَفَةٗۖ وَٱتَّقُواْ ٱللَّهَ لَعَلَّكُمۡ تُفۡلِحُونَ. وَٱتَّقُواْ ٱلنَّارَ ٱلَّتِيٓ أُعِدَّتۡ لِلۡكَٰفِرِينَ. وَأَطِيعُواْ ٱللَّهَ وَٱلرَّسُولَ لَعَلَّكُمۡ تُرۡحَمُونَ

**"Эй касоне, ки имон овардаед, рибоҳо (бо суди) чанд баробар зиёд нахӯред ва аз Аллоҳ битарсед, то ки растагор шавед. Ва битарсед аз оташе, ки барои кофирон омода шудааст. Ва аз Аллоҳу Расулаш итоат кунед, то ки мавриди раҳмати Аллоҳ қарор гиред!"** (Оли Имрон, 130-132)

*Иршодоти оятҳо:*

1. Ин дуввумин хитоби Аллоҳ бар мӯъминон аст, ки хӯрдан ва муомала бо рибоpo манъ мекунад.

2. Тарк кардани ҳама навъҳои рибо, ин нишонаи имондорӣ ва тақвои шахс мебошад.

3. Ҳаром будани миқдори кам ва миқдори зиёди рибо.

4. Ваъид ва таҳдиди илоҳӣ бар азоби сахт барои рибохӯрон.

5. Ишора бар ин, ки рибо аз амалҳои бади ҷоҳилият буда ва натиҷааш зулм ва қашшоқист.

6. Тарки рибо ва дурӣ аз ҳар намуди он, сабаби рушди иқтисод ва наҷоти муслимин аст.

7. Рушди тиҷорат низ муслиминро ба комёбиҳои бузурги динӣ ва дунявӣ мерасонад.

8. Итоати Аллоҳу Расулаш салаллаллоҳу алайҳи ва саллам сабаби раҳмати илоҳист.

**16-ум Нидо:**

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ إِن تُطِيعُواْ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ يَرُدُّوكُمۡ عَلَىٰٓ أَعۡقَـٰبِكُمۡ فَتَنقَلِبُواْ خَـٰسِرِينَ. بَلِ اللَّهُ مَوْلَاكُمْ ۖ وَهُوَ خَيْرُ النَّاصِرِينَ

**"Эй касоне, ки имон овардаед, агар аз касоне, ки куфр варзидаанд пайравӣ кунед, шуморо (ба дини пешинаатон) бозмегардонанд, онгоҳ аз ҷумлаи зиёнкорон мегардед! Балки Аллоҳ ёридиҳандаи шумост ва Ӯ беҳтарини ёридиҳандагон аст!"** [Оли Имрон, 149-150]

*Иршодоти оятҳо:*

1. Ин дуввумин хитоби Аллоҳ бар мӯъминон барои дурӣ ҷустан аз ғайри мӯъминон аст.

2. Такрори сухани Аллоҳ, ин таъкид аст ва баёнгари хатари пайравӣ ва дустӣ бо ғайри мӯъминҳост.

3. Вақте, ки Аллоҳ дӯстӣ ва пайравӣ бо кофиронро манъ кард, баъдан баён намуд, ки Ӯ нусратдиҳандаи мӯъминони ҳақиқист. Яъне Аллоҳ замоне мӯъминонро нусрат медиҳад, ки аз дӯстӣ ва пайравӣ бо кофирон парҳез кунанд.

4. Барои устувор мондан дар дин, доимо гуфтани ин ҷумлаи воридшуда аз Пайғамбарамон саллаллоҳу алайҳи ва саллам лозим аст:

يا مُقلِّبَ القلوبِ ثبِّت قلبي على دينِكَ

"Ё муқаллиб-ал-қулуб саббит қалбий ала диника" (***Эй баргардонандаи дилҳо, дили манро дар динат устувор нигаҳ бидор***). (Саҳеҳи Тирмизи, 3522)

**17-ум Нидо:**

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَا تَكُونُواْ كَٱلَّذِينَ كَفَرُواْ وَقَالُواْ لِإِخۡوَٰنِهِمۡ إِذَا ضَرَبُواْ فِى ٱلۡأَرۡضِ أَوۡ كَانُواْ غُزًّى لَّوۡ كَانُواْ عِندَنَا مَا مَاتُواْ وَمَا قُتِلُواْ لِيَجۡعَلَ ٱللَّهُ ذَٰلِكَ حَسۡرَةً فِى قُلُوبِهِمۡۗ وَٱللَّهُ يُحۡىِۦ وَيُمِيتُۗ وَٱللَّهُ بِمَا تَعۡمَلُونَ بَصِيرٌ

**"Эй касоне, ки имон овардаед, монанди афроде набошед, ки куфр варзиданд ва дар бораи бародаронашон ҳангоме, ки (дар пайи касби рӯзӣ) ба сафар рафтанд (ва мурданд) ё дар ҷанг ширкат карданд (ва кушта шуданд), гуфтанд: "Агар онҳо назди мо мебуданд, намемурданд ва кушта намешуданд". Ин эътиқод дар вуҷудашон ниҳода шуд, то Аллоҳ таъоло ин суханро дар дили онҳо**

**ҳасрате гардонд. Ва Аллоҳ зинда мекунад ва мемиронад ва Аллоҳ таъоло ба ончи мекунед, биност."** [Оли Имрон, 156]

*Иршодоти оят:*

1. Манъи Аллоҳ ба монанд ва ташбеҳ шудан дар эътиқоду қавл ва феъли кофирон.

2. Амри илоҳӣ бар имон овардан ба тақдири некӣ ва бадӣ.

3. Ҳаргиз нагуфтани калимаи *"агар чунин ва чунон мекардам, чунин мешуд."* Чунки ***"агар"*** дарвозаҳои кори шайтонро мекушояд.

4. Исботи ном ва сифоти Аллоҳ, ***"ал-Ҳай"*** (Зинда), ***"ал-Мумит"*** (миронанда) ва ***"ал-Басир"*** (бинанда).

**18-ум Нидо:**

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ ٱصْبِرُوا۟ وَصَابِرُوا۟ وَرَابِطُوا۟ وَٱتَّقُوا۟ ٱللَّهَ لَعَلَّكُمْ تُفْلِحُونَ

**"Эй касоне, ки имон овардаед, (бар таколифи динӣ ва ранҷҳои дунявӣ) шикебоӣ варзед ва (дар баробари душманон) пойдор бошед ва парҳезгорӣ пеша кунед, бошад, ки растагор шавед."** [Оли Имрон, 200]

*Иршодоти оят:*

1. Амри Аллоҳ ба сабр, мусобара, муробата ва ба тақво дар тамоми ҳолатҳои ҳаёти мӯъмин.

2. ***Сабр*** - ҳабси нафс дар амрҳо, манъкардаҳо ва тақдироти илоҳӣ.

3. ***Мусобара*** - мудовамат кардан дар муқобили мусибатҳо.

4. ***Муробата*** - мудовамат кардан дар макони ибодат ва барои ҳимояи марз дар ҳолати омодабош қарор доштан.

5. ***Тақво*** - амр ва манъкардаҳои илоҳиро мувофиқи шариъат баҷо овардан.

6. Сабру мусобара ва муробатаву тақво дар шариъат, сабабҳои асосии наҷоту саодатмандӣ дар дунёву охиратанд.

**19-ум Нидо:**

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَا يَحِلُّ لَكُمۡ أَن تَرِثُواْ ٱلنِّسَآءَ كَرۡهٗاۖ وَلَا تَعۡضُلُوهُنَّ لِتَذۡهَبُواْ بِبَعۡضِ مَآ ءَاتَيۡتُمُوهُنَّ إِلَّآ أَن يَأۡتِينَ بِفَٰحِشَةٖ مُّبَيِّنَةٖۚ وَعَاشِرُوهُنَّ بِٱلۡمَعۡرُوفِۚ فَإِن كَرِهۡتُمُوهُنَّ فَعَسَىٰٓ أَن تَكۡرَهُواْ شَيۡـٔٗا وَيَجۡعَلَ ٱللَّهُ فِيهِ خَيۡرٗا كَثِيرٗا

**"Эй касоне, ки имон овардаед, барои шумо ҳалол нест, ки занон (-и падар ё бародаронатон)-ро бар хилофи майлашон мерос бигиред ва онҳо нохуш бошанд (ё маҷбур ба издивоҷ бо дигарон кунед). Ва (дар мавриди ҳамсарони худатон низ ҳукм ин аст, ки)ононро зери фишор қарор надиҳед, то бархе аз он чиро, ки (маҳрия) ба онҳо додаед, бозпас бигиред, магар ин ки муртакиби гуноҳи ношоистаи ошкоре (монанди зино) шаванд. Ва бо онон (занони покдомани худ) накӯгуфтор бошед ва ба таври шоиста рафтор кунед ва агар аз онон (хушатон наёмад ва) кароҳат доштед (пас сабр кунед). Чи басо чизеро хуш намедоред ва Аллоҳ таъоло хайри бисёре дар он қарор медиҳад."** [Нисо, 19]

*Иршодоти оят:*

1. То омадани дини Ислом зане, ки шавҳараш мемурд, агар зебо мебуд наздикони шавҳар ба никоҳи худ медароварданд ва ё ба касе, ки онҳо мехостанд, медоданд. Пас Аллоҳ зани мусалмонро ҳуқуқи ихтиёр дар интихоби шавҳар дод.

2. Ризогии зан, як шарти асосии никоҳи исломӣ қарор гирифт.

3. Манъи бозпас гирифтани маҳри исломӣ, ки пешпардохт шудааст, магар дар ҳолатҳои истисноӣ.

4. Беҳтарини ахлоқ дар Ислом, ин муносибати нек бо ҳамсарон аст.

5. Васияти Аллоҳ ба сабр намудан ҳангоми дӯст надоштани ҳамсар, бо умеди хайру баракати оянда, шояд аз ҳамзистӣ бо вай фарзандоне биоянд, ки сабаби хушбахтии дунё ва охират шаванд. Аллоҳ бузург ва доност.

**20-ум Нидо:**

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَا تَأۡكُلُوٓاْ أَمۡوَٰلَكُم بَيۡنَكُم بِٱلۡبَٰطِلِ إِلَّآ أَن تَكُونَ تِجَٰرَةً عَن تَرَاضٖ مِّنكُمۡۚ وَلَا تَقۡتُلُوٓاْ أَنفُسَكُمۡۚ إِنَّ ٱللَّهَ كَانَ بِكُمۡ رَحِيمٗا

**"Эй касоне, ки имон овардаед, амволи якдигарро ба ботил (мисли ғасбу дуздӣ ва ришваву пора) нахӯред, магар ин ки тиҷорате бо ризоияти шумо (анҷом гирифта) бошад ва (ҳамчунин) якдигарро накушед ва худкушӣ накунед, ҳамоно Аллоҳ таъоло бо шумо меҳрубон аст (ва шуморо аз ин корҳои бад боз медорад!)."** [Нисо, 29]

*Иршодоти оят:*

1. Ҳаром будани хӯрдани моли ғайр ва бегона бо роҳҳои ғайримашрӯъ.

2. Ҳаром будани худкушӣ ва куштани дигар инсон бе ҳукми шаръӣ.

3. Ҳифзи молу ҷон дар шариат, аз заруриёти куллиёти панҷгонаанд. Ҳифзи онҳо дар шариъат фарз буда ва аз ҷумлаи 5-мақсадҳо ва зарурриёте ҳастанд, ки шариъат дар асл ба хотири ҳифзи онҳо нозил шудааст. Ин мақсадҳо ва зарурриёти панҷгонаро ҳифзи дин, ҳифзи нафс (ё ҳифзи ҷон), ҳифзи ақл, ҳифзи насл ва ҳифзи мол шомил мешаванд.

4. Ҳалол будани тиҷорат бо шарти розигии тарафҳо дар муомилот ва дурӣ аз фиребу ҳила.

5. Исботи номи ***"ар-Раҳим"*** (Бахшанда) ва исботи сифати ***"ар-Раҳмат"*** барои Аллоҳи бузург.

6. Аз раҳмату меҳрубонии Аллоҳ аст, ки моро барои ҳифзи молу ҷони худ ва дигарон амр кардааст.

**21-ум Нидо:**

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَا تَقۡرَبُواْ ٱلصَّلَوٰةَ وَأَنتُمۡ سُكَٰرَىٰ حَتَّىٰ تَعۡلَمُواْ مَا تَقُولُونَ وَلَا جُنُبًا إِلَّا عَابِرِي سَبِيلٍ حَتَّىٰ تَغۡتَسِلُواْۚ وَإِن كُنتُم مَّرۡضَىٰٓ أَوۡ عَلَىٰ سَفَرٍ أَوۡ جَآءَ أَحَدٞ مِّنكُم مِّنَ ٱلۡغَآئِطِ أَوۡ لَٰمَسۡتُمُ ٱلنِّسَآءَ فَلَمۡ تَجِدُواْ مَآءٗ فَتَيَمَّمُواْ صَعِيدٗا طَيِّبٗا فَٱمۡسَحُواْ بِوُجُوهِكُمۡ وَأَيۡدِيكُمۡۗ إِنَّ ٱللَّهَ كَانَ عَفُوًّا غَفُورًا

**"Эй касоне, ки имон овардаед, дар ҳоли мастӣ ба намоз наздик нашавед, то замоне, ки бидонед чи мегӯед ва (ҳамчунин) ҳангоме, ки ҷунуб ҳастед, то ғусл накардаед, ба намоз (ва масҷид) наздик нашавед, магар он ки раҳгузар бошед. Ва агар бемор ё мусофир будед ё яке аз шумо аз макони қазои ҳоҷат омад ё бо занон омезиш кардед ва (барои вузӯ ё ғусл) об наёфтаед, пас бо хоки пок таяммум кунед, [ба ин равиш, ки] чеҳра ва дастҳоятонро [бо он] маҳс намоед. Бегумон, Аллоҳ таъоло бахшояндаи омурзгор аст".** [Нисо, 43]

*Иршодоти оят:*

1. Амри Аллоҳи бузург оиди наздик нашудани шахси майнушидагӣ ба намоз ва масҷид. (Ин ҳукм пеш аз ҳаром будани машруботи мадҳушкунанда буд!)

2. Зарурати дар намоз бо хушӯъ ба қироат ва рукнҳои он диққат додан, то ин ки дарккунӣ, ки чи мехонӣ ва ибодати киро мекунӣ.

3. Воҷиб будани ғусли ҷанобат барои ҳар як мусалмон, аммо ҳангоми набудани об ё ҳангоми бемори̣, дар замини хоки̣ таяммум кардан аст. Тарзи таяммум, ин дастонро бар замин 1-маротиба зарба зада, бар рӯй ва дастон маҳс кардан аст.

4. Шиносои̣ бо ном ва сифати Аллоҳ, **"ал-Ғафур"** (Авфкунанда) ва **"ар-Раҳим"** (омурзгор).

**22-юм Нидо:**

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ أَطِيعُواْ ٱللَّهَ وَأَطِيعُواْ ٱلرَّسُولَ وَأُوْلِى ٱلْأَمْرِ مِنكُمْ ۖ فَإِن تَنَـٰزَعْتُمْ فِى شَىْءٍ فَرُدُّوهُ إِلَى ٱللَّهِ وَٱلرَّسُولِ إِن كُنتُمْ تُؤْمِنُونَ بِٱللَّهِ وَٱلْيَوْمِ ٱلْـَٔاخِرِ ۚ ذَٰلِكَ خَيْرٌ وَأَحْسَنُ تَأْوِيلًا

**"Эй касоне, ки имон овардаед, итоат кунед Аллоҳро, итоат кунед Паёмбарро ва сардоронро (фармондеҳони мусулмони худро) ва агар дар чизе ихтилоф кардед, бигардонед онро ба (китоби) Аллоҳ ва (суннати) Расулуллоҳ, агар ба Аллоҳ ва рӯзи қиёмат имон доред. (Яқин дошта бошед, ки) Ин (бозгашт ва Қуръону суннат бароятон) беҳтар ва хушфарҷомтар аст."** [Нисо, 59]

*Иршодоти оят:*

1. Аллоҳи бузург мӯъминонро ба итоати мутлақи Аллоҳ ва Расулаш саллаллоҳу алайҳи ва саллам амр мекунад.

2. Амри Аллоҳ барои итоати амри роҳбарон ва сардорони мусалмон. (Ҳангоме, ки дар амрашон маъсияти Аллоҳ набошад!).

3. Амри Аллоҳ ба пайрави̣ аз Қуръон ва суннати Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар ҳама ҳолат ва хусусан ҳангоми ихтилофҳо.

4. Як шарти имондори̣ ба Аллоҳ ва рӯзи қиёмат, ин пайрави̣ ба Қуръон ва суннат аст, ки ин пайрави̣ ба беҳтарин фарҷом мерасонад.

**23-юм Нидо:**

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ خُذُواْ حِذۡرَكُمۡ فَٱنفِرُواْ ثُبَاتٍ أَوِ ٱنفِرُواْ جَمِيعٗا

**"Эй касоне, ки имон овардаед, силоҳи худро баргиред, сипас гурӯҳ-гурӯҳ ё якҷоя (барои муқобила бо душман) раҳсипор гардед!"** [Нисо, 71]

*Иршодоти оят:*

1. Амр бар мӯъминон ҳангоми ҳолатҳои лозимӣ барои муқобила кардан бо душман.

2. Хитоби Аллоҳи бузург бар мӯъминон барои аз асбоби муносиб ва мавқифҳои (маконҳои) муҳорибавӣ дар муқобили душман кор гирифтан.

3. Мӯъмин бояд ба касе зарар надиҳад ва инчунин нагузорад, ки касе ба вай зарар расонад.

4. Амри Аллоҳ барои мӯъминон, ки доимо ҳушёру зирак ва боэҳтиёт бошанд, хусусан аз душманони дин.

5. Дурӣ, ҳазар ва эҳтиёт кардан, яке аз амрҳои илоҳӣ буда, бояд мӯъмин хеле ҳушёру зирак бошад.

**24-ум Нидо:**

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ إِذَا ضَرَبۡتُمۡ فِي سَبِيلِ ٱللَّهِ فَتَبَيَّنُواْ وَلَا تَقُولُواْ لِمَنۡ أَلۡقَىٰٓ إِلَيۡكُمُ ٱلسَّلَٰمَ لَسۡتَ مُؤۡمِنٗا تَبۡتَغُونَ عَرَضَ ٱلۡحَيَوٰةِ ٱلدُّنۡيَا فَعِندَ ٱللَّهِ مَغَانِمُ كَثِيرَةٞۚ كَذَٰلِكَ كُنتُم مِّن قَبۡلُ فَمَنَّ ٱللَّهُ عَلَيۡكُمۡ فَتَبَيَّنُوٓاْۚ إِنَّ ٱللَّهَ كَانَ بِمَا تَعۡمَلُونَ خَبِيرٗا

**"Эй касоне, ки имон овардаед, ҳангоме, ки дар роҳи Аллоҳ (барои ҷиҳод) раҳсипор шудед, (паҳлуҳои корро хуб) баррасӣ кунед**

**ва ба касе, ки изҳори салом ва сулҳу Ислом намуд, нагӯед: "Ту мӯъмин нестӣ", то (битавонед ӯро бикушед ва боигарӣ ва) сармояи нопойдори дунёиро ба даст оваред, зеро ғаниматҳои бисёре (барои шумо) назди Аллоҳ аст! Шумо низ қаблан инчунин будед (ва имонатонро пинҳон мекардед), сипас Аллоҳ бар шумо миннат ниҳод (ва ҳидоят шудед). Бинобар ин, ба дурустӣ баррасӣ кунед, (чаро ки) бетардид, Аллоҳ таъоло ба он чи анҷом медиҳед, огоҳ аст!"** [Нисо, 94]

*Иршодоти оят:*

1. Амр ба ҷиҳод бо эълони роҳбари мусалмонон дар асоси фармудаи шариат воҷиб мегардад, на бо фаҳми ҳар шахс аз пеши худ.

2. Тақво ва раҳму шафақат намудан дар ҷиҳод бо асир ва таслимшуда.

3. Ваъдаи Аллоҳ ба беҳтарин неъматҳои ҷаннат барои муттақиён.

4. Нигоҳе ба гузаштаи худ кардан, ки Аллоҳ мӯъминонро чигуна аз гумроҳӣ наҷот додааст.

5. Исботи номи Аллоҳ **"ал-Хабир"** (Бохабар), яъне аз ҳама амали пинҳон ва ошкори бандагон огоҳ ва бохабар аст.

**25-ум Нидо:**

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ كُونُواْ قَوَّٰمِينَ بِٱلْقِسْطِ شُهَدَآءَ لِلَّهِ وَلَوْ عَلَىٰٓ أَنفُسِكُمْ أَوِ ٱلْوَٰلِدَيْنِ وَٱلْأَقْرَبِينَ ۚ إِن يَكُنْ
غَنِيًّا أَوْ فَقِيرًا فَٱللَّهُ أَوْلَىٰ بِهِمَا ۖ فَلَا تَتَّبِعُواْ ٱلْهَوَىٰٓ أَن تَعْدِلُواْ ۚ وَإِن تَلْوُۥٓاْ أَوْ تُعْرِضُواْ فَإِنَّ ٱللَّهَ كَانَ بِمَا
تَعْمَلُونَ خَبِيرًا

**"Эй касоне, ки имон овардаед, барподорандаи адолат бошед ва ба хотири Аллоҳ шаҳодат диҳед, агарчи ба зиёни худатон ё падару модар ва наздиконатон бошад. Агар (яке аз ду тарафи даъво)**

**тавонгар ё фақир бошад, (боз ҳам бидонед, ки) Аллоҳ таъоло аз шумо ба он ду нафар сазовортар аст. Пас аз ҳавои нафсатон пайравӣ накунед, ки (аз ҳақ) мунҳариф мешавед. Ва агар забонро бигардонед (ва ҳақро таҳриф кунед) ё (аз изҳори ҳақ) худдорӣ кунед, пас яқинан Аллоҳ таъоло ба он чи анҷом медиҳед, огоҳ аст!"** [Нисо, 135]

*Иршодоти оят:*

1. Амри Аллоҳ бар адолат барои мӯъминоне, ки дар байни тарафҳо шоҳид (ё довар) мешаванд.

2. Афзал будани шоҳидии барҳақ дар Ислом, зеро шоҳидии барҳақ аз ҳама фоидаҳои шахсӣ ва хешутаборӣ, гарчанде бар зиёни худи шахс ҳам бошанд, афзалтар ва болотар аст.

3. Таҳзири (ҳазар кунонидани) мӯъминон аз гуфтани дурӯғ ва инкори ҳақ ба хотири фоидаҳои дунявӣ ва ё эҳтироми хешутаборӣ.

4. Исботи номи Аллоҳ, **"ал-Хабир"** (Бохабар, Огоҳ).

**26-ум Нидо:**

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ ءَامِنُواْ بِٱللَّهِ وَرَسُولِهِۦ وَٱلۡكِتَٰبِ ٱلَّذِى نَزَّلَ عَلَىٰ رَسُولِهِۦ وَٱلۡكِتَٰبِ ٱلَّذِىٓ أَنزَلَ مِن قَبۡلُۚ وَمَن يَكۡفُرۡ بِٱللَّهِ وَمَلَٰٓئِكَتِهِۦ وَكُتُبِهِۦ وَرُسُلِهِۦ وَٱلۡيَوۡمِ ٱلۡأٓخِرِ فَقَدۡ ضَلَّ ضَلَٰلَۢا بَعِيدًا

**"Эй касоне, ки имон овардаед, ба Аллоҳ ва Паёмбараш ва китобе, ки ба Расулаш нозил кардааст ва китобе, ки пеш аз ин фиристодааст, имон биёваред! Ва ҳар, ки ба Аллоҳ ва малоикаҳояш ва китобҳову Паёмбаронаш ва ба рӯзи қиёмат куфр биварзад, ба таҳқиқ дар гумроҳии дуру дарозе афтодааст."** [Нисо, 136]

*Иршодоти оят:*

1. Ба Аллоҳ, ба Расулон ва ба ҳама китобҳои нозилнамудаи Аллоҳ имон овардан фарз аст.

2. Боварӣ надоштан ба Аллоҳ, ба малоикаҳояш, ба китобҳову Паёмбаронаш ва ба рӯзи қиёмат, аз ҷумлаи куфри инкор ба ҳисоб меравад.

3. Амри Аллоҳи бузург барои эътиқод доштан ба аркони имони шашгона. Яъне имон овардан ба Аллоҳ таъоло, имон овардан ба фариштагон, имон овардан ба ҳамаи китобҳои илоҳӣ, имон овардан ба ҳамаи Паёмбарони илоҳӣ, имон овардан ба рӯзи қиёмат ва имон овардан ба тақдири некӣ ва бадӣ, ки аз ҷониби Аллоҳ таъолост.

4. Надоштани боварӣ ба аркони имон, сабаби гумроҳӣ дар дунё ва охират мебошад.

**27-ум Нидо:**

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَا تَتَّخِذُواْ ٱلْكَـٰفِرِينَ أَوْلِيَآءَ مِن دُونِ ٱلْمُؤْمِنِينَۚ أَتُرِيدُونَ أَن تَجْعَلُواْ لِلَّهِ عَلَيْكُمْ سُلْطَـٰنًا مُّبِينًا

**"Эй касоне, ки имон овардаед, кофиронро ба ҷои мӯъминон дӯстони худ нагиред! Оё мехоҳед, ки барои Аллоҳ далели ошкоре бар зиёни худ падид оваред?"** [Нисо, 144]

*Иршодоти оят:*

1. Аллоҳ амр мекунад, ки набояд мӯъмин аз ғайри мӯъминон дӯстоне барои худ бигирад, чунки ин амал монанд ба сифати бади мунофиқон мешавад. (Тафсири Сиъдӣ)

2. Манъи мушобиҳатӣ ба мунофиқон ва кофирон дар умум, аз ҷумла мушобаҳати бо кофирон дар рафтору гуфтор ва кирдори онҳо.

3. Аллоҳ мӯъминонро барои пайравӣ аз роҳу равиши кофирон, ҳушдор ба азоби сахт медиҳад.

4. Дар ин оят далели камоли адли Аллоҳ аст, ки касеро азоб намекунад, магар ин ки аввал далелу ҳуҷҷаташро пеш меорад.

**28-ум Нидо:**

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ أَوۡفُواْ بِٱلۡعُقُودِۚ أُحِلَّتۡ لَكُم بَهِيمَةُ ٱلۡأَنۡعَٰمِ إِلَّا مَا يُتۡلَىٰ عَلَيۡكُمۡ غَيۡرَ مُحِلِّي ٱلصَّيۡدِ وَأَنتُمۡ حُرُمٌۗ إِنَّ ٱللَّهَ يَحۡكُمُ مَا يُرِيدُ

**"Эй касоне, ки имон овардаед, ба аҳдҳо вафо кунед. (Хӯрдани гӯшти) Чаҳорпоён бар шумо ҳалол аст, магар он чи (ҳукмаш) бар шумо хонда шавад ва дар ҳоли эҳром шикорро ҳалол нашуморед. Ба дурустӣ, Аллоҳ ҳарчи мехоҳад, ҳукм мекунад."** [Моида, 1]

*Иршодоти оят:*

1. Аллоҳ мӯъминонро ба вафо кардан ба аҳдҳо ва паймонҳое, ки миёни бандагон бо Парвардигор ва миёни Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам бо тамоми мӯъминон бастаанд, амр мекунад. Аз ҷумлаи аҳдҳои бандагон бо Аллоҳ таъоло, ин шинохти Аллоҳ таъоло, ибодат кардани Аллоҳ таъоло ба ягонагиаш, ибодат кардани Ӯ таъолоро тибқи суннати Расулаш саллаллоҳу алайҳи ва саллам мебошанд. Ҳамчунин аҳд ва паймоне, ки миёни Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ва тамоми мӯъминин баста шудааст, ин итоат кардан, бовар кардан, тасдиқ кардани хабарҳояш, амрҳояшро баҷо овардан, он чизе, ки манъ кардааст, аз он дурӣ кардан, суннатонашро баҷо овардан ва ба дигарон расонидан ва амсоли инҳо мебошад.

2. Ин раҳмати Аллоҳ аст, ки ҳалол гардонидааст гӯшти чорпоёнро, ба монанди шутур, гов, гӯсфанд, ғайри чорпоёне, ки ҳукми ҳаром

буданашон хонда шудааст. Дар ҳангоми эҳром будан барои ҳаҷ ё умра, шикори ҳайвонот ҳалол нест.

3. Ҳукмҳои ҳалол ва ҳаромро Аллоҳ чигунае, ки бихоҳад ҳукм мекунад, касе наметавонад эътироз кунад.

4. Ҳукми ҳалол будани шикор, ғайр аз ҳолатҳое, ки манъ карда шудааст.

5. Исботи сифати **"Ирода"** (хости Аллоҳ) ва феъли **"Юрид"** (анҷомдиҳандаи ҳар амале, ки бихоҳад) барои Аллоҳ.

**29-ум Нидо:**

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ لَا تُحِلُّوا۟ شَعَـٰٓئِرَ ٱللَّهِ وَلَا ٱلشَّهْرَ ٱلْحَرَامَ وَلَا ٱلْهَدْىَ وَلَا ٱلْقَلَـٰٓئِدَ وَلَآ ءَآمِّينَ ٱلْبَيْتَ ٱلْحَرَامَ يَبْتَغُونَ فَضْلًا مِّن رَّبِّهِمْ وَرِضْوَٰنًا ۚ وَإِذَا حَلَلْتُمْ فَٱصْطَادُوا۟ ۚ وَلَا يَجْرِمَنَّكُمْ شَنَـَٔانُ قَوْمٍ أَن صَدُّوكُمْ عَنِ ٱلْمَسْجِدِ ٱلْحَرَامِ أَن تَعْتَدُوا۟ ۘ وَتَعَاوَنُوا۟ عَلَى ٱلْبِرِّ وَٱلتَّقْوَىٰ ۖ وَلَا تَعَاوَنُوا۟ عَلَى ٱلْإِثْمِ وَٱلْعُدْوَٰنِ ۚ وَٱتَّقُوا۟ ٱللَّهَ ۖ إِنَّ ٱللَّهَ شَدِيدُ ٱلْعِقَابِ

**"Эй мӯъминон, ҳурмати нишонаҳои Аллоҳ ва моҳи ҳаромро (яъне ҷанг накардан дар моҳҳои раҷаб, зулқаъда, зулҳиҷҷа ва муҳаррам) ва қурбониҳои нишондор ва бенишонро ва касонеро, ки қасди омадан ба Байтулҳаромро доранд ва аз Парвардигори худ фазлу хушнудӣ металабанд, машиканед. Ва чун аз эҳром хориҷ шудед шикор кунед ва душманӣ ба қавме, ки шуморо аз Масҷидуҳаром боздоштанд, водоратон насозад, ки аз ҳадди хеш таҷовуз кунед ва аз онон интиқом бигиред. Ва бар некӯкорӣ ва парҳезгорӣ бо якдигар ёрӣ кунед ва бар гуноҳу ситам бо якдигар ёрӣ макунед. Аз Аллоҳ битарсед, ки Ӯ таъоло ба азоби сахт уқубат мекунад."** [Моида, 2]

*Иршодоти оят:*

1. Гиромидошти моҳҳои ҳаром - муҳаррам, раҷаб, зулқаъда ва зулҳиҷҷа.

2. Ҳаром будани баъзе амалҳо ҳангоми дар эҳром будани шахси ҳаҷкунанда.

3. Манъ аз ҷангу ҷидол дар моҳҳои ҳаром.

4. Манъи садди роҳ шудан ба ҳар гуна шахсоне, ки ба нияти зиёрати Байтуллоҳ ба Макка дохил мешаванд.

5. Ҳалол будани шикор баъди аз эҳром баромадан.

6. Манъи қасосгирӣ аз қавме, ки дар гузашта душманӣ кардаанд, ки ин амр ба сулҳҷӯ будани дини Ислом шаҳодат медиҳад.

7. Воҷиб будани ёриву ҳамкорӣ дар накӯкориву тақво ва қатъан дур истодан аз гуноҳ ва душманӣ. Накӯкорӣ ҳамаи амалҳоеанд, ки Аллоҳ онҳоро дӯст медорад ва тақво бошад, тарки тамоми амалҳоест, ки Аллоҳ онҳоро дӯст намедорад.

8. Ҳушдорӣ аз уқубати амалҳои бад ва тарс аз Аллоҳи бузург.

**30-юм Нидо:**

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ إِذَا قُمۡتُمۡ إِلَى ٱلصَّلَوٰةِ فَٱغۡسِلُواْ وُجُوهَكُمۡ وَأَيۡدِيَكُمۡ إِلَى ٱلۡمَرَافِقِ وَٱمۡسَحُواْ بِرُءُوسِكُمۡ وَأَرۡجُلَكُمۡ إِلَى ٱلۡكَعۡبَيۡنِۚ وَإِن كُنتُمۡ جُنُبٗا فَٱطَّهَّرُواْۚ وَإِن كُنتُم مَّرۡضَىٰٓ أَوۡ عَلَىٰ سَفَرٍ أَوۡ جَآءَ أَحَدٞ مِّنكُم مِّنَ ٱلۡغَآئِطِ أَوۡ لَٰمَسۡتُمُ ٱلنِّسَآءَ فَلَمۡ تَجِدُواْ مَآءٗ فَتَيَمَّمُواْ صَعِيدٗا طَيِّبٗا فَٱمۡسَحُواْ بِوُجُوهِكُمۡ وَأَيۡدِيكُم مِّنۡهُۚ مَا يُرِيدُ ٱللَّهُ لِيَجۡعَلَ عَلَيۡكُم مِّنۡ حَرَجٖ وَلَٰكِن يُرِيدُ لِيُطَهِّرَكُمۡ وَلِيُتِمَّ نِعۡمَتَهُۥ عَلَيۡكُمۡ لَعَلَّكُمۡ تَشۡكُرُونَ

**"Эй касоне, ки имон овардаед, чун барои хондани намоз бархестед, рӯй ва дастҳоятонро то оринҷ бишӯед ва сари худро масҳ кашед, пойҳоятонро то банди по (буҷулак) бишӯед. Ва агар ҷунуб будед, худро пок созед (ғусл кунед). Ва агар бемор ё дар сафар будед ё аз ҷои қазои ҳоҷат омада будед ё бо занон (ҳамсаронатон) наздикӣ**

**карда будед ва об наёфтед, бо хоки пок ва ҳар он чизе, ки аз ҷинси замин бошад, таяммум кунед ва рӯю дастҳоятонро бо он масҳ кунед. Аллоҳ намехоҳад шумо дар ранҷ ва машаққат афтед, балки мехоҳад, ки шуморо пок созад ва неъматашро бар шумо тамом кунад, бошад, ки шукргузор шавед!"** [Моида, 6]

*Иршодоти оят:*

1. Таълими фарзҳои таҳорат, ки намоз бе он дуруст намешавад.

2. Тарзи пок шудан аз ҷанобат бо об ва таяммум. (Яъне пок кардани зоҳир бо об ё хок ва пок кардани ботин бо тавҳид ва тавбаи насӯҳ).

3. Меҳрубонии Аллоҳ бар мӯъминон аст, ки дар вақти беобӣ, беморӣ ё дар сафар, метавонанд таяммум кунанд. (Яъне бо дастҳо бар замин 1-маротиба зарба зада, рӯй ва дастонро масҳ кардан).

4. Воҷиб будани шукргузорӣ бар Аллоҳи бузург ва меҳрубон.

5. Далел аст, ки дини Ислом бар асоси осонӣ бино ёфтааст.

**31-ум Нидо:**

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ كُونُواْ قَوَّٰمِينَ لِلَّهِ شُهَدَآءَ بِٱلْقِسْطِۖ وَلَا يَجْرِمَنَّكُمْ شَنَـَٔانُ قَوْمٍ عَلَىٰٓ أَلَّا تَعْدِلُواْۚ ٱعْدِلُواْ هُوَ أَقْرَبُ لِلتَّقْوَىٰۖ وَٱتَّقُواْ ٱللَّهَۚ إِنَّ ٱللَّهَ خَبِيرُۢ بِمَا تَعْمَلُونَ

**"Эй касоне, ки имон овардаед, барои Аллоҳ таъоло ба адл бархезед ва ба адолат шаҳодат диҳед. Ва албатта, набояд душмании як гурӯҳ шуморо бар он водорад, ки адолат накунед. Адолат кунед, ки ин ба парҳезкорӣ наздиктар аст ва аз Аллоҳ битарсед! Ба таҳқиқ, Аллоҳ таъоло ба он чи анҷом медиҳед, огоҳ аст."** [Моида, 8]

*Иршодоти оят:*

1. Воҷиб будани адл барои мӯъмин, хоҳ бар фоида ва хоҳ бар зарараш бошад, хусусан ҳангоми шоҳидӣ ва ҳукм намудан.

2. Адл ба тақво мерасонад ва ноадлӣ бошад, ҳаргиз тақво ба ҳисоб намеравад.

3. Амри Аллоҳ ба тарс аз Ӯ дар рӯзи қиёмат, ин ки ҷазо аз рӯи амал мешавад. Ҳар амал мувофиқ бо худаш ҷазо дода мешавад, мисли амали нек бо ҷазои нек, амали бад бо ҷазои бад, амали хурд бо ҷазои хурд ва ғайра.

4. Исботи номи Аллоҳ **"ал-Хабир"** (Бохабар, Огоҳ).

5. Мӯъмин бояд доим адолатхоҳ бошад ва аз ғаразҳои шахсӣ дурӣ кунад.

**32-юм Нидо:**

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ ٱذۡكُرُواْ نِعۡمَتَ ٱللَّهِ عَلَيۡكُمۡ إِذۡ هَمَّ قَوۡمٌ أَن يَبۡسُطُوٓاْ إِلَيۡكُمۡ أَيۡدِيَهُمۡ فَكَفَّ أَيۡدِيَهُمۡ عَنكُمۡۖ وَٱتَّقُواْ ٱللَّهَۚ وَعَلَى ٱللَّهِ فَلۡيَتَوَكَّلِ ٱلۡمُؤۡمِنُونَ

**"Эй касоне, ки имон овардаед, неъмати Аллоҳро бар худ ба ёд оваред, он гоҳ, ки гурӯҳе (аз душманон) қасд карданд, ки ба сӯятон даст дароз кунанд, пас (Аллоҳ) дасташонро аз шумо боздошт. Ва аз Аллоҳ таъоло битарсед! Ва мӯъминон бояд танҳо бар Аллоҳ таваккул кунанд."** [Моида, 11]

*Иршодоти оят:*

1. Шукргузорӣ бар неъматҳои Аллоҳ, хусусан беҳтарини неъмат, ки ин дини Ислом аст. Инчунин сиҳату саломатӣ, ақлу фаҳм, вақтҳои ибодат низ аз ҷумлаи неъматҳои бузурганд.

2. Фаромӯш накардан, ки ҳама неъматҳо аз ҷониби Аллоҳи бузурганд, хусусан нусрат ёфтан бар кофирон, ки танҳо бо ёрии Аллоҳ муяссар мешавад.

3. Куфрони неъмат аз гуноҳони кабира аст, ки бояд аз ин кор парҳез кард ва аз Аллоҳ тарсид.

4. Дар ҳама ҳолат баъди истифода аз сабабҳо, сидқан ва бо умеду боварии комил ба Аллоҳи қаҳҳор таваккул кардан. Таваккул кардан ба Аллоҳ бар мӯъминон воҷиб аст.

5. Таваккул ин амали қалбӣ буда, як навъи ибодат аст.

6. Шукрони неъматҳои Аллоҳ, аз нишонаҳои имондорӣ ва тақводории ҳар як мӯъмин мебошад.

**33-юм Нидо:**

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ ٱتَّقُواْ ٱللَّهَ وَٱبۡتَغُوٓاْ إِلَيۡهِ ٱلۡوَسِيلَةَ وَجَـٰهِدُواْ فِى سَبِيلِهِۦ لَعَلَّكُمۡ تُفۡلِحُونَ

**"Эй касоне, ки имон овардаед, аз Аллоҳ битарсед ва (бо анҷоми корҳои нек) ба сӯи Ӯ барои тақарруб василa биҷӯед ва дар роҳи Аллоҳ ҷиҳод кунед, бошад, ки растагор шавед!"** [Моида, 35]

*Иршодоти оят:*

1. Аллоҳ таҳзир мекунад (ё ҳазар мекунонад) шахсонеро, ки барои тақарруб ҷустан, василаҳои ғайришаръӣ мегиранд.

2. Аллоҳ амр мекунад, ки ба сӯи Ӯ васила биҷӯем. Васила як амри шаръист ва беҳтарин васила ба номҳои Аллоҳ, ба амали солеҳ ва ба дуъои солеҳон аст.

3. Ҷиҳод дар роҳи Аллоҳ бояд ҳамроҳи имом (роҳбар, пешво) ё ноибаш вақто, ки ба он ҳоҷат шуд, сурат бигирад ва ин ҳам дар асоси дастуроти динӣ ва манофеи оммаи мусалмонон бояд бошад, на мувофиқи ҳавову ҳавас ё раъй ва отифа.

4. Васила як навъ ибодат буда, бояд мувофиқи дастуроти шариъат анҷом дода шавад.

5. Дар боби васила, бояд мӯъмин аз василаҳои худсохта, бидъатӣ ва ширкӣ дурӣ кунад, то ин ки дар бидъат ва ширку хурофот гирифтор нашавад.

**34-ум Нидо:**

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَا تَتَّخِذُواْ ٱلۡيَهُودَ وَٱلنَّصَـٰرَىٰٓ أَوۡلِيَآءَۘ بَعۡضُهُمۡ أَوۡلِيَآءُ بَعۡضٖۚ وَمَن يَتَوَلَّهُم مِّنكُمۡ فَإِنَّهُۥ مِنۡهُمۡۗ إِنَّ ٱللَّهَ لَا يَهۡدِي ٱلۡقَوۡمَ ٱلظَّـٰلِمِينَ

**"Эй касоне, ки имон овардаед, яҳуд ва насороро ба дӯстӣ нагиред! Онон дӯстони якдигаранд ва ҳар ки аз шумо бо онҳо дӯстӣ кунад, ба яқин, ки аз онҳост! Ҳамоно Аллоҳ гурӯҳи ситамгаронро ҳидоят намекунад!"** [Моида, 51]

*Иршодоти оят:*

1. Аллоҳе, ки холиқи ҳамаи мост ва зоҳиру ботини мо барояш ошкор аст ва ҳама неку бадро медонад, мӯъминонро аз дӯстию муҳаббат бо яҳуд ва насоро манъ мекунад.

2. Маҳз яҳудиён ва насрониён буданд, ки Паёмбарон ва пайравонашонро азият доданд.

3. Онҳо, яъне яҳудиён ва насрониён худ дӯстони якдигаранд, якдигарро ёрӣ мекунанд ва бар зидди мӯъминон якдасту якпорча шуда, мубориза мебаранд.

4. Мӯъмине, ки ба онҳо ҳамдилу ҳампаймон шуд, ба яқин аз зумраи онҳост ва ба худ ситам кардааст.

5. Аллоҳ ситамгаронро ҳидоят намекунад.

6. Исботи сифати **"ал-Ҳидоя"** (Ҳидоятгар, Роҳнамо) барои Аллоҳи бузург.

7. Дӯстӣ ва бародарӣ кардан бо кофирон, дар шариъат нишонаи беимонӣ ва золимӣ ба ҳисоб меравад.

8. Манъи Аллоҳ аз дӯст ва ҳампаймон гирифтани ғайри мӯъминон, ишора барои ҳифзи дини ҳар як мӯъмин аст.

**35-ум Нидо:**

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ مَن يَرۡتَدَّ مِنكُمۡ عَن دِينِهِۦ فَسَوۡفَ يَأۡتِى ٱللَّهُ بِقَوۡمٍ يُحِبُّهُمۡ وَيُحِبُّونَهُۥٓ أَذِلَّةٍ عَلَى ٱلۡمُؤۡمِنِينَ أَعِزَّةٍ عَلَى ٱلۡكَـٰفِرِينَ يُجَـٰهِدُونَ فِى سَبِيلِ ٱللَّهِ وَلَا يَخَافُونَ لَوۡمَةَ لَآئِمٍۚ ذَٰلِكَ فَضۡلُ ٱللَّهِ يُؤۡتِيهِ مَن يَشَآءُۚ وَٱللَّهُ وَٰسِعٌ عَلِيمٌ

**"Эй касоне, ки имон овардаед, ҳар касе, ки аз шумо аз дини худ баргардад, пас Аллоҳ ба зудӣ гурӯҳеро меоварад, ки ононро дӯст медорад ва онҳо низ Ӯро дӯст медоранд, [онон] нисбат ба мӯъминон фурӯтан ва дар баробари кофирон саркаш ҳастанд, дар роҳи Аллоҳ ҷиҳод мекунанд ва аз сарзаниши ҳеҷ маломатгаре намеҳаросанд. Ин фазли Аллоҳ аст, ки ба ҳар кас бихоҳад медиҳад ва Аллоҳ кушоишгари доност!"** [Моида, 54]

*Иршодоти оят:*

1. Ҳазар кунонидани Аллоҳ мӯъминонро, ки ҳар касе аз дин бароянд, ҳаргиз ба Аллоҳ заррае зарар намерасонад, лекин бар худаш зулм мекунад.

2. Овардани гурӯҳи дигар, ин нишонаи қудрати халлоқияти Аллоҳ аст. Чизеро Аллоҳ бихоҳад мегӯяд, ки ***"пайдо шав!"*** ва он пайдо мешавад.

3. Фурӯтан нисбати мӯъмин ва шадид будан нисбати кофирон, нишонаи шахсонест, ки Аллоҳ дӯсташон медорад.

4. Мӯъмини ҳақиқӣ дар роҳи ҳақ, ҳар маломате, ки мешунавад ҳаросе надорад, чунки ҳадафаш яктост - ризогии Аллоҳ.

5. Ҳар неъмате, ки ба банда бирасад, аз фазли Аллоҳ аст ва ба касе Ӯ бихоҳад, фазлашро ато мекунад.

6. Нишонаи асҳоби Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам ин буд, ки бар мӯъминон фурӯтан ва бар кофирон шадид буданд ва ин сабаб шуда буд, ки Аллоҳ ононро дӯст дорад ва онҳо низ Аллоҳро дӯст доранд.

7. Исботи номҳои Аллоҳ, **"ал-Васеъ"** (Васеъкунанда ва фарохкунандаи ризқ...) ва **"ал-Хабир"** (Бохабар, Огоҳ).

**36-ум Нидо:**

**يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَا تَتَّخِذُواْ ٱلَّذِينَ ٱتَّخَذُواْ دِينَكُمۡ هُزُوٗا وَلَعِبٗا مِّنَ ٱلَّذِينَ أُوتُواْ ٱلۡكِتَـٰبَ مِن قَبۡلِكُمۡ وَٱلۡكُفَّارَ أَوۡلِيَآءَۚ وَٱتَّقُواْ ٱللَّهَ إِن كُنتُم مُّؤۡمِنِينَ**

**"Эй касоне, ки имон овардаед, касонеро, ки динатонро ба масхара ва бозӣ гирифтаанд, дӯст нагиред, онҳо хоҳ аз касонеанд, ки пеш аз шумо ба онон китоб дода шудааст ё хоҳ аз кофирон. Ва агар имон доред, аз Аллоҳ битарсед!"** [Моида, 57]

*Иршодоти оят:*

1. Гӯшзади Аллоҳ барои ***"ал-валоъ вал бароъ"***- яъне дӯст доштан аз барои Аллоҳу Расулаш ва буғз ё душманӣ доштан бар кофирон ва дур кардани муҳаббаташон аз дил.

2. Таҳзир (ҳазар кунонидан) аз тамоми фирқаҳои кофиру мунофиқон, ки дини Аллоҳро ба масхара мегиранд. Яъне ҳазар кунонидан дар ҳамаи ҷанбаҳои зиндагӣ аз касоне, ки дини Аллоҳро ба масхара гирифтаанд ва хусусан дустӣ, рафтуомад ва ҳамфикрӣ накардан бо фирқаҳо ва гурӯҳҳои мухталифи кофирон.

3. Дӯст доштани дӯстони Аллоҳу Расулаш ва бад дидани душманони Аллоҳу Расулаш, ин як шарти муҳими имондории шахси мӯъмин аст.

**37-ум Нидо:**

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَا تُحَرِّمُواْ طَيِّبَـٰتِ مَآ أَحَلَّ ٱللَّهُ لَكُمۡ وَلَا تَعۡتَدُوٓاْۚ إِنَّ ٱللَّهَ لَا يُحِبُّ ٱلۡمُعۡتَدِينَ

**"Эй касоне, ки имон овардаед, чизҳои покизаеро, ки Аллоҳ таъоло барои шумо ҳалол кардааст, (ба баҳонаи зуҳду диндорӣ бар худ) ҳаром накунед ва аз ҳад дармагузаред, ба ростӣ, ки Аллоҳ мутаҷовизонро (аз ҳад гузарандагони ҳудудашро) дӯст намедорад."** [Моида, 87]

*Иршодоти оят:*

1. Дар Ислом ҳалолу ҳаромҳо муайян карда шудаанд. Аллоҳ бар мӯъминон амр мекунад, ки неъматҳое аз қабили таому шароб ва никоҳу хобро, ки ҳалоланд, бароятон бо баҳонаи зуҳду диндорӣ ҳаром нагардонед.

2. Бисёре аз мардум таому шароб, либос ва бисёрзанӣ, ки ҳалоланд, бо ҳар баҳона ба худ ҳаром гардонидаанд.

3. Ҳудудҳои Аллоҳ муайян шудаанд ва маълум аст, ки то куҷо по гузоштан аҷру савоб ва то куҷо маъсияту гуноҳ дорад.

4. Ҳар ҳудудеро, ки Аллоҳу Расулаш манъ кардаанд, мӯъмин ҳаққи таҷовуз аз онро надорад, яъне таҷовуз аз ҳудуди Аллоҳу Расулаш ҳаром аст.

5. Аллоҳ таҷовузкунандаи ҳудудашро дӯст намедорад, балки бар ӯ ғазаб дорад.

6. Исботи сифати **"ал-Муҳаббат"** (Дӯстдоранда - дӯстдори амалҳои нек...) барои Аллоҳи бузург.

**38-ум Нидо:**

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ إِنَّمَا ٱلْخَمْرُ وَٱلْمَيْسِرُ وَٱلْأَنصَابُ وَٱلْأَزْلَـٰمُ رِجْسٌ مِّنْ عَمَلِ ٱلشَّيْطَـٰنِ فَٱجْتَنِبُوهُ لَعَلَّكُمْ تُفْلِحُونَ

**"Эй касоне, ки имон овардаед, ҳамоно шаробу қимор ва бутҳову тирҳои қуръакашӣ, палид ва аз амалҳои шайтон ҳастанд, пас аз онҳо дурӣ ҷуед, то ин ки растагор шавед!"** [Моида, 90]

*Иршодоти оят:*

1. Дар ин оят Аллоҳи бузург барои наҷоти мӯъминон баъзе амалҳои шайтонро, ки ҳароманд, равшан баён намуд. Ба монанди:

- ***Шароб*** - ин хамр аст ва ҳама он, чизе, ки ақли инсонро бероҳа мекунад, бо кадом ном ё шакле, ки набошад, хоҳ обакӣ ё хоҳ ҳубуб (таблетка), ҳамагӣ ҳароманд.

- ***Майсир*** - ин қимор аст, ки ҳоло бо номҳои мухталиф маъруф гашта, сабаби мусибати бисёре аз инсонҳо гаштааст.

- ***Ансоб*** - ин буте буд, ки мушрикин барои наздикӣ ҷустан ба Аллоҳ, наздаш ҳайвонҳоро забҳ мекарданд, мисли баъзе шахсоне ки имрӯзҳо айнан ин корро назди "мазор"-ҳо мекунанд.

- ***Азлом*** - ин як намуд қуръаандозӣ бо камон ё амали камонкашӣ буд, яъне интихоби тасодуфӣ аз тариқи қуръа. Кофирон ҳар кореро анҷом додани мешуданд, аввал тавассути камон қуръа меандохтанд, яъне бо камонкашӣ фолбинӣ ва бахткушоӣ мекарданд ва сарнавишт ё натиҷаи амалашонро аз қуръа ва камонкашӣ медиданд. Масалан, агар тирашон ба ҳадаф мерасид, мувофиқ буданд ва агар на, инкор мекарданд ва ё натиҷаи бадро пешгӯӣ мекарданд.

2. Ҳаммаи ин амалҳоро Аллоҳи бузург гуноҳ ва ҳаром ҳукм карда, дурӣ ҷустан аз инҳоро сабаби наҷоту растагории мӯъмин қарор додааст.

3. Ин ҳаромшудаҳо ишора ба мақсади ҳифзи заруриёти панҷгонаи шариъатанд. Яъне ҳаром шудани мадҳушкунандаҳо ба хотири ҳифзи ақл, ҳаром шудани қимор ба хотири ҳифзи мол ва ҳаром шудани азлому ансоб ба хотири ҳифзи дини ҳар як мӯъмин аз ширку бидъат ва хурофот мебошанд.

**39-ум Нидо:**

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَيَبۡلُوَنَّكُمُ ٱللَّهُ بِشَيۡءٖ مِّنَ ٱلصَّيۡدِ تَنَالُهُۥٓ أَيۡدِيكُمۡ وَرِمَاحُكُمۡ لِيَعۡلَمَ ٱللَّهُ مَن يَخَافُهُۥ بِٱلۡغَيۡبِۚ فَمَنِ ٱعۡتَدَىٰ بَعۡدَ ذَٰلِكَ فَلَهُۥ عَذَابٌ أَلِيمٞ

**"Эй касоне, ки имон овардаед, Аллоҳ шуморо ба чизе аз сайд (ё шикори саҳроӣ), ки дастраси шумо ва найзаҳоятон бошад меозмояд, то маълум бидорад, ки чи касе дар пинҳонӣ аз Ӯ метарсад. Пас ҳар ки баъд аз ин (санҷиш) аз ҳад даргузарад (ва дар ҳаҷ ё умра шикор кунад), азоби дардноке дорад!"** [Моида, 94]

*Иршодоти оят:*

1. Имтиҳони Аллоҳ мӯъминонро бо як кори сабук, яъне шикори саҳроӣ дар вақти ҳаҷ ё умра, то бубинад чи касе дар пинҳонӣ аз Аллоҳ метарсад.

2. Ҳар касе, ки дар ин ҳол бо сайд рӯ ба рӯ шуд ва найза ё дигар асбоби шикор дошт, аммо худдорӣ аз шикор намуд, наҷот ёфт. Хавф дар ғоиб аз Аллоҳ - аз камоли имон аст.

3. Аммо касе, ки аз амри Аллоҳ таҷовуз кард ва дар ҳоли эҳром шикор намуд, интизори азоби дардноке дар рӯзи қиёмат бошад!

4. Хавф яке аз аркони ибодати қалбӣ буда, дар тавҳиди ибодат дохил мешавад.

5. Машруъияти шикор дар шариъат ва шикор бояд бар дастуроти шариъат анҷом дода шавад.

**40-ум Нидо:**

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَا تَقۡتُلُواْ ٱلصَّيۡدَ وَأَنتُمۡ حُرُمٞۚ وَمَن قَتَلَهُۥ مِنكُم مُّتَعَمِّدٗا فَجَزَآءٞ مِّثۡلُ مَا قَتَلَ مِنَ ٱلنَّعَمِ يَحۡكُمُ بِهِۦ ذَوَا عَدۡلٖ مِّنكُمۡ هَدۡيَۢا بَٰلِغَ ٱلۡكَعۡبَةِ أَوۡ كَفَّٰرَةٞ طَعَامُ مَسَٰكِينَ أَوۡ عَدۡلُ ذَٰلِكَ صِيَامٗا لِّيَذُوقَ وَبَالَ أَمۡرِهِۦۗ عَفَا ٱللَّهُ عَمَّا سَلَفَۚ وَمَنۡ عَادَ فَيَنتَقِمُ ٱللَّهُ مِنۡهُۚ وَٱللَّهُ عَزِيزٞ ذُو ٱنتِقَامٍ

**"Эй касоне, ки имон овардаед, дар ҳоли эҳром сайдро накушед (сайд накунед). Ва ҳар касе аз шумо, ки қасдан онро бикушад, бояд ҳаммонанди он чи ки куштааст, каффорае аз чаҳорпоён бидиҳад, (ба шарте) ки ду нафари одил аз шумо (баробарарзишии) онро тасдиқ кунанд ва (онгоҳ он каффораро ба сурати) қурбонӣ ба ниёзмандони Каъба бирасонад ё (муодили баҳои онро) ба камбағалони Ҳарам ғизо диҳад ё муодили онро рӯза бигирад, то**

**натиҷаи амали худро бичашад. Аллоҳ таъоло он чиро, ки (пеш аз ҳукми ҳаром гаштани шикор) гузаштааст, авф намуд ва ҳар ки (ба ин гуноҳ) бозгардад, (бидонад, ки) Аллоҳ таъоло аз ӯ интиқом мегирад ва Аллоҳ шикастнопазири интиқомгир аст."** [Моида, 95]

*Иршодоти оят:*

1. Ду шахси одил, ки дар инҷо зикр шудаанд, бояд шахсони намозхон, ростқавл ва хушмуомила бошанд, зеро ин амалҳо сифатҳои шахси одиланд.

2. Адолати ҳақиқӣ, фақат дар шариат дида мешавад ва шахси одил ҳукм ё шоҳидиашро аз азоби рӯзи қиёмат тарсида баён мекунад.

3. Аллоҳ касонеро, ки пеш аз ин ҳукм шикор кардаанд, бо фазли худаш мебахшад.

4. Исботи номи Аллоҳи бузург, **"ал-Азиз"** (Ғолиб) ва **"Зунтиқом"** (Интиқомгиранда). Интиқомро фақат он зоте гирифта метавонад, ки соҳиби қувваи бузург аст.

**41-ум Нидо:**

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَا تَسۡـَٔلُواْ عَنۡ أَشۡيَآءَ إِن تُبۡدَ لَكُمۡ تَسُؤۡكُمۡ وَإِن تَسۡـَٔلُواْ عَنۡهَا حِينَ يُنَزَّلُ ٱلۡقُرۡءَانُ تُبۡدَ لَكُمۡ عَفَا ٱللَّهُ عَنۡهَاۗ وَٱللَّهُ غَفُورٌ حَلِيمٞ

**"Эй касоне, ки имон овардаед, аз чизҳое напурсед, ки агар бароятон ошкор гарданд, андӯҳгинатон кунанд ва агар замоне, ки Қуръон нозил мегардад, пурсуҷӯ кунед, (ҷавоби пурсишҳоятон) бар шумо ошкор мегардад. Аллоҳ аз он (баёни онҳо) даргузашт ва Аллоҳ таъоло омурзандаи бурдбор аст."** [Моида, 101]

*Иршодоти оят:*

1. Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло мӯъминонро аз суол кардан дар масъалаҳое, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам баёнашон накардааст, манъ кард. Онҳо масъалаҳое буданд, ки дар дини мӯъминон ҳеҷ ёрие намекарданд. Агар суол кунед Аллоҳ ба шумо амреро нозил мекунад, ки иҷрояш бароятон машаққат меорад.

2. Агар масъалае ба манфиати дин ва ё мӯъминон мебуд, ҳатман баён карда мешуд.

3. Аз меҳрубонии Аллоҳ бар мӯъминон аст, ки онҳоро амр мекунад то қаноат кунанд бар он чизе, ки барояшон баён карда мешавад.

3. Исботи номи Аллоҳ **"Ғафур"** (Пӯшонандаи гуноҳи шахси тавбакунанда).

4. Исботи номи Аллоҳ **"Ҳалим"** (Касе, ки дарҳол азоб намекунад).

**42-юм Нидо:**

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ عَلَيۡكُمۡ أَنفُسَكُمۡۖ لَا يَضُرُّكُم مَّن ضَلَّ إِذَا ٱهۡتَدَيۡتُمۡۚ إِلَى ٱللَّهِ مَرۡجِعُكُمۡ جَمِيعًا فَيُنَبِّئُكُم بِمَا كُنتُمۡ تَعۡمَلُونَ

**"Эй касоне, ки имон овардаед, муроқиби худ бошед, агар шумо ҳидоят ёфта бошед. Онон, ки гумроҳ мондаанд, гумроҳиашон ба шумо зиёне намерасонад. Бозгашти ҳамаи шумо ба сӯи Аллоҳ аст, онгоҳ шуморо аз он чи амал мекардед, огоҳ месозад."** [Моида, 105]

*Иршодоти оят:*

1. Хитоби Аллоҳи бузург бар мӯъминони ҳидоятёфтаест, ки худ амалкунанда ба фармудаҳои Аллоҳ ва дурбуда аз манънамудаҳои Аллоҳ ҳастанд. Мардумро амри маъруфу наҳй аз мункар мекунанд, вале мардум онҳоро қабул надоранд ва дар гумроҳии худ боқӣ

мемонанд. Онҳо низ дилшикаста нашуда дар ибодати худ то дами марг боқӣ мемонанд.

2. Аллоҳи меҳрубон пайғом медиҳад, ки дар гумроҳӣ мондани гумроҳон, ба даъватгарони ҳидоятёфта ҳеҷ зараре намерасонад.

3. Гӯшзад ё таҳдиди илоҳӣ ба ҳамагон аст, ки ***"бохабар бошед, бозгашти ҳаммаи шумо ба сӯи Ман аст ва ба ҳамаи он корҳое, ки мекардед, ҷазо дода мешавед"*** хоҳ нек бошанд ва хоҳ бад.

**43-юм Нидо:**

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ شَهَـٰدَةُ بَيْنِكُمْ إِذَا حَضَرَ أَحَدَكُمُ ٱلْمَوْتُ حِينَ ٱلْوَصِيَّةِ ٱثْنَانِ ذَوَا عَدْلٍ مِّنكُمْ أَوْ ءَاخَرَانِ مِنْ غَيْرِكُمْ إِنْ أَنتُمْ ضَرَبْتُمْ فِى ٱلْأَرْضِ فَأَصَـٰبَتْكُم مُّصِيبَةُ ٱلْمَوْتِ ۚ تَحْبِسُونَهُمَا مِنۢ بَعْدِ ٱلصَّلَوٰةِ فَيُقْسِمَانِ بِٱللَّهِ إِنِ ٱرْتَبْتُمْ لَا نَشْتَرِى بِهِۦ ثَمَنًا وَلَوْ كَانَ ذَا قُرْبَىٰ ۙ وَلَا نَكْتُمُ شَهَـٰدَةَ ٱللَّهِ إِنَّآ إِذًا لَّمِنَ ٱلْـَٔاثِمِينَ

**"Эй касоне, ки имон овардаед, ҳангоме, ки марги яке аз шумо фаро расид, вақти васият бояд аз миёнатон ду нафари одилро шоҳид бигиред ё агар дар мусофират будед ва нишонаҳои мусибати марг бар шумо расид (ва мусулмонеро наёфтед), ду нафар аз ғайри худ (ғайри мусулмонро) ба гувоҳӣ биталабед. Ва агар (дар ростгӯии онҳо) шак доштед, он дуро баъд аз намоз нигоҳ доред, то ба Аллоҳ савганд бихӯранд, ки: "Мо ҳаргиз он (васият)-ро ба чизе намефурӯшем, агарчи ба фоидаи хешовандонамон бошад ва шаҳодати Аллоҳро китмон намекунем, ки дар ин сурат, ҳатман аз гунаҳгорон хоҳем буд.""** [Моида, 106]

*Иршодоти оят:*

1. Воҷиб будани васияти мӯъмин пеш аз маргаш.

2. Боқадр ва боарзиш будани ҳифзи моли мӯъмин, то дараҷае, ки Аллоҳ амр бар навиштани васият кардааст.

3. Муҳим будани амоноти моли мӯъмин аст, ки Аллоҳ шаҳодатро ба худаш нисбат додааст.

4. Барои саҳеҳ шудани васият, бояд ду марди одил (намозхон, ростқавл, хушахлоқ...), шоҳид гирифта шаванд.

5. Дар ҳолатҳои зарурӣ, ки ду мӯъмин пайдо нашавад, бояд ду нафар аз ғайри мӯъминро ҳамчун шоҳид талаб кард, бо шарти он, ки онҳо ба номи Парвардигор савганд ёд кунанд, ки хиёнат намекунанд.

6. Ин аз иззати мӯъмин назди Аллоҳ аст, ки шоҳидиаш бе қасам низ, қабул мегардад.

**44-ум Нидо:**

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ إِذَا لَقِيتُمُ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ زَحۡفًا فَلَا تُوَلُّوهُمُ ٱلۡأَدۡبَارَ. وَمَن يُوَلِّهِمۡ يَوۡمَئِذٖ دُبُرَهُۥٓ إِلَّا مُتَحَرِّفٗا لِّقِتَالٍ أَوۡ مُتَحَيِّزًا إِلَىٰ فِئَةٖ فَقَدۡ بَآءَ بِغَضَبٖ مِّنَ ٱللَّهِ وَمَأۡوَىٰهُ جَهَنَّمُۖ وَبِئۡسَ ٱلۡمَصِيرُ

**"Эй касоне, ки имон овардаед, ҳаргоҳ бо анбӯҳи кофирон рӯбарӯ шудед, пас ба онон пушт нагардонед. Ва ҳар ки дар он ҳангом ба онон пушт кунад, магар он, ки канорагирӣ барои набард ё пайвастан ба гурӯҳ бошад, ҳатман ба ғазаби Аллоҳ гирифтор мегардад ва ҷойгоҳаш дӯзах аст ва чи бад саранҷомест."** [Анфол, 15-16]

*Иршодоти оятҳо:*

1. Аллоҳи соҳиби қуввати матин, мӯъминонро амр мекунад, вақте, ки дар ҳарб ба анбӯҳи душманон рӯбарӯ шудед, нотарсона бо қувваи имонӣ биҷангед, Аллоҳ ғолибият медиҳад!

2. Фирори мӯъмин аз майдони ҷанг, аз гуноҳони кабира мебошад.

3. Нусрати дини Аллоҳ дар сабр ва истодагарӣ кардани мӯъминони боирода дар ибодатҳост.

4. Хавф ва заифии кофирон дар ноустувории ақида ва дӯстдории дунёяшон аст.

5. Исботи сифати **"Ғазаб"** барои Аллоҳ ва Аллоҳ бар касе, ки ғазаб кард, ҷойгоҳаш ҷаҳаннам аст.

**45-ум Нидо:**

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ أَطِيعُواْ ٱللَّهَ وَرَسُولَهُۥ وَلَا تَوَلَّوۡاْ عَنۡهُ وَأَنتُمۡ تَسۡمَعُونَ ○ وَلَا تَكُونُواْ كَٱلَّذِينَ قَالُواْ سَمِعۡنَا وَهُمۡ لَا يَسۡمَعُونَ

**"Эй касоне, ки имон овардаед, аз Аллоҳ ва Расулаш итоат кунед ва аз (ҳукму фармонҳои) Ӯ рӯ нагардонед, дар ҳоле, ки (оёти Қуръонро) мешунавед. Ва монанди касоне набошед, ки гуфтанд: "(Оёти илоҳиро) Шунидем" ҳол он, ки намешуниданд."** [Анфол, 20-21]

*Иршодоти оятҳо:*

1. Аллоҳе, ки осмону замин ва ҳарчи, ки байни онҳост, халқ кардааст ва бозгаштамон ба сӯи Ӯст, мӯъминонро амр ба итоати худ ва итоати Расулаш салаллоҳу алайҳи ва саллам мекунад.

2. Итоати Аллоҳу Расул дар ҳама амрҳоест, ки ба амал карданашон фармудааст ва ҳама он чизҳоест, ки ба накардан ё нахӯрдану нанӯшиданашон амр кардааст.

3. Ҳар касе, ки ба амри Аллоҳ итоат накард ва ба суннати Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам пайравӣ накард, бадтарин хисоротро дидааст.

4. Пайравии Расулуллоҳ, ин нишонаи дӯстдории Аллоҳ аст ва сабаби маҳви гуноҳон мегардад.

5. Қуръон далел ва шоҳид аст, ки ҳама амрҳои илоҳӣ ба мардум расонда шудаанд ва касе гуфта наметавонад, ки аз амр ва манъкардаҳои Аллоҳ ва Расулаш хабар надоштам.

**46-ум Нидо:**

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ ٱسۡتَجِيبُواْ لِلَّهِ وَلِلرَّسُولِ إِذَا دَعَاكُمۡ لِمَا يُحۡيِيكُمۡۖ وَٱعۡلَمُوٓاْ أَنَّ ٱللَّهَ يَحُولُ بَيۡنَ ٱلۡمَرۡءِ وَقَلۡبِهِۦ وَأَنَّهُۥٓ إِلَيۡهِ تُحۡشَرُونَ

**"Эй касоне, ки имон овардаед, (даъвати) Аллоҳ ва Паёмбари Ӯро иҷобат кунед, ҳангоме, ки шуморо ба сӯи чизе фаро мехонанд, ки шуморо ҳаёт (ва зиндагӣ) мебахшад ва бидонед, ки Аллоҳ миёни шахс ва дили ӯ қарор мегирад (ва бидонед), ки назди Ӯ гирд оварда мешавед."** [Анфол, 24]

*Иршодоти оят:*

1. Аллоҳ ва Расулаш саллаллоҳу алайҳи ва саллам мӯъминонро ба сӯи зиндагии маънавӣ, наҷот ва ба сӯи имон мехонанд.

2. Иҷобати даъвати Аллоҳ ва Расулаш саллаллоҳу алайҳи ва саллам – ин фарз аст!

3. Аллоҳ дилҳоро ба ҳар тарафе, ки бихоҳад мегардонад.

4. Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар саҷда ва дар ғайри он чунин дуъо мекарданд:

يا مقلب القلوب ثبت قلوبنا على دينك

"Ё муқаллиб-ал-қулуб саббит қулубано ала диника" ***(Эй баргардонандаи дилҳо, дилҳои моро дар динат (тоъатат) собитқадам бигардон.***) (Саҳеҳи Тирмизи, 3522)

5. Яқин аст, ки оқибат назди Аллоҳ гирд оварда мешавем.

6. Ба некӯкорон подоши некӣ ва ба бадкорон ҷазои бадиашон дода мешавад.

7. Амри Аллоҳ барои шинохти тавҳид (ягонагиаш, яктопарастиаш).

8. Исботи сифати **"ал-Ҳавл"** (Дигаргункунанда).

**47-ум Нидо:**

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَا تَخُونُواْ ٱللَّهَ وَٱلرَّسُولَ وَتَخُونُوٓاْ أَمَـٰنَـٰتِكُمْ وَأَنتُمْ تَعْلَمُونَ○وَٱعْلَمُوٓاْ أَنَّمَآ أَمْوَٰلُكُمْ وَأَوْلَـٰدُكُمْ فِتْنَةٌ وَأَنَّ ٱللَّهَ عِندَهُۥٓ أَجْرٌ عَظِيمٌ

**"Эй касоне, ки имон овардаед, (бо сарпечӣ аз амрҳо ва манъҳо) ба Аллоҳ ва Паёмбараш хиёнат накунед ва дар амонатҳои худ низ хиёнат накунед, дар ҳоле, ки медонед (ин кори гуноҳ аст). Ва бидонед, ки амволи шумо ва фарзандонатон (василаи) озмоиш аст ва подоши бузург назди Аллоҳ таъолост."** [Анфол, 27-28]

*Иршодоти оятҳо:*

1. Қуръон ва суннат барои мӯъминон амонат ҳисобида мешаванд ва пайравӣ аз онҳо низ ҳифзи амонат аст.

2. Пайравӣ накардан ба амрҳо ва дурӣ наҷустан аз манъкардаҳо, ин хиёнат ба Аллоҳу Расулаш аст.

3. Ҳама неъматҳои мӯъмин аз қабили саломатӣ, ақлу илм, фарзандон ва ғайра, бояд дар роҳи Аллоҳ истифода шаванд, дар ғайри ин сурат, хиёнат ба худ аст.

4. Ҳифзи амонат воҷиб ва хиёнаташ гуноҳ аст.

5. Баъди расонидани хабар аз ҷониби Аллоҳ ва Расулаш саллаллоҳу алайҳи ва саллам, касе гуфта наметавонад, ки ***"ман намедонистам"***.

**48-ум Нидо:**

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ إِن تَتَّقُواْ ٱللَّهَ يَجۡعَل لَّكُمۡ فُرۡقَانٗا وَيُكَفِّرۡ عَنكُمۡ سَيِّـَٔاتِكُمۡ وَيَغۡفِرۡ لَكُمۡۗ وَٱللَّهُ ذُو ٱلۡفَضۡلِ ٱلۡعَظِيمِ

**"Эй касоне, ки имон овардаед, агар аз Аллоҳ битарсед (ба анҷомдиҳии амрҳояш ва дур будан аз манъиамудаҳояш), барои шумо биноии ҳақ аз ботил диҳад ва гуноҳонатонро маҳв созад ва шуморо биомӯрзад, ки Аллоҳ соҳиби фазлу карам ва бахшиши бузург аст."** [Анфол, 29]

*Иршодоти оят:*

1. Тарс аз Аллоҳ дар ҳолатҳои танҳоӣ ва ғайри танҳоӣ, сабаби фаҳм, дарк ва биноие мегардад, ки шахс ҳақро аз ботил ҷудо мекунад.

2. Тақво барои мӯъмин сабаби дур шудан аз гуноҳон гашта ва инчунин сабаби бахшиши гуноҳон низ мешавад.

3. Исботи сифатҳои Аллоҳ **"ал-Фазл"** (меҳрубонии бепоён), **"ал-Азама"** (Бузурги комил) ва **"ал-Карам"** (бениҳоят неъматдиҳандаи комил).

4. Хабари илоҳист, ки ҳар мӯъмине, ки тақво пеша кард, барояш ҷудо кардани байни ҳақ ва ботил муяссар мешавад.

**49-ум Нидо:**

**يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ إِذَا لَقِيتُمۡ فِئَةٗ فَٱثۡبُتُواْ وَٱذۡكُرُواْ ٱللَّهَ كَثِيرٗا لَّعَلَّكُمۡ تُفۡلِحُونَ○وَأَطِيعُواْ ٱللَّهَ وَرَسُولَهُۥ وَلَا تَنَٰزَعُواْ فَتَفۡشَلُواْ وَتَذۡهَبَ رِيحُكُمۡۖ وَٱصۡبِرُوٓاْۚ إِنَّ ٱللَّهَ مَعَ ٱلصَّـٰبِرِينَ**

**"Эй касоне, ки имон овардаед, ҳангоме, ки бо гурӯҳе (аз душман) рӯбарӯ шудед, пойдор (ва собитқадам) бошед ва Аллоҳро бисёр ёд кунед, то ин ки растагор шавед. Ва аз Аллоҳ ва Паёмбараш итоат кунед ва бо якдигар кашмакаш накунед, ки суст мешавед ва иқтидоратон аз байн меравад. Ва босабр бошед, ки бегумон, Аллоҳ таъоло бо собирон аст!"** [Анфол, 45-46]

*Иршодоти оятҳо:*

1. Ҳангоме, ки шахси мӯъмин дар танҳоӣ бо гурӯҳи душманон рӯбарӯ мешавад, набояд ҳаргиз рӯҳафтода шавад, балки устуворӣ нишон диҳад ва Аллоҳро бисёр зикр кунад.

2. Зикр, сабаби наҷоти мӯъмин дар дунё ва охират мегардад.

3. Пойдорӣ дар ақидаи саҳеҳ ва зикру дуъо, сабаби растагории мӯъмин аст.

4. Воҷиб аст, ки мӯъминон байни худ дӯст бошанд, ҳаргиз кашмакашу зиддият накунанд ва низ сабркунанда бошанд.

**50-ум Нидо:**

**يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَا تَتَّخِذُوٓاْ ءَابَآءَكُمۡ وَإِخۡوَٰنَكُمۡ أَوۡلِيَآءَ إِنِ ٱسۡتَحَبُّواْ ٱلۡكُفۡرَ عَلَى ٱلۡإِيمَـٰنِۚ وَمَن يَتَوَلَّهُم مِّنكُمۡ فَأُوْلَـٰٓئِكَ هُمُ ٱلظَّـٰلِمُونَ○قُلۡ إِن كَانَ ءَابَآؤُكُمۡ وَأَبۡنَآؤُكُمۡ وَإِخۡوَٰنُكُمۡ وَأَزۡوَٰجُكُمۡ وَعَشِيرَتُكُمۡ وَأَمۡوَٰلٌ ٱقۡتَرَفۡتُمُوهَا وَتِجَـٰرَةٞ تَخۡشَوۡنَ كَسَادَهَا وَمَسَـٰكِنُ تَرۡضَوۡنَهَآ أَحَبَّ إِلَيۡكُم مِّنَ ٱللَّهِ وَرَسُولِهِۦ وَجِهَادٖ فِي سَبِيلِهِۦ فَتَرَبَّصُواْ حَتَّىٰ يَأۡتِيَ ٱللَّهُ بِأَمۡرِهِۦۗ وَٱللَّهُ لَا يَهۡدِي ٱلۡقَوۡمَ ٱلۡفَـٰسِقِينَ**

**"Эй касоне, ки имон овардаед, агар падарону бародаронатон куфрро бар имон афзалият медиҳанд, (ононро) ба дӯстӣ нагиред ва ҳар касе аз шумо ононро ба дӯстӣ бигирад, онон ҳамон ситамгаронанд. (Эй Паёмбар, ба мӯъминон) Бигӯ: "Агар падарону фарзандон ва бародарон ва ҳамсарон ва хешовандонатон ва амволе, ки ба даст овардаед ва тиҷорате, ки аз касодиаш метарсед ва хонаҳое, ки ба он дилхуш ҳастед, назди шумо аз Аллоҳ таъоло ва Паёмбараш ва ҷиҳод дар роҳи Ӯ маҳбубтаранд, пас мунтазир бошед, то Аллоҳ таъоло фармони (азоби) хешро нозил кунад." Ва Аллоҳ таъоло гурӯҳи нофармонро ҳидоят намекунад."** [Тавба, 23-24]

*Иршодоти оятҳо:*

1. Хитоби Аллоҳи бузург бар мӯъминон, ки агар наздиктаринашон мисли падару модар ё бародару ҳамсар, дину оини куфриро аз Исломи пок боло донистанд, онҳоро ба Ислом даъват бояд кард ва агар онҳо напазируфтанд, ба онҳо набояд ҳаргиз дӯстиву муҳаббат кард. Яъне муомилаи падарӣ, бародарӣ ва ё хешовандӣ боқӣ мемонад, вале дар доираи маҳдудаи шаръӣ.

2. Ҳар касе, ки ҳамроҳи чунин шахсон, дӯстиву улфат кунад, нофармонии Аллоҳро кардааст, ки ин ситами бузург аст.

3. Модоме, ки бо падару бародари ҳамхуни худ, ки ғайридиниянд, муҳаббати динӣ ҷоиз нест, чӣ мегӯед ба дӯстӣ намудан бо кофирон?!

4. Барои тамоми мӯъминон воҷиб аст, ки Аллоҳу Расулаш саллаллоҳу алайҳи ва саллам ва он чизе, ки онҳо овардаанд, аз ҳама дороиву хешутаборӣ ва ҷонҳои худ, муқаддаму муқаддас бидонанд.

**51-ум Нидо:**

**يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ إِنَّمَا ٱلۡمُشۡرِكُونَ نَجَسٞ فَلَا يَقۡرَبُواْ ٱلۡمَسۡجِدَ ٱلۡحَرَامَ بَعۡدَ عَامِهِمۡ هَٰذَاۚ وَإِنۡ خِفۡتُمۡ عَيۡلَةٗ فَسَوۡفَ يُغۡنِيكُمُ ٱللَّهُ مِن فَضۡلِهِۦٓ إِن شَآءَۚ إِنَّ ٱللَّهَ عَلِيمٌ حَكِيمٞ**

**"Эй касоне, ки имон овардаед, ҳамоно мушрикон наҷасанд, пас набояд баъд аз имсол ба Масҷидулҳаром наздик шаванд. Ва агар аз тангдастӣ метарсед, (бидонед, ки) агар Аллоҳ таъоло бихоҳад, шуморо аз бахшиши хеш бениёз месозад. Ба таҳқиқ, ин ки Аллоҳ таъоло донову ҳаким аст."** [Тавба, 28]

*Иршодоти оят:*

1. Аллоҳи бузург бар мӯъминон хабар медиҳад, ки мушрикон наҷасанд, яъне палиду нопок ҳастанд. Ин на ба маънои зоҳирист, ки баданҳояшон наҷас бошад, балки онҳо наҷосати ботинӣ ва маънавӣ доранд.

2. Болотарин палидии мушрикин ин шарик овардан ба Аллоҳи пок ва қабул накардани дини ҳақ аст.

3. Баъди имсол, яъне баъди соли 9-уми ҳиҷрӣ, набояд мушрикин ба хонаи Каъба наздик шаванд.

4. Мушрикон бо мӯъминон тиҷоратҳо доштанд, Аллоҳ хабар дод, ки аз камбағалӣ натарсед, зеро Аллоҳ аст, ки аз фазлу карами хеш шахсро ғаниву бениёз мегардонад.

5. Исботи номҳои Аллоҳ **"ал-Алим"** (соҳиби илме, ки дарбаргирандаи ҳама чиз аст) ва **"ал-Ҳаким"** (боҳикмату бохирад дар шариаташ).

**52-юм Нидо:**

**يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ إِنَّ كَثِيرٗا مِّنَ ٱلۡأَحۡبَارِ وَٱلرُّهۡبَانِ لَيَأۡكُلُونَ أَمۡوَٰلَ ٱلنَّاسِ بِٱلۡبَٰطِلِ وَيَصُدُّونَ عَن سَبِيلِ ٱللَّهِۗ وَٱلَّذِينَ يَكۡنِزُونَ ٱلذَّهَبَ وَٱلۡفِضَّةَ وَلَا يُنفِقُونَهَا فِي سَبِيلِ ٱللَّهِ فَبَشِّرۡهُم بِعَذَابٍ أَلِيمٖ**

**"Эй касоне, ки имон овардаед, ба таҳқиқ, бисёре аз уламо (аз яҳудиён) ва роҳибон, амволи мардумро ба ноҳақ мехӯранд ва дигаронро аз роҳи Аллоҳ бозмедоранд. Ва касоне, ки зару сим ҷамъ мекунанд ва онро дар роҳи Аллоҳ инфоқ намекунанд, пас онҳоро ба азоби дарднок башорат бидеҳ."** [Тавба, 34]

*Иршодоти оят:*

1. Ин гӯшзад ба мӯъминон аст, ки олимону пешвоёни яҳуду насоро бо ҳар гуна роҳҳои фанду фиреб, молҳои инсонҳоро ба ботил мехӯрданд ва боз гумроҳашон менамуданд.

2. Он пешвоёни яҳуду насоро ба мардуми оддӣ ду зарба мезаданд, аввал амволашонро ба ботил мехӯрданд ва дуввум онҳоро аз роҳи Аллоҳ мунҳариф мекарданд.

3. Онҳо тиллову нуқраро ҷамъ мекарданд ва закоташро намедоданд ва ба фуқарову масокин ва занону хешовандон нафақаи воҷибро ҳам намепардохтанд, дар ҳоле, ки амалҳои хайр сабаби наздикӣ ба Аллоҳ мешаванд.

4. Ин таҳзир (ҳазар кунонидан) ба пешвоёни мӯъминон ва ба мӯъминони оддӣ низ ҳаст, ки мисли пешвоёни яҳуду насоро амал накунанд.

5. Аллоҳ ба мӯъминон хабар медиҳад, ки барои онҳо, яъне барои пешвоёни яҳуду насоро ва амсолашон ба хотири амалҳои зишташон азоби дардноке омодааст.

**53-юм Нидо:**

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ مَا لَكُمۡ إِذَا قِيلَ لَكُمُ ٱنفِرُواْ فِى سَبِيلِ ٱللَّهِ ٱثَّاقَلۡتُمۡ إِلَى ٱلۡأَرۡضِۚ أَرَضِيتُم بِٱلۡحَيَوٰةِ ٱلدُّنۡيَا مِنَ ٱلۡـَٔاخِرَةِۚ فَمَا مَتَـٰعُ ٱلۡحَيَوٰةِ ٱلدُّنۡيَا فِى ٱلۡـَٔاخِرَةِ إِلَّا قَلِيلٌ○ إِلَّا تَنفِرُواْ يُعَذِّبۡكُمۡ عَذَابًا أَلِيمًا وَيَسۡتَبۡدِلۡ قَوۡمًا غَيۡرَكُمۡ وَلَا تَضُرُّوهُ شَيۡـًٔاۗ وَٱللَّهُ عَلَىٰ كُلِّ شَىۡءٍ قَدِيرٌ

**"Эй касоне, ки имон овардаед, шуморо чӣ шудааст, ки чун ба шумо гуфта шавад "дар роҳи Аллоҳ раҳсипор (барои ҷиҳод) шавед", ба замин мечаспед? Оё ба ҷои охират ба зиндагии дунё дилхуш шудаед? Матоъи дунё дар баробари охирати ҷовидонӣ, ҷуз андаке нест. (Эй мӯъминон!) Агар раҳсипор (барои ҷиҳод) нагардед, Аллоҳ ба азоби дарднок гирифторатон мекунад ва ба ҷои шумо гурӯҳи дигареро меоварад ва ба Ӯ зиёне намерасонед. Ва Аллоҳ таъоло бар ҳар чизе тавоност."** [Тавба, 38-39]

*Иршодоти оятҳо:*

1. Воҷиб будани итоати амри Аллоҳ дар ҳама ҳолат. Мӯъмин баъди шунидани амр, бояд ба микдори иститоат ва тавонаш амал намояд.

2. Матоъи зиёди дунёи фаношаванда, дар баробари неъматҳои охирати ҷовидонӣ ҳеҷанд.

3. Чигуна шахси оқил чизи фаношавандаро ба ҷои чизи бо бақо ва чизи андакро бо ҷои чизи бузург интихоб мекунад?

4. Ҷиҳод амри шаръӣ буда ва агар дар асоси маслаҳа ва манфиати оммаи мусалмонҳо бошад, машрӯъ аст.

5. Исботи номи Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло **"ал-Қадир"** (соҳиби қудрати бузург).

**54-ум Нидо:**

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ ٱتَّقُوا۟ ٱللَّهَ وَكُونُوا۟ مَعَ ٱلصَّـٰدِقِينَ

**"Эй касоне, ки имон овардаед, аз Аллоҳ таъоло битарсед ва бо ростгӯён бошед!"** [Тавба, 119]

*Иршодоти оят:*

1. Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло ба шахсоне, ки ба Аллоҳ имон овардаанд ва дар имонашон содиқ ҳастанд, дар ин оят бо лафзи ***"Иттақуллоҳ"*** (аз Аллоҳ битарсед) хитоб мекунад. Яъне манзур гӯш кардан ба ҳама амру фармонҳои илоҳӣ, амал намудан бо пайравӣ аз онҳо ва тарс аз рӯзи қиёмат мебошад, ки дар он рӯз аз аъмоли худ пурсида мешавем.

2. Инчунин мефармояд, ки ***"ҳамроҳ бо содиқон бошед!"*** Содиқон ё ростгӯён, сабаби наҷоти инсон ва дурӯғгӯён бошанд, сабаби ҳалокати инсон мешаванд ва ҳамчунин воҷиб аст, ки бо ростгӯён бошем.

3. Содиқ шахсест, ки гуфтору рафтор ва амалаш як бошад.

4. Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармудаанд: ***"Шаш чизро ба ман замонат диҳед ва ман ҷаннатро ба шумо замонат медиҳам. Яке аз онҳо: "Ҳангоме яке аз шумо сухан гӯяд, дурӯғ нагӯяд...""*** [Аҳмад, 22757]

5. Хулоса сидқ соҳибашро ба ҷаннат мебарад ва дурӯғ бошад, соҳибашро ба дӯзах.

**55-ум Нидо:**

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ قَـٰتِلُوا۟ ٱلَّذِينَ يَلُونَكُم مِّنَ ٱلْكُفَّارِ وَلْيَجِدُوا۟ فِيكُمْ غِلْظَةً ۚ وَٱعْلَمُوٓا۟ أَنَّ ٱللَّهَ مَعَ ٱلْمُتَّقِينَ

**"Эй касоне, ки имон овардаед, бо кофироне, ки наздики шумо ҳастанд, биҷангед [то хатарашонро рафъ намоед] ва онон бояд дар шумо шиддату хушунат биёбанд ва бидонед, ки Аллоҳ таъоло бо парҳезгорон аст."** [Тавба, 123]

*Иршодоти оят:*

1. Аллоҳ пеш аз ин ҳукм, ба мӯъминон бо такрор хабар дод, ки кофирон ба шумо душмании ошкоро ва пинҳонӣ доранд.

2. Душманон доимо фурсати муносиб меҷӯянд, то ки бар мӯъминон ҳар гуна зарбаҳо зананд. Аз ин ҷост, ки барои рафъи хатари онҳо, пеш аз онҳо зарба бояд зад, то ин ки аз мӯъминон ҳазар кунанд.

3. Ботақво ва парҳезгор бошед, зеро тақво сабаби наҷоти мӯъмин дар дунё ва охират буда, Аллоҳ низ бо муттақиён аст.

4. Фарз будани шинохти Аллоҳи бузург ба номҳои зебо ва ба сифатҳои баландмартабааш.

5. Аллоҳ бо илмаш бар ҳоли ҳама бандагонаш доност ва аз ҳоли муттақиён низ хабар дорад ва онҳоро нусрат медиҳад.

**56-ум Нидо:**

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ ٱرۡكَعُواْ وَٱسۡجُدُواْ وَٱعۡبُدُواْ رَبَّكُمۡ وَٱفۡعَلُواْ ٱلۡخَيۡرَ لَعَلَّكُمۡ تُفۡلِحُونَ ۩

**"Эй касоне, ки имон овардаед, рукуъ кунед ва саҷда гузоред ва Парвардигоратонро бипарастед ва корҳои нек анҷом диҳед, бошад, ки растагор шавед."** [Ҳаҷ, 77]

*Иршодоти оят:*

1. Аллоҳ таъоло бандагони мӯъминро ба намоз амр мекунад ва хусусан ба рукнҳои он, рукӯъ ва саҷда. Қарибтарин ҳолати банда бо Аллоҳи бузург, ин дар ҳолати саҷда аст.

2. Намоз ва хусусан рукӯъ ва суҷуд ибодатҳое ҳастанд, ки хос аз барои Аллоҳ анҷом дода мешаванд.

3. Вақти фориғ аз намоз, мӯъмин бояд дар хонаву берун аз он, фақат ба амалҳои нек машғул бошад, аз ҷумла талаби илм, амал намудан бо он ва даъвати дигарон.

4. Баъди анҷоми амалҳои нек, лозим аст, ки бо ихлоси тамом дуъо кунем, ки Парвардиго аз мо амалҳоямонро қабул кунад.

5. Намоз хондан, Аллоҳро холисона ибодат кардан, феълҳои хайр ва амалҳои хуб анҷом додан, сабабҳои асосии наҷоти мӯъмин дар дунё ва охиратанд.

**57-ум Нидо:**

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَا تَتَّبِعُواْ خُطُوَٰتِ ٱلشَّيۡطَـٰنِۚ وَمَن يَتَّبِعۡ خُطُوَٰتِ ٱلشَّيۡطَـٰنِ فَإِنَّهُۥ يَأۡمُرُ بِٱلۡفَحۡشَآءِ وَٱلۡمُنكَرِۚ وَلَوۡلَا فَضۡلُ ٱللَّهِ عَلَيۡكُمۡ وَرَحۡمَتُهُۥ مَا زَكَىٰ مِنكُم مِّنۡ أَحَدٍ أَبَدٗا وَلَـٰكِنَّ ٱللَّهَ يُزَكِّي مَن يَشَآءُۗ وَٱللَّهُ سَمِيعٌ عَلِيمٌ

**"Эй касоне, ки имон овардаед, дар роҳҳои шайтон қадам нагузоред. Ва ҳар ки ба роҳҳои шайтон қадам ниҳад, бидонад, ки шайтон ба фаҳшову мункар (амалҳои зишту нопок) фармон медиҳад ва агар фазлу раҳмати Аллоҳ бар шумо намебуд, ҳеҷ як аз шумо пок намешуд. Лекин ҳароина, Аллоҳ таъоло ҳар касро, ки бихоҳад пок месозад ва Аллоҳ шунаво ва доност!"** [Нур, 21]

*Иршодоти оят:*

1. Дар ***"хутувоти шайтон"*** ҳама намуди гуноҳони баданӣ, қалбӣ, васваса, ғазаб ва нофармонии Аллоҳи бузург дохил мешаванд.

2. Бар мӯъмин воҷиб аст, ки муқобили роҳҳову васвоси шайтон амал кунад.

3. Шайтон амалҳои зиштро зинат дода, пайравонашро ба фаҳшо ва мункар фармон медиҳад.

4. Ҳеҷ як инсоне ҳаргиз наметавонад худро аз гуноҳ ва зиштиҳо пок гардонад, магар ин ки бо фазлу раҳмати Аллоҳ, ки ҳар касро аз бандагонаш бихоҳад, пок мегардонад.

5. Аллоҳ **"шунавост"** ба он чи ки бандагонаш мегӯянд ва **"доност"**, чун илмаш тамоми чизро фаро мегирад ва аз ҳама чиз огоҳ аст, аз ҷумла аз касоне, ки худро пок нигоҳ медоранд ва аз касоне, ки нопокӣ ва гуноҳ мекунанд.

6. Исботи номҳои Аллоҳ **"ас-Самиъ"** (Шунаво) ва **"ал-Алим"** (Доно).

**58-ум Нидо:**

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَا تَدۡخُلُواْ بُيُوتًا غَيۡرَ بُيُوتِكُمۡ حَتَّىٰ تَسۡتَأۡنِسُواْ وَتُسَلِّمُواْ عَلَىٰٓ أَهۡلِهَاۚ ذَٰلِكُمۡ خَيۡرٌ لَّكُمۡ لَعَلَّكُمۡ تَذَكَّرُونَ. فَإِن لَّمۡ تَجِدُواْ فِيهَآ أَحَدًا فَلَا تَدۡخُلُوهَا حَتَّىٰ يُؤۡذَنَ لَكُمۡۖ وَإِن قِيلَ لَكُمُ ٱرۡجِعُواْ فَٱرۡجِعُواْۖ هُوَ أَزۡكَىٰ لَكُمۡۚ وَٱللَّهُ بِمَا تَعۡمَلُونَ عَلِيمٌ. لَّيۡسَ عَلَيۡكُمۡ جُنَاحٌ أَن تَدۡخُلُواْ بُيُوتًا غَيۡرَ مَسۡكُونَةٖ فِيهَا مَتَٰعٌ لَّكُمۡۚ وَٱللَّهُ يَعۡلَمُ مَا تُبۡدُونَ وَمَا تَكۡتُمُونَ

**"Эй касоне, ки имон овардаед, ба хонае ғайри хонаҳои худ ворид нашавед, магар ин ки иҷозат бигиред ва бар бошандагони он салом гӯед. Ин барои шумо беҳтар аст, бошад, ки панд гиред. Пас агар касеро дар он (хона) наёфтед, ворид нашавед то ба шумо иҷозат дода шавад ва агар ба шумо гуфта шуд: "Бозгардед"! Пас**

**бозгардед! Ин барои шумо шоистатар аст ва Аллоҳ ба онҷи мекунед, доност. Бар шумо гуноҳе нест, ки ба хонаҳои ғайримаскунӣ, ки дар онҷо баҳрае доред, ворид шавед ва Аллоҳ онҷи ошкор месозед ва онҷи пинҳон медоред, медонад."** [Нур, 27-29]

*Иршодоти оятҳо:*

1. Амри Аллоҳ барои ҳифзи обрӯи мӯъминон ва пешгирӣ аз фитнаҳои шаётин.

2. Аввал гуфтани ***"Ассалому алайкум"*** ва сипас то се маротиба гуфтани ***"даромадан мумкин?"***

3. ***"Иҷозат"*** - ро Аллоҳ ***"хайр"*** номид ва ин амал, яъне иҷоза гирифтани қабл аз ворид шудан ба хона ба хотири ҳифзи чашм ва ба хотири ҳимояи аҳли хона, бар мӯъминон воҷиб аст.

4. Иҷозат сабаби дур шудан аз фитнаҳо ва маъсиятҳо мегардад.

5. Иҷозат ва салом, нишонаҳои ахлоқи ҳасана ва нияти пок доштани шахсанд.

6. Ин амр ва панду ҳикмати илоҳӣ барои ислоҳи ҷомеъаанд, бояд аз инҳо панд гирифта шавад. Аллоҳ бар ҳама чиз доност.

**59-ум Нидо:**

**يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لِيَسۡتَـٔۡذِنكُمُ ٱلَّذِينَ مَلَكَتۡ أَيۡمَٰنُكُمۡ وَٱلَّذِينَ لَمۡ يَبۡلُغُواْ ٱلۡحُلُمَ مِنكُمۡ ثَلَٰثَ مَرَّٰتٖۚ مِّن قَبۡلِ
صَلَوٰةِ ٱلۡفَجۡرِ وَحِينَ تَضَعُونَ ثِيَابَكُم مِّنَ ٱلظَّهِيرَةِ وَمِنۢ بَعۡدِ صَلَوٰةِ ٱلۡعِشَآءِۚ ثَلَٰثُ عَوۡرَٰتٖ لَّكُمۡۚ لَيۡسَ عَلَيۡكُمۡ
وَلَا عَلَيۡهِمۡ جُنَاحُۢ بَعۡدَهُنَّۚ طَوَّٰفُونَ عَلَيۡكُم بَعۡضُكُمۡ عَلَىٰ بَعۡضٖۚ كَذَٰلِكَ يُبَيِّنُ ٱللَّهُ لَكُمُ ٱلۡأٓيَٰتِۗ وَٱللَّهُ عَلِيمٌ حَكِيمٞ.
وَإِذَا بَلَغَ ٱلۡأَطۡفَٰلُ مِنكُمُ ٱلۡحُلُمَ فَلۡيَسۡتَـٔۡذِنُواْ كَمَا ٱسۡتَـٔۡذَنَ ٱلَّذِينَ مِن قَبۡلِهِمۡۚ كَذَٰلِكَ يُبَيِّنُ ٱللَّهُ لَكُمۡ ءَايَٰتِهِۦۗ وَٱللَّهُ
عَلِيمٌ حَكِيمٞ**

**"Эй касоне, ки имон овардаед, бояд ғуломони шумо ва касоне, ки ҳанӯз ба синни балоғат нарасидаанд, дар се вақт, барои дохил шудан ба ҳуҷраатон аз шумо рухсат талабанд: пеш аз намози субҳ ва ҳангоми зуҳр, ки либос аз тан берун мекунед ва пас аз намози хуфтан. Ин се вақт, вақти хилвати шумост. Ба ҷуз ин се вақт бар шумо ва бар онон ҳеҷ гуноҳе нест (ки бидуни иҷозат ворид шаванд,), чунки баъзеи шумо бар баъзеи дигар рафту омадкунандагонед. Аллоҳ оётро инчунин бароятон баён мекунад ва Аллоҳ донову ҳаким аст. Ва ҳангоме, ки кӯдаконатон ба синни балоғат расиданд, бояд (барои вуруд ба хонаҳои дигарон) иҷозат бигиранд, чуноне, ки калонсолони пеш аз онҳо, иҷозат мегирифтанд. Аллоҳ таъоло инчунин оёташро бароятон баён мекунад ва Аллоҳ донову ҳаким аст."** [Нур, 58-59]

*Иршодоти оятҳо:*

1. Аллоҳи бузург дар умури хонаводагӣ ба мӯъминон таълим медиҳад, ки дар ин се вақт, ғуломону тифлонатон бе иҷозат ба ҳуҷраи хобатон надароянд, чунки ин се вақт, вақтест, ки эҳтимолан шумо бараҳна ва урён бошед.

2. Аз ин бар меояд, ки дар ғайри ин се вақт, даромадани ғулом ва кӯдакон ба ҳуҷраи хоб, бе рухсат боке надорад.

3. Исботи номҳои Аллоҳ **"ал-Алим"** (илмаш ҳамаи чизро фаро гирифтааст) ва **"ал-Ҳаким"** (соҳиби ҳикмати бузург).

**60-ум Нидо:**

**يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ ٱذۡكُرُواْ نِعۡمَةَ ٱللَّهِ عَلَيۡكُمۡ إِذۡ جَآءَتۡكُمۡ جُنُودٞ فَأَرۡسَلۡنَا عَلَيۡهِمۡ رِيحٗا وَجُنُودٗا لَّمۡ تَرَوۡهَاۚ وَكَانَ ٱللَّهُ بِمَا تَعۡمَلُونَ بَصِيرًا ۝ إِذۡ جَآءُوكُم مِّن فَوۡقِكُمۡ وَمِنۡ أَسۡفَلَ مِنكُمۡ وَإِذۡ زَاغَتِ ٱلۡأَبۡصَٰرُ وَبَلَغَتِ ٱلۡقُلُوبُ ٱلۡحَنَاجِرَ وَتَظُنُّونَ بِٱللَّهِ ٱلظُّنُونَا۠ ۝ هُنَالِكَ ٱبۡتُلِيَ ٱلۡمُؤۡمِنُونَ وَزُلۡزِلُواْ زِلۡزَالٗا شَدِيدٗا**

**"Эй касоне, ки имон овардаед, неъмати Аллоҳро бар худ ба ёд оваред. Онгоҳ, ки сипоҳиёне (аз қабоили араб) ба сӯятон омаданд. Пас Мо тундбоде ва лашкаре (аз фариштагон), ки онҳоро намедидед, бар онон фиристодем (ва ба сахтӣ шикасташон додем) ва ҳақиқатан, Аллоҳ ба ончи мекунед, биност. Вақте (дар ғазваи Хандақ) душманон аз боло ва поён ба сӯятон омаданд (ва Мадинаро муҳосира карданд), онгоҳ, ки чашмҳо (ба бисёрии душман) хира гашта ва ҷонҳо (аз шиддат ва ваҳшат) ба гулӯ расида буд ва шумо ба Аллоҳ (ҳаргуна) гумонҳо мебурдед. Онҷо буд, ки мӯъминон озмоиш шуданд ва шадидан ба ваҳшат ва изтироб афтоданд."** [Аҳзоб, 9-11]

*Иршодоти оятҳо:*

1. Аллоҳ ба мӯъминон хабар медиҳад, ки неъматҳои Аллоҳро фаромӯш накунед ва шукргузор бошед.

2. Ғазваи ***"Хандақ"*** як имтиҳони Аллоҳ буд, то ки мӯъмин аз мунофиқ ҷудо карда шавад.

3. Аллоҳи маннон неъматашро бар мӯъминон миннат мегузорад, то ки неъматашро фаромӯш накунанд.

4. Мӯъмин бояд доимо ба Аллоҳ гумони нек дошта бошад, хусусан дар ҳолати мушкилиҳо.

5. Ҳаром будани гумони бад нисбат ба Аллоҳ.

6. Исботи номи Аллоҳ **"ал-Басир"** (Бино, то дараҷае, ки ҳатто заррачаи зери дарё низ аз назари Аллоҳ дур намемонад).

**61-ум Нидо:**

**يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ ٱذْكُرُوا۟ ٱللَّهَ ذِكْرًا كَثِيرًا. وَسَبِّحُوهُ بُكْرَةً وَأَصِيلًا○ هُوَ ٱلَّذِى يُصَلِّى عَلَيْكُمْ وَمَلَـٰٓئِكَتُهُۥ لِيُخْرِجَكُم مِّنَ ٱلظُّلُمَـٰتِ إِلَى ٱلنُّورِ ۚ وَكَانَ بِٱلْمُؤْمِنِينَ رَحِيمًا**

**"Эй касоне, ки имон овардаед, Аллоҳро бисёр ёд кунед. Ва субҳу шом Ӯро тасбеҳ гӯед. Ӯст, ки бар шумо дуруд мефиристад ва фариштагонаш (низ дуъоятон мекунанд), то шуморо аз торикиҳо ба сӯи нӯр берун оварад ва Аллоҳ нисбат ба мӯъминон меҳрубон аст!"** [Аҳзоб, 41-43]

*Иршодоти оятҳо:*

1. Аллоҳи бузург бар мӯъминон амр мекунад, то ки Ӯро бо дилу бо забон зиёд тасбеҳ бигӯянд.

2. Зикри Аллоҳ ҳангоми хоб кардан, аз хоб хестан, ҳангоми таъомхурӣ ва баъди он, ҳангоми намоз ва баъд аз он ва дар ҳама ҳолат, хусусан субҳу шом бисёр ба маврид аст.

3. Маҳз бо зикри Аллоҳ дилҳо ором мегиранд.

4. Зикр ибодатест, ки таҳорат талаб намекунад.

5. Зикри бисёрро Аллоҳ дӯст медорад ва нишонаи имондорист ва зикри кам бошад, нишонаи мунофиқист.

6. Зикри зиёд сабаби ҳидоят, рӯшноӣ ва ризқи мӯъмин мегардад.

7. Исботи беҳтарин ва бузургтарин номи Парвардигори тамоми махлуқот - **"Аллоҳ"**.

**62-юм Нидо:**

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ إِذَا نَكَحۡتُمُ ٱلۡمُؤۡمِنَـٰتِ ثُمَّ طَلَّقۡتُمُوهُنَّ مِن قَبۡلِ أَن تَمَسُّوهُنَّ فَمَا لَكُمۡ عَلَيۡهِنَّ مِنۡ عِدَّةٖ تَعۡتَدُّونَهَاۖ فَمَتِّعُوهُنَّ وَسَرِّحُوهُنَّ سَرَاحٗا جَمِيلٗا.

**"Эй касоне, ки имон овардаед, ҳар гоҳ бо занони мӯъмина издивоҷ кардед, сипас пеш аз он, ки бо онҳо ҳамбистарӣ кунед, талоқашон додед, аз ҷониби шумо ҳеҷ иддате бар ӯҳдаи онон нест, ки ҳисобашро нигоҳ доред, аз ин рӯ, онҳоро (бо ҳадяҳои муносиб) баҳраманд созед ва ба некӯтарин рафтор раҳояшон созед."** [Аҳзоб, 49]

*Иршодоти оят:*

1. Воҷиб будани никоҳ қабл аз издивоҷ.

2. Амри Аллоҳи меҳрубон ба мӯъминон, барои беҳтарин муомила намудан пеш аз издивоҷ ва ҳатто ҳангоми талоқ.

3. Риоя кардани ҳуқуқи занҳои мусалмонон, ҳангоми талоқ ва қабл аз хамхобагӣ.

4. Хитоби Аллоҳи бузург аст, ки оилаи мусалмонон бояд беҳтарин зиндагӣ дошта бошанд ва агар зиндагии якҷоя нахостанд, бояд бо беҳтарин усул аз ҳам ҷудо шаванд.

**63-юм Нидо:**

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَا تَدۡخُلُواْ بُيُوتَ ٱلنَّبِيِّ إِلَّآ أَن يُؤۡذَنَ لَكُمۡ إِلَىٰ طَعَامٍ غَيۡرَ نَـٰظِرِينَ إِنَىٰهُ وَلَـٰكِنۡ إِذَا دُعِيتُمۡ فَٱدۡخُلُواْ فَإِذَا طَعِمۡتُمۡ فَٱنتَشِرُواْ وَلَا مُسۡتَـٔۡنِسِينَ لِحَدِيثٍۚ إِنَّ ذَٰلِكُمۡ كَانَ يُؤۡذِي ٱلنَّبِيَّ فَيَسۡتَحۡيِۦ مِنكُمۡۖ وَٱللَّهُ لَا يَسۡتَحۡيِۦ مِنَ ٱلۡحَقِّۚ وَإِذَا سَأَلۡتُمُوهُنَّ مَتَـٰعٗا فَسۡـَٔلُوهُنَّ مِن وَرَآءِ حِجَابٖۚ ذَٰلِكُمۡ أَطۡهَرُ لِقُلُوبِكُمۡ

وَقُلُوبِهِنَّۚ وَمَا كَانَ لَكُمۡ أَن تُؤۡذُواْ رَسُولَ ٱللَّهِ وَلَآ أَن تَنكِحُوٓاْ أَزۡوَٰجَهُۥ مِنۢ بَعۡدِهِۦٓ أَبَدًاۚ إِنَّ ذَٰلِكُمۡ كَانَ عِندَ ٱللَّهِ عَظِيمًا

**"Эй касоне, ки имон овардаед, ба хонаҳои Паёмбар дохил машавед, магар шуморо ба хӯрдани таъоме даъват кунанд (он ҳам дар сурате, ки барвақт наёед ва мунтазири омода шудани хӯрок нанишинед). Агар шуморо фаро хонданд, дохил шавед ва чун таъом хӯрдед, пароканда гардед. На он ки барои саргармӣ сухан оғоз кунед. Албатта, ин корҳо Паёмбарро озор медиҳад ва ӯ аз шумо шарм медорад (зеро мизбон аст). Вале Аллоҳ аз гуфтани ҳақ шарм намедорад. Ва агар аз занони Паёмбар чизе хостед, аз пушти парда бихоҳед, ин кор ҳам барои дилҳои шумо ва ҳам барои дилҳои онҳо покдорандатар аст. Шуморо нарасад, ки Паёмбарро биёзоред ва на он ки занҳояшро баъд аз вай ҳаргиз ба занӣ гиред. Албатта, ин корҳо дар назди Аллоҳ гуноҳе бузург аст."** [Аҳзоб, 53]

*Иршодоти оят:*

1. Бе даъват ба хонаи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам даромадан манъ аст.

2. Баъди хӯрдани таъом дар меҳмонӣ, тезтар бархоста рафтан беҳтар аст.

3. Ин оят нишондиҳандаи шарм ва ҳаёи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар назди умматонаш мебошад.

4. Занони Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам модарони мӯъминонанд.

5. Итоат кардани мӯъминон аз Аллоҳ ва Расулаш, назди Аллоҳ бисёр муҳим ва бузург аст.

6. Исботи сифати **"ал-Ҳаё"** (бошарм, боҳаё). Аллоҳ дар изҳори ҳақ шарм намекунад, балки ҳақро баён мекунад.

**64-ум Нидо:**

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَا تَكُونُواْ كَٱلَّذِينَ ءَاذَوۡاْ مُوسَىٰ فَبَرَّأَهُ ٱللَّهُ مِمَّا قَالُواْۚ وَكَانَ عِندَ ٱللَّهِ وَجِيهٗا

**"Эй касоне, ки имон овардаед, монанди он касоне набошед, ки Мӯсоро (бо тӯҳматҳои нораво) озурданд, сипас Аллоҳ таъоло ӯро пок намуд ва ӯ (Мӯсо) ҳамвора назди Аллоҳ обрӯманд аст."** [Аҳзоб, 69]

*Иршодоти оят:*

1. Аллоҳ ба мӯъминон хитоб мекунад, ки мисли инсонҳое набошед, ки Мӯсо алайҳи салоту ва саломро бо гуфтору кирдорашон озор доданд.

2. Мӯъминон набояд он рафторро ҳаргиз бо Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам раво бинанд, зеро ки озору таҳқири ***"хотами набийин"*** гуноҳи вазнинтар ва муҷозоти сангине дорад назди Офаридгор!

3. Ҳамагон бояд битарсем аз оне, ки суннати Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам ва шариати овардаи ӯро ночиз ва андак бишуморем.

4. Дар ҳақиқат, иззату обрӯ назди Аллоҳ аст ва ҳар касеро, ки бихоҳад, насиб мегардонад.

5. Исботи сифати Аллоҳ "ал-Бароат" (Поккунандаи гуноҳ, поккунанда аз айбу тӯҳмат).

**65-ум Нидо:**

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ ٱتَّقُوا۟ ٱللَّهَ وَقُولُوا۟ قَوْلًا سَدِيدًا ۝ يُصْلِحْ لَكُمْ أَعْمَـٰلَكُمْ وَيَغْفِرْ لَكُمْ ذُنُوبَكُمْ ۗ وَمَن يُطِعِ ٱللَّهَ وَرَسُولَهُۥ فَقَدْ فَازَ فَوْزًا عَظِيمًا.

**"Эй касоне, ки имон овардаед, аз Аллоҳ таъоло битарсед ва сухани рост ва дуруст бигӯед, то Аллоҳ корҳоятонро ислоҳ кунад ва гуноҳонатонро биёмурзад ва ҳар, ки аз Аллоҳ ва Паёмбараш итоат кунад, яқинан ба комёбии бузурге даст ёфтааст."** [Аҳзоб, 70-71]

*Иршодоти оятҳо:*

1. Аллоҳ мӯъминонро ба тақво дар тамоми ҳолатҳо амр мекунад, аз он ҷумла дар ҳолатҳои танҳоӣ ва бо ҷамоат, ҳангоми дороӣ ва нодорӣ, ҳангоми гуруснагӣ ва ҳангоми бойигарӣ.

2. Инчунин мӯъминонро ба гуфтани сухани ҳақ ва саҳеҳ дар ҳама ҳолатҳо амр мекунад, аз он ҷумла ҳангоми амри маъруф, наҳй аз мункар, қироати Қуръон, талаби илм ва таълими он.

3. Тақво ва қавли ҳақ, сабаби ислоҳи аъмол ва мағфирати гӯноҳ мешаванд.

4. Итоати Аллоҳу Расулаш саллаллоҳу алайҳи ва саллам сабаби комёбиҳои бузурге мешаванд.

**66-ум Нидо:**

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓا۟ إِن تَنصُرُوا۟ ٱللَّهَ يَنصُرْكُمْ وَيُثَبِّتْ أَقْدَامَكُمْ

**"Эй касоне, ки имон овардаед, агар Аллоҳро ёрӣ кунед, Ӯ (Аллоҳ) низ шуморо ёрӣ мекунад ва қадамҳоятонро устувор медорад."** [Муҳаммад, 7]

*Иршодоти оят:*

1. Аллоҳи бузург бар мӯъминон хитоб мекунад, ки бо пайравӣ кардан аз Қуръону суннат, талаби илми шаръӣ ва даъват бо илм, дини Аллоҳро ёрӣ кунед.

2. Пайравӣ кардан аз равиши Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам ва мубориза бар зидди душманонаш низ, нусрат додани дини Аллоҳ ҳисоб мешавад.

3. Ҳар мӯъмине, ки равиши ҳаёташро ба қонунҳои Аллоҳ мутобиқ мекунад, ёридиҳандаи дини Аллоҳ аст. Аллоҳ ӯро ёрӣ медиҳад ва қадамҳояшро барои нусрати дин устувор мегардонад.

4. Ин ваъдаи холиқест, ки ҷовидон аст ва боқӣ ҳама махлуқот, фаношавандаанд.

5. Яке аз номҳои Аллоҳ **"ан-Насир"** аст, яъне нусратдиҳанда ва нусрат медиҳад касеро, ки бихоҳад.

**67-ум Нидо:**

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ أَطِيعُواْ ٱللَّهَ وَأَطِيعُواْ ٱلرَّسُولَ وَلَا تُبۡطِلُوٓاْ أَعۡمَٰلَكُمۡ

**"Эй касоне ки имон овардаед, Аллоҳ ва Паёмбарашро итоат кунед ва аъмоли худро ботил насозед!"** [Муҳаммад, 33]

*Иршодоти оят:*

1. Аллоҳ бар мӯъминон барои итоат кардан аз Аллоҳ ва Расулаш саллаллоҳу алайҳи ва саллам амр мекунад.

2. Итоати Аллоҳ ва Расул, ин пайравӣ кардан аз амрҳо ва дурӣ ҷустан аз манъкардаҳост.

3. Баъди адои фарзҳо ва амалҳои хайр, бояд барои қабул шуданашон дуъои зиёд кард.

4. Ширк ва дигар гуноҳони кабира, мисли фахр кардан (фахр кардан ба мол, ба илм, ба мақом ва амсоли инҳо), миннатгузорӣ ва риёкорӣ кардан, аъмолҳои бандаро ботил месозанд.

5. Баъди сар задани гуноҳ ва маъсиятҳо, ҳатман амалҳои хайрро зиёд кардан лозим аст.

6. Ҳар амале, ки дар он пайравии Қуръон ва суннат набошад, ботил ва бебақост.

**68-ум Нидо:**

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَا تُقَدِّمُواْ بَيۡنَ يَدَيِ ٱللَّهِ وَرَسُولِهِۦۖ وَٱتَّقُواْ ٱللَّهَۚ إِنَّ ٱللَّهَ سَمِيعٌ عَلِيمٞ

**"Эй касоне, ки имон овардаед, дар баробари Аллоҳ ва Паёмбараш (дар ҳеҷ коре) пешдастӣ накунед ва аз Аллоҳ битарсед, ки Аллоҳ таъоло шунаво ва доност."** [Ҳуҷурот, 1]

*Иршодоти оят:*

1. Дар ин оят Аллоҳ бар мӯъминон амр мекунад, ки дар муомила бо Аллоҳ ва Расулаш беҳтарин одоб, эҳтиром ва икромро риоя кунанд.

2. Дар баробари Аллоҳ ва Паёмбараш пешдастӣ накардан, ин боло донистани ҳукмҳои Аллоҳ ва Расулаш ва итоати бевосита аз амрҳо ва дурӣ ҷустан аз манъкардаҳои илоҳист.

3. Дар масъалае, ки каломи Аллоҳ ё Расулаш мавҷуд бошад, пеш овардани қавли инсони дигар ҳаром аст.

4. Аз Аллоҳ таъоло дар ҳама ҳолатҳо сидқан тарсидан, мисли тарсидан дар ҳолатҳои пинҳонӣ ва ошкоро, дар зиёдаравӣ аз маъсият, дар ибодат ва ғайра.

5. Исботи номҳои Аллоҳ **"ас-Самиъ"** (ба ҳама чиз шунаво) ва **"ал-Алим"** (ба ҳама чиз доно).

6. Муқаддам ва пеш гузоштани суханҳои Аллоҳ ва Расулаш саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз нишонаҳои имондорӣ ба ҳисоб рафта ва воҷиб аст.

**69-ум Нидо:**

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَا تَرۡفَعُوٓاْ أَصۡوَٰتَكُمۡ فَوۡقَ صَوۡتِ ٱلنَّبِيِّ وَلَا تَجۡهَرُواْ لَهُۥ بِٱلۡقَوۡلِ كَجَهۡرِ بَعۡضِكُمۡ لِبَعۡضٍ أَن تَحۡبَطَ أَعۡمَـٰلُكُمۡ وَأَنتُمۡ لَا تَشۡعُرُونَ

**"Эй мӯъминон, садоятонро баландтар аз садои Паёмбар накунед ва ҳамчунон, ки қисме аз шумо бо қисми дигар баланд сухан мегӯяд, бо ӯ бо садои баланд сухан нагӯед. Мабодо, ки аъмолатон табоҳ шаванд, дар ҳоле, ки шумо дарк накунед."** [Ҳуҷурот, 2]

*Иршодоти оят:*

1. Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло одоби муоширát бо Паёмбарашро бар мӯъминон таълим медиҳад.

2. Набояд ҳеҷ касе овозашро назди Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам баланд кунад ё бо садои баланд ба ӯ фарёд кунад, ки ин амалҳо метавонанд амалҳои инсонро табоҳ кунанд, дар ҳоле, ки инсон худ хабар надорад.

3. Беҳурматии Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам баъди вафоташ, ин пайравӣ накардан аз роҳу равиши ӯст, ки шояд сабаби табоҳ шудани амалҳо гардад.

4. Пайравӣ аз роҳу равиши Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам сабаби қабули амалҳо ва наҷоти мӯъмин мегардад.

5. Дар баробари сухани Аллоҳ ва Расулаш эҳтиёт кардани зиёд зарур аст, зеро шояд аз беэҳтиётӣ аъмоли неки инсон ботил шаванд ва худи инсон хабаре надошта бошад.

**70-ум Нидо:**

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ إِن جَآءَكُمۡ فَاسِقُۢ بِنَبَإٖ فَتَبَيَّنُوٓاْ أَن تُصِيبُواْ قَوۡمَۢا بِجَهَٰلَةٖ فَتُصۡبِحُواْ عَلَىٰ مَا فَعَلۡتُمۡ نَٰدِمِينَ

**"Эй касоне, ки имон овардаед, агар шахси фосиқе (мунҳарифе) бароятон хабаре оварад, таҳқиқаш кунед, то мабодо надониста ба қавме осеб бирасонед ва аз кардаи худ пушаймон шавед."** [Ҳуҷурот, 6]

*Иршодоти оят:*

1. Ҳазар кунонидани Аллоҳ бар мӯъминон аз хабарҳои фосиқ, яъне ҳар хабаре, ки бар мӯъминон оварда мешавад бояд аз тарафи мӯъминон ин сухан ва хабар санҷида шавад, ки оё ин сухан воқеъан дуруст аст ё на.

2. Хабари шахси содиқ бе санҷиш қабул карда мешавад ва аммо хабари шахси дурӯғгӯ бошад, мардуд ва қабул нест.

3. Амри Аллоҳ бар мӯъминон барои шитобкорӣ накардан, мисли шитобкорӣ накардан дар тасмимгирӣ, шитобкорӣ накардан дар

хулосабарорӣ, анҷом додани корҳо бо таҳаммул ва оромиш ва амсоли инҳо.

4. Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармудаанд: ***"Таҳқиқ кардани хабар аз Аллоҳ ва шитобкорӣ кардан, аз шайтон аст."*** (Саҳеҳи Тарғиб, 2677)

***Тавзеҳ:*** *Манзур аз таҳқиқ кардани хабар, яъне зуд бовар накардан ба хабари шунида, дар асоси хабари шунида зуд тасмим нагирифтан ва ба каси дигар бидуни таҳқиқ хабарро нарасондан ва амсоли инҳо мебошад. Шитобкорӣ дар хабар низ, баръакси тавзеҳи болоро дорад, яъне набояд дар асоси хабари шунида дарҳол натиҷагирӣ кард, набояд бидуни таҳқиқи хабар тасмим гирифт ё ба каси дигар хабарро расонид ва ғайра.*

5. Дар ҳадиси дигаре фармудаанд: ***"Кифоя аст, ки мард дурӯғгӯ номида шавад, ҳангоме, ки хабари шунидаашро мегӯяд."*** (Саҳеҳи Муслим, 5)

**71-ум Нидо:**

**يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا لَا يَسْخَرْ قَوْمٌ مِّن قَوْمٍ عَسَى أَن يَكُونُوا خَيْرًا مِّنْهُمْ وَلَا نِسَاءٌ مِّن نِّسَاءٍ عَسَى أَن يَكُنَّ خَيْرًا مِّنْهُنَّ وَلَا تَلْمِزُوا أَنفُسَكُمْ وَلَا تَنَابَزُوا بِالْأَلْقَابِ بِئْسَ الِاسْمُ الْفُسُوقُ بَعْدَ الْإِيمَانِ وَمَن لَّمْ يَتُبْ فَأُولَئِكَ هُمُ الظَّالِمُونَ**

**"Эй касоне, ки имон овардаед, мабодо, ки гурӯҳе гурӯҳи дигарро масхара кунад, шояд он масхарашудагон беҳтар аз онҳо бошанд. Ва мабодо, ки гурӯҳе аз занон гурӯҳи дигарро масхара кунад, шояд он масхарашудагон беҳтар аз онҳо бошанд. Ва аз ҳам айбҷӯӣ макунед ва якдигарро бо лақабҳои зишт махонед. Бад аст**

**унвони фиск пас аз имон овардан. Ва касоне, ки тавба намекунанд, худ ситамгаронанд."** [Ҳуҷурот, 11]

*Иршодоти оят:*

1. Аҳамияти обрӯи мӯъминон дар шариат.

2. Ҳазар кунонидани Аллоҳ барои ҳусни муомила ва хушзабонӣ бо ҳамдигар.

3. Воҷиб будани тавба дар ҳама ҳолат ва хусусан баъди гуноҳ ва маъсиятҳо.

4. Аллоҳ амалҳои зерро барои мӯъминон ҳаром гардонид:

- ***"Масхара"***, ки бо ҳукми шаръӣ манъ карда шудааст.

- ***"Айбҷӯӣ"***, яъне ҳаром аст, ки мӯъмин дар пайи айбҷӯии дигарон бошад.

- ***"Тазкияи нафс"***, яъне набояд инсон худро аз дигарон беҳтар ва болотар бидонад.

- ***"Лақабгузорӣ"***, яъне агар мӯъмин бародарашро бо лақабҳои қабеҳ номгузорӣ кунад, ин амал ҳаром аст.

5. Касе, ки амалҳои зишт анҷом медиҳад ва тавба намекунад, аз ҷумлаи ситамгарон аст ва чи бад аст фосиқ ва мунҳариф шудан, баъди имондорӣ.

**72-юм Нидо:**

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا اجْتَنِبُوا كَثِيرًا مِّنَ الظَّنِّ إِنَّ بَعْضَ الظَّنِّ إِثْمٌ وَلَا تَجَسَّسُوا وَلَا يَغْتَب بَّعْضُكُم بَعْضًا أَيُحِبُّ أَحَدُكُمْ أَن يَأْكُلَ لَحْمَ أَخِيهِ مَيْتًا فَكَرِهْتُمُوهُ وَاتَّقُوا اللَّهَ إِنَّ اللَّهَ تَوَّابٌ رَّحِيمٌ

**"Эй касоне, ки имон овардаед, аз бисёре аз гумонҳо бипарҳезед. Зеро баъзе аз гумонҳо дар ҳадди гуноҳ аст. Ва бар якдигар ҷосусӣ макунед ва аз якдигар ғайбат макунед. Оё ягон касе аз шумо дӯст дорад, ки гӯшти бародари мурдаи худро бихӯрад? Пас онро нохуш хоҳед дошт. Ва аз Аллоҳ битарсед, дар ҳақиқат Аллоҳ тавбапазиру меҳрубон аст!"** [Ҳуҷурот, 12]

*Иршодоти оят:*

1. Манъ кардани Аллоҳ мӯъминонро аз се амали бузург, ки ин амалҳо дар ҷоҳилият вуҷуд доштанд:

- ***"Гумони бад"***, ки яке аз бадтарин амалҳои нангинест, ки барои мӯъмин дари дигар фитна ва гуноҳонро мекушояд.

- ***"Ҷосусӣ"***, ки ин як амали пасттарини инсонӣ буда, худ ва дигаронро ба гумроҳии азим бурда мерасонад.

- ***"Ғайбат"***, ки ин ҳам амали боқимонда аз замони ҷоҳилият аст, ки инсонро ба ҳалокат мерасонад.

Ин амалҳо мисли хӯрдани гушти бародари мурда ҳастанд. Яъне чигунае, ки шахсро аз хӯрдани гушти бародари мурдааш бадаш меояд, бояд шахсро аз анҷоми ин амалҳо низ ҳамон тавр бадаш биёяд.

2. Амри Аллоҳи бузург, ки мегӯяд ***"Аз Аллоҳ битарсед!"*** ва маҳз тарси аз Аллоҳ аст, ки инсонро метавонад аз ҳама гуноҳон боздорад.

3. Исботи номи Аллоҳ **"ат-Таввоб"** (тавбақабулкунанда), тавбаи шахси аз гуноҳ пушаймоншударо мепазирад.

4. Исботи номи Аллоҳ **"ар-Раҳим"** (раҳмкунанда).

**73-юм Нидо:**

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا اتَّقُوا اللَّهَ وَآمِنُوا بِرَسُولِهِ يُؤْتِكُمْ كِفْلَيْنِ مِن رَّحْمَتِهِ وَيَجْعَل لَّكُمْ نُورًا تَمْشُونَ بِهِ وَيَغْفِرْ لَكُمْ وَاللَّهُ غَفُورٌ رَّحِيمٌ

**"Эй касоне, ки имон овардаед аз Аллоҳ битарсед ва ба Паёмбараш имон биёваред, то Аллоҳ аз раҳмати хеш баҳраи ду карата ба шумо ато намояд ва бароятон нуре ато кунад, ки то ба он роҳ равед ва гуноҳони шуморо бибахшояд. Ба ростӣ, ки Аллоҳ таъоло омурзандаи меҳрубон аст. (Инро баён кардем) То аҳли китоб бидонанд, ки ба фазлу бахшиши илоҳӣ дастрасӣ надоранд ва ин ки тамоми бартарӣ ба дасти Аллоҳ аст ва ба ҳар кӣ бихоҳад ато мекунад. Бегумон, Аллоҳ дорои фазли бузург аст."** [Ҳадид, 28-29]

*Иршодоти оятҳо:*

1. Эй мӯъминон, Аллоҳро муроқиби худ бидонед ва бо тоъату ибодат ва дурӣ ҷустан аз маъсият, аз Ӯ битарсед. Онгоҳ раҳматашро бароятон дучанд мекунад.

2. Ин ҳукм, яъне Аллоҳро муроқиби худ донистан, ба Паёмбараш имон овардан ва бо тоъату ибодат ва дурӣ ҷустан аз маъсият аз Ӯ тарсидан ба онҳое, ки аз Насроният ба Ислом гаравидаанд низ дахл дорад. Зеро агар насроние Исломро бипазирад, бар ӯ аҷр ва савоби дини Насроният ва имон оварданаш ба Исо алайҳиссалом ва дуввум аҷру савоби дини Ислом ва имон оварданаш ба Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам дода мешавад. Аллоҳ бар ин шахсе, ки аз дини Насроният ё Яҳудият ба Ислом гаравидааст, баҳраи ду карата ё савоби ҳарду динро ато мекунад, ки нишондиҳандаи раҳмати бузурги илоҳист.

3. Аллоҳ барои мӯъминон нуреро муқаррар доштааст, ки бо он ҳидоят мешаванд ва ҳақро дармеёбанд, ҳамчунин гуноҳонашонро меомурзад.

4. Аллоҳ бандагонашро меомурзад ва тавбапазири меҳрубон аст.

5. Аҳли китоб, ки имон наоварданд, бояд бидонанд, ки фазлу раҳмат дар дасти Аллоҳ аст, ки касеро бихоҳад медиҳад, аз касе бихоҳад мегирад ва онҳо чизеро молик нестанд.

6. Исботи номи Аллоҳ **"ал-Азим"** (бениҳоят бузург).

7. Исботи 2-сифати Аллоҳ **"ал-Фазл"** (бартарӣ додан) ва **"ал Ато"** (атокунандаи хубиҳо).

**74-ум Нидо:**

**يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا إِذَا تَنَاجَيْتُمْ فَلَا تَتَنَاجَوْا بِالْإِثْمِ وَالْعُدْوَانِ وَمَعْصِيَتِ الرَّسُولِ وَتَنَاجَوْا بِالْبِرِّ وَالتَّقْوَى وَاتَّقُوا اللَّهَ الَّذِي إِلَيْهِ تُحْشَرُونَ .إِنَّمَا النَّجْوَى مِنَ الشَّيْطَانِ لِيَحْزُنَ الَّذِينَ آمَنُوا وَلَيْسَ بِضَارِّهِمْ شَيْئًا إِلَّا بِإِذْنِ اللَّهِ وَعَلَى اللَّهِ فَلْيَتَوَكَّلِ الْمُؤْمِنُونَ**

**"Эй касоне, ки имон овардаед, ҳангоме, ки бо якдигар розгӯӣ мекунед, ба қасди гуноҳ ва таҷовуз ва нофармонӣ аз Расулуллоҳ, роз нагӯед ва ба некӣ ва парҳезгорӣ роз гӯед ва аз Аллоҳ таъоло битарсед, ки ба сӯи Ӯ ҳашр хоҳед шуд. Ҷуз ин нест, ки розҳои баде, ки мегӯед, аз сӯи шайтон аст, то онҳоеро, ки имон овардаанд, андӯҳгин созад ва шайтон наметавонад ҳеҷ зараре ба онон бирасонад, магар бо иҷозати Аллоҳ. Пас мӯъминон бояд ба Аллоҳ таваккул кунанд."** [Муҷодала, 9-10]

*Иршодоти оятҳо:*

1. Бар мӯъминон ҳаром аст, ки дар мавзӯъҳои номашрӯъ ва гуноҳ нишаста, бо ҳам розгӯӣ кунанд.

2. Розгӯӣ ба шарте хайр аст, ки сӯҳбат дар мавзӯъи некӣ, дар бораи пайравӣ аз Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам ва амсоли ин бошад.

3. Розгӯии бад аз шайтон аст, то мӯъминонро ғамгин созад.

4. Шайтон ба мӯъминон ягон зараре расонида наметавонад, ғайри ҳолате, ки ризогии Аллоҳ бошад, пас бояд мӯъминон ба Аллоҳ таваккул кунанд.

5. Таъкид аст ва набояд фаромӯш кард, ки дар назди Аллоҳ ҳашр карда мешавем.

**75-ум Нидо:**

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا إِذَا قِيلَ لَكُمْ تَفَسَّحُوا فِي الْمَجَالِسِ فَافْسَحُوا يَفْسَحِ اللَّهُ لَكُمْ وَإِذَا قِيلَ انشُزُوا فَانشُزُوا يَرْفَعِ اللَّهُ الَّذِينَ آمَنُوا مِنكُمْ وَالَّذِينَ أُوتُوا الْعِلْمَ دَرَجَاتٍ وَاللَّهُ بِمَا تَعْمَلُونَ خَبِيرٌ

**"Эй касоне, ки имон овардаед, ҳангоме, ки ба шумо гуфта шавад: "Дар маҷолис ҷой боз кунед", пас ҷой васеъ кунед, Аллоҳ барои шумо кушоиш меоварад ва ҳангоме, ки гуфта шавад: "Бархезед", пас бархезед. Аллоҳ таъоло мақом ва дараҷоти касоне аз шуморо, ки имон овардаанд ва касонеро, ки илм дода шудаанд, боло мебарад ва Аллоҳ ба он чи мекунед, огоҳ аст."** [Муҷодала, 11]

*Иршодоти оят:*

1. Ин нишонаи комил будани дин аст, ки Аллоҳи меҳрубон ба мӯъминон одоби нишастан дар маҷлисро низ меомӯзонад.

2. Аллоҳи бузург барои ***"васеъкунандагон"*** -и ҷойи нишаст ва барои ***"бархезандагон"*** ваъдаи беҳтар аз ҷояшон дар дунё ва охират медиҳад.

3. Аллоҳи бузург дар ин оят фазли илм ва олимро боло бардоштааст.

4. Аллоҳ аз ҳама амалҳое, ки банда анҷом медиҳад, бохабар аст.

5. Исботи номи Аллоҳ **"ал-Хабир"** (Огоҳ, Бохабар).

**76-ум Нидо:**

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا إِذَا نَاجَيْتُمُ الرَّسُولَ فَقَدِّمُوا بَيْنَ يَدَيْ نَجْوَاكُمْ صَدَقَةً ذَٰلِكَ خَيْرٌ لَّكُمْ وَأَطْهَرُ فَإِن لَّمْ تَجِدُوا فَإِنَّ اللَّهَ غَفُورٌ رَّحِيمٌ

أَأَشْفَقْتُمْ أَن تُقَدِّمُوا بَيْنَ يَدَيْ نَجْوَاكُمْ صَدَقَاتٍ فَإِذْ لَمْ تَفْعَلُوا وَتَابَ اللَّهُ عَلَيْكُمْ فَأَقِيمُوا الصَّلَاةَ وَآتُوا الزَّكَاةَ وَأَطِيعُوا اللَّهَ وَرَسُولَهُ وَاللَّهُ خَبِيرٌ بِمَا تَعْمَلُونَ.

**"Эй касоне, ки имон овардаед, ҳангоме, ки мехоҳед бо Расулуллоҳ "роз" бигӯед, пеш аз розгӯӣ бояд садақа бидиҳед. Ин барои шумо беҳтару покизатар аст, аммо агар чизе наёфтед, бегумон Аллоҳ таъоло омӯрзандаи меҳрубон аст. Оё (аз факр) тарсидед, ки пеш аз розгӯиатон садақа диҳед? Ҳоло, ки чунин накардед ва Аллоҳ тавбаи шуморо пазируфтааст, пас намоз барпо доред ва закот бидиҳед ва аз Аллоҳу Паёмбараш итоъат кунед. Аллоҳ таъоло ба он чи ки мекунед, огоҳ аст."** [Муҷодала, 12-13]

*Иршодоти оятҳо:*

1. Ҳуқуқи фуқаро барои дарёфти садақа.

2. Шинохти мӯъминони ҳақиқӣ аз мунофиқон барои розгӯӣ бо Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам.

3. Садақа додан ба мухҳтоҷон, дили инсонро нарм ва пок мегардонад.

4. Воҷиб будани садақа пеш аз "розгӯӣ" бо Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам.

5. Шахсе, ки ғанӣ ҳаст ва пеш аз розгӯӣ садақа намекунад, гӯё, ки аз фақирӣ тарсидааст.

6. Воҷиб будани намоз ва закот.

7. Воҷиб будани итоъати Аллоҳ ва пайравӣ аз суннати Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам.

8. Исботи номҳои Аллоҳ **"ал- Ғафур"** (бахшанда), **"ар-Раҳим"** (меҳрубон) ва **"ал-Хабир"** (огоҳ ва бохабар аз ҳама чиз).

**77-ум Нидо:**

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا اتَّقُوا اللَّهَ وَلْتَنظُرْ نَفْسٌ مَّا قَدَّمَتْ لِغَدٍ وَاتَّقُوا اللَّهَ إِنَّ اللَّهَ خَبِيرٌ بِمَا تَعْمَلُونَ

وَلَا تَكُونُوا كَالَّذِينَ نَسُوا اللَّهَ فَأَنسَاهُمْ أَنفُسَهُمْ أُوْلَئِكَ هُمُ الْفَاسِقُونَ

**"Эй касоне, ки имон овардаед, аз Аллоҳ таъоло битарсед ва ҳар кас бояд ба худаш бингарад, ки барои фардо чи пеш фиристодааст ва аз Аллоҳ битарсед. Дар ҳақиқат, Аллоҳ ба он чи анҷом медиҳед, огоҳ аст. Ва ҳамчун касоне набошед, ки Аллоҳро фаромӯш карданд, пас Аллоҳ ононро дучори худфаромӯшӣ сохт. Онҳо дар ҳақиқат фосиқонанд."** [Ҳашр, 18-19]

*Иршодоти оятҳо:*

1. Аллоҳи бузург мӯъминонро амр мекунад, ки дар анҷом додани амрҳояш ва дурӣ ҷустан аз манъНамудаҳояш аз Ӯ таъоло битарсанд.

2. Тарс аз Аллоҳ инсонро водор мекунад, ки биандешад, ки барои фардо (рӯзи қиёмат) чӣ омода кардааст ва чӣ чиз фиристодааст?

3. Такрори лафзи ***"Аз Аллоҳ битарсед!"*** барои таъкид аст.

4. Воҷиб будани худсуолкунӣ (ё муҳосиба), ки чӣ чиз барои охират (рӯзи қиёмат) фиристодаӣ.

5. Исботи номи зебои Аллоҳ **"ал-Хабир"** (огоҳ, бохабар).

6. Ӯ таъоло медонад, ки чи амале анҷом додаем, хоҳ аз некӣ ва хоҳ аз бадӣ.

6. Ба таври доимӣ воҷиб будани зикри Аллоҳ.

7. Аз фаромӯш кардани зикри Аллоҳ ҳазар кунонидан!

8. Тарк кардани зикри Аллоҳ, инсонро ба ***"худфаромӯшӣ"*** мебарад ва ***"худфаромӯшон"*** бошанд, фосиқонанд.

**78-ум Нидо:**

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا لَا تَتَّخِذُوا عَدُوِّي وَعَدُوَّكُمْ أَوْلِيَاءَ تُلْقُونَ إِلَيْهِم بِالْمَوَدَّةِ وَقَدْ كَفَرُوا بِمَا جَاءَكُم مِّنَ الْحَقِّ يُخْرِجُونَ الرَّسُولَ وَإِيَّاكُمْ ۙ أَن تُؤْمِنُوا بِاللَّهِ رَبِّكُمْ إِن كُنتُمْ خَرَجْتُمْ جِهَادًا فِي سَبِيلِي وَابْتِغَاءَ مَرْضَاتِي ۚ تُسِرُّونَ إِلَيْهِم بِالْمَوَدَّةِ وَأَنَا أَعْلَمُ بِمَا أَخْفَيْتُمْ وَمَا أَعْلَنتُمْ ۚ وَمَن يَفْعَلْهُ مِنكُمْ فَقَدْ ضَلَّ سَوَاءَ السَّبِيلِ إِن يَثْقَفُوكُمْ يَكُونُوا لَكُمْ أَعْدَاءً وَيَبْسُطُوا إِلَيْكُمْ أَيْدِيَهُمْ وَأَلْسِنَتَهُم بِالسُّوءِ وَوَدُّوا لَوْ تَكْفُرُونَ

**"Эй касоне, ки имон овардаед, душманони Ман ва душманони худатонро дӯстони худ магиред, ки аз рӯи дӯстӣ барояшон паём бифиристед, ҳол он ки онон ба дини ҳаққе, ки барои шумо омадааст, куфр варзидаанд ва Паёмбару шуморо, ки ба Аллоҳ, Парвардигоратон имон овардаед аз ватан берун ронданд. Агар барои ҷиҳод дар роҳи Ман ва касби хушнудиям берун омадаед, махфиёна барояшон паёми дӯстӣ мафиристед ва ман он чиро пинҳонӣ ва он чиро ошкор месозед медонам ва ҳар касе аз шумо чунин коре анҷом диҳад, ба ростӣ аз роҳи рост мунҳариф шудааст. Агар онҳо бар шумо даст ёбанд, душманонатон хоҳанд буд ва ба**

**озоратон дасту забон мекушоянд ва дӯст доранд, ки шумо (мислашон) кофир гардед."** [Мумтаҳана, 1-2]

*Иршодоти оятҳо:*

1. Воҷиб будани интихоби дӯст аз ҳисоби мӯъминон.

2. Ҳазар кунонидани Аллоҳ аз дӯстӣ ва муҳаббат бо кофирон.

3. Ҳар касе, ки мӯъминонро гузошта ба кофирон дӯстӣ мекунад, бешубҳа аз роҳи ҳидоят ба гумроҳӣ рафтааст.

4. Мақсади ниҳоии куффор, ин аз дини мубини Ислом хориҷ кардани мусалмонон мебошад.

**79-ум Нидо:**

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا إِذَا جَاءَكُمُ الْمُؤْمِنَاتُ مُهَاجِرَاتٍ فَامْتَحِنُوهُنَّ اللَّهُ أَعْلَمُ بِإِيمَانِهِنَّ فَإِنْ عَلِمْتُمُوهُنَّ مُؤْمِنَاتٍ فَلَا تَرْجِعُوهُنَّ إِلَى الْكُفَّارِ لَا هُنَّ حِلٌّ لَّهُمْ وَلَا هُمْ يَحِلُّونَ لَهُنَّ وَآتُوهُم مَّا أَنفَقُوا وَلَا جُنَاحَ عَلَيْكُمْ أَن تَنكِحُوهُنَّ إِذَا آتَيْتُمُوهُنَّ أُجُورَهُنَّ وَلَا تُمْسِكُوا بِعِصَمِ الْكَوَافِرِ وَاسْأَلُوا مَا أَنفَقْتُمْ وَلْيَسْأَلُوا مَا أَنفَقُوا ذَٰلِكُمْ حُكْمُ اللَّهِ يَحْكُمُ بَيْنَكُمْ وَاللَّهُ عَلِيمٌ حَكِيمٌ

**"Эй касоне, ки имон овардаед, ҳангоме, ки занони мӯъминаи муҳоҷир ба назди шумо меоянд, онҳоро биозмоед. Аллоҳ таъоло ба имонашон донотар аст. Пас агар онҳоро мӯъмина ёфтед, эшонро ба сӯи кофирон бознагардонед. На он занон бар онҳо ҳалоланд ва на он (мардони кофир) бар ин занони ҳалол ва ҳар чи (шавҳарони кофир) харҷи (ин занон) кардаанд, ба онҳо бидиҳед ва бар шумо гунoҳе нест, ки пас аз он, ки маҳрияҳояшонро пардохтед, (баъди иддат) бо онон издивоҷ кунед ва ба занони кофир дил набандед (ва чун занони шумо муртад шуда, назди онон раванд, раҳояшон кунед) ва ончиро харҷ кардаед, (аз эшон) талаб кунед ва (кофирон низ) он**

**чиро харҷ кардаанд, мутолиба кунанд. Ин ҳукми Аллоҳ таъоло аст, ки дар миёни шумо доварӣ мекунад ва Аллоҳ таъоло донои ҳаким аст."** [Мумтаҳана, 10]

*Иршодоти оят:*

1. Зани мӯъмина, ки аз шавҳари кофир баромада ба диёри Ислом меояд, аввал ӯро дар содиқ будани имонаш санҷидан лозим аст.

2. Бозгашти занҳои мусалмоншуда ба диёри куфр, ҷоиз нест.

3. Якҷоя зиндаги кардани зани мӯъмина бо марди кофир, ҳаром аст.

4. Зане, ки Исломро қабул кардааст, баъди интиҳои иддаташ ва пардохти хароҷоти шавҳари кофираш, никоҳаш кардан ҷоиз аст.

5. Зане, ки муртад мешавад, раҳо карда шуда ва маҳри пардохтшуда, бозпас гирифта мешавад.

6. Исботи номҳои Аллоҳ **"ал-Алим"** (доно, боилм) ва **"ал-Ҳаким"** (боҳикмат).

**80-ум Нидо:**

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا لَا تَتَوَلَّوْا قَوْمًا غَضِبَ اللَّهُ عَلَيْهِمْ قَدْ يَئِسُوا مِنَ الْآخِرَةِ كَمَا يَئِسَ الْكُفَّارُ مِنْ أَصْحَابِ الْقُبُورِ

**"Эй касоне, ки имон овардаед, бо қавме, ки Аллоҳ таъоло бар онон хашм (ва ғазаб) гирифтааст, дӯстӣ накунед. Онҳо аз охират ноумед шудаанд, ҳамон гуна, ки кофирон аз гӯрхуфтагон ноумеданд. (Яъне ҳамон гунае, ки кофирони зинда аз кофирони мурда ноумеданд, ҳамчунин кофирони мурда низ аз раҳмати Аллоҳ ноумеданд.)"** [Мумтаҳана, 13]

*Иршодоти оят:*

1. Аллоҳи бузург дар аввали сураи муборак ва инак дар охирин ояти ин сура, мӯъминонро аз дӯстӣ ва муҳаббат ба кулли кофирон, такроран манъ мекунад.

2. Такрори каломи Аллоҳ, ин таъкид аст.

3. Аксари кофирон медонанд, ки Ислом дини рост аст, вале куфр меварзанд, аз ин рӯ онҳо аз охират маъюс ва ноумеданд.

4. Ҳамчунин кофирони дар гурҳо буда, аз раҳмати Аллоҳ дар рӯзи қиёмат, ноумеданд. (Тафсири Муяссар).

5. Ғазаби Аллоҳ ба ҳамаи фирқаҳои кофирон, барои ширк овардан ва нофармониашон аст.

6. Исботи сифати **"ал-Ғазаб"** (ғазабкунанда) барои Аллоҳи бузург.

**81-ум Нидо:**

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا لِمَ تَقُولُونَ مَا لَا تَفْعَلُونَ كَبُرَ مَقْتًا عِندَ اللَّهِ أَن تَقُولُوا مَا لَا تَفْعَلُونَ

**"Эй касоне, ки имон овардаед, чаро чизеро мегӯед, ки (ба он) амал намекунед? Назди Аллоҳ сахт нописанд аст чизеро бигӯеду, амал накунед."** [Саф, 2-3]

*Иршодоти оятҳо:*

1. Ҳар инсон бояд бидонад аз ҳар сухане, ки аз забонаш хориҷ мешавад, пурсида мешавад.

2. Ишора бар ин ки мӯъмин агар бо забон чизеро гуфт, бояд бо амал кардан ба он тасдиқаш намояд, магар ғайри ҳолатҳое, ки амалеро ба мардум бирасонад ва худаш бо сабабе амал накунад ё аз амал карданаш

оҷиз бошад. Мисли рӯзаи нафлӣ, садақот ва намози шаб. Масалан мӯъмин рӯзаи нафлиро ба дигарон тарғиб мекунад, аммо аз сабаби бемории ё сафар ва ғайра наметавонад худаш рӯза бигирад. Ё ин ки ба садақаи молӣ додан тарғиб мекунад, аммо худаш шароити молии хуб надорад, ки садақа кунад ва ғайра.

3. Аллоҳ дӯст медорад, ки забони бандагонаш бо дил ва амали ҷаворeҳ як бошанд.

4. Дар асл ин оят бар анҷом додани аҳду паймоне, ки мӯъмин қарор аст он аҳду паймонро иҷро кунад, далолат мекунад.

5. Мӯъмин бояд аз корҳое, ки дар он ғазаби Аллоҳ таъолост, дурӣ ҷуяд, зеро ин амал яке аз талаботи имондорист.

**82-юм Нидо:**

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا هَلْ أَدُلُّكُمْ عَلَىٰ تِجَارَةٍ تُنجِيكُم مِّنْ عَذَابٍ أَلِيمٍ

تُؤْمِنُونَ بِاللَّهِ وَرَسُولِهِ وَتُجَاهِدُونَ فِي سَبِيلِ اللَّهِ بِأَمْوَالِكُمْ وَأَنفُسِكُمْ ۚ ذَٰلِكُمْ خَيْرٌ لَّكُمْ إِن كُنتُمْ تَعْلَمُونَ.

يَغْفِرْ لَكُمْ ذُنُوبَكُمْ وَيُدْخِلْكُمْ جَنَّاتٍ تَجْرِي مِن تَحْتِهَا الْأَنْهَارُ وَمَسَاكِنَ طَيِّبَةً فِي جَنَّاتِ عَدْنٍ ۚ ذَٰلِكَ الْفَوْزُ الْعَظِيمُ. وَأُخْرَىٰ تُحِبُّونَهَا ۖ نَصْرٌ مِّنَ اللَّهِ وَفَتْحٌ قَرِيبٌ ۗ وَبَشِّرِ الْمُؤْمِنِينَ

**"Эй касоне, ки имон овардаед, оё шуморо ба тиҷорате роҳнамоӣ кунам, ки аз азоби дарднок наҷотатон диҳад? Ба Аллоҳ ва Расулаш имон биёваред ва бо молҳо ва ҷонҳоятон дар роҳи Аллоҳ ҷиҳод кунед, агар бидонед, ин барои шумо беҳтар аст. То гуноҳонатонро биёмурзад ва шуморо дар боғҳое ворид кунад, ки ҷӯйборон аз зери (дарахтони) он ҷорӣ аст ва дар хонаҳои покиза дар биҳишт ҷовидон монед. Ин комёбии бузурге аст. Ва (неъмати) дигаре, ки онро дӯст доред, (ба шумо медиҳад, ки) ёрӣ аз сӯйи Аллоҳ**

**таъоло ва пирӯзии наздик аст ва мӯъминонро башорат деҳ!"** [Саф, 10-13]

*Иршодоти оятҳо:*

1. Меҳрубонии хоси Аллоҳ нисбати мӯъминон аст, ки барои наҷоташон аз азоби рӯзи қиёмат, ононро роҳнамоӣ мекунад.

2. Ваъдаи Аллоҳ ба маконест, ки дар он зиндагии ҷовидона, саъодати ҳақиқӣ ва комёбии бузург аст.

3. Неъмати бузурге, ки ҳама мӯъминон орзуяшро доранд ва ба умеди он мушкилиҳои ин дунёи беарзишро паси сар мекунанд - ин ҷаннат ва дидори Аллоҳи бисёр меҳрубон дар ҷаннат аст.

4. Ҷиҳод дар роҳи Аллоҳ, сабаби нусрат ва бахшидани Аллоҳ таъоло мебошад.

5. Ҷиҳод амри илоҳист ва бояд дар чорчӯби шариъат анҷом дода шавад.

6. Ҷиҳод дар асл барои ҳифзи куллиёт ва ё заруриёти панҷгонае, ки ҳифзаш дар шариъат фарз аст, амр шудааст. Яъне агар манфиати умумӣ ва дур аз зарарҳои калон бошад, баъдан шариъат онро иҷозат медиҳад.

**83-юм Нидо:**

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا كُونُوا أَنصَارَ اللَّهِ كَمَا قَالَ عِيسَى ابْنُ مَرْيَمَ لِلْحَوَارِيِّينَ مَنْ أَنصَارِي إِلَى اللَّهِ قَالَ الْحَوَارِيُّونَ نَحْنُ أَنصَارُ اللَّهِ فَآمَنَت طَّائِفَةٌ مِّن بَنِي إِسْرَائِيلَ وَكَفَرَت طَّائِفَةٌ فَأَيَّدْنَا الَّذِينَ آمَنُوا عَلَى عَدُوِّهِمْ فَأَصْبَحُوا ظَاهِرِينَ

**"Эй касоне, ки имон овардаед, ёварони (дини) Аллоҳ бошед, ҳамон гуна, ки Исо писари Марям ба Ҳавориюн гуфт: "Чӣ касоне ёварони ман (дар даъват) ба сӯи Аллоҳ ҳастанд?" Ҳавориюн**

**гуфтанд: "Мо ёварони Аллоҳ ҳастем." Пас гурӯҳе аз бани Исроил имон оварданд ва гурӯҳе кофир шуданд. Онгоҳ мо касонеро, ки имон оварда буданд, нерӯ додем ва дар охир бар душманонашон пирӯз шуданд."** [Саф, 14]

*Иршодоти оят:*

1. Бар мӯъминон воҷиб гардидааст, ки ёридиҳандагони дини Аллоҳ бошанд.

2. Ёрӣ ба дин, ин бо таълими илми шаръӣ ва даъват ба он, бо пайравӣ аз Қуръон ва суннат, дурӣ аз ҳаромҳо, дӯстӣ бо аҳли имон ва душманӣ бо душманони Ислом ва амсоли инҳост.

3. Шахси ёридиҳандаи дини Аллоҳ, дар ҳақиқат дар дунё ва охират, пирӯз ва муваффақ аст.

4. Исботи сифати **"ал-Айд"** (Нусратдиҳанда) барои Аллоҳ.

**84-ум Нидо:**

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا إِذَا نُودِيَ لِلصَّلَاةِ مِن يَوْمِ الْجُمُعَةِ فَاسْعَوْا إِلَىٰ ذِكْرِ اللَّهِ وَذَرُوا الْبَيْعَ ۚ ذَٰلِكُمْ خَيْرٌ لَّكُمْ إِن كُنتُمْ تَعْلَمُونَ. فَإِذَا قُضِيَتِ الصَّلَاةُ فَانتَشِرُوا فِي الْأَرْضِ وَابْتَغُوا مِن فَضْلِ اللَّهِ وَاذْكُرُوا اللَّهَ كَثِيرًا لَّعَلَّكُمْ تُفْلِحُونَ

**"Эй касоне, ки имон овардаед, ҳангоме, ки дар рӯзи ҷумъа барои намоз азон гуфта шавад, ба сӯи (намозу) зикри Аллоҳ таъоло бишитобед ва хариду фурӯшро раҳо кунед. Агар бидонед, ин барои шумо беҳтар аст. Пас ҳангоме, ки намоз поён ёфт, (барои касби ризқу рӯзӣ) дар замин пароканда шавед ва аз фазли Аллоҳ талаб кунед ва Аллоҳро бисёр ёд кунед, то растагор шавед."** [Ҷумъа, 9-10]

*Иршодоти оятҳо:*

1. Амри Аллоҳи меҳрубон бар мӯъминон дар хусуси беҳтарин ибодати ҳафта, ки ин ибодат намози ҷумъа аст.

2. Фазилати барвақт рафтан ба масҷид барои намози ҷумъа дар рӯзи ҷумъа.

3. Инсон баъди шунидани азон, бояд ҳатман ҳама чизро тарк намуда, ба сӯи масҷид равад, гарчанде, ки дар ин ҳангом ба кор машғул бошад ва ё тиҷорате дошта бошад.

4. Аллоҳ, ки аз аҳволи бандагонаш, бисёртар бохабар аст, амр мекунад, ки баъди шунидани хутба ва адои намоз, аз пайи ризқу рӯзии худ шавед.

5. Ризқ аз ҷониби Аллоҳ аст ва банда бояд аз фазли Аллоҳ талаб кунад.

6. Дар ин рӯз, яъне дар рӯзи ҷумъа соатест, ки дуъои банда қабул карда мешавад.

7. Барои растагорӣ ва зиёдшавии ризқ, бояд зиёдтар дуъо кард.

**85-ум Нидо:**

إِنَّ ٱللَّهَ وَمَلَـٰٓئِكَتَهُۥ يُصَلُّونَ عَلَى ٱلنَّبِىِّ ۚ يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ صَلُّوا۟ عَلَيْهِ وَسَلِّمُوا۟ تَسْلِيمًا

إِنَّ ٱلَّذِينَ يُؤْذُونَ ٱللَّهَ وَرَسُولَهُۥ لَعَنَهُمُ ٱللَّهُ فِى ٱلدُّنْيَا وَٱلْـَٔاخِرَةِ وَأَعَدَّ لَهُمْ عَذَابًا مُّهِينًا

وَٱلَّذِينَ يُؤْذُونَ ٱلْمُؤْمِنِينَ وَٱلْمُؤْمِنَـٰتِ بِغَيْرِ مَا ٱكْتَسَبُوا۟ فَقَدِ ٱحْتَمَلُوا۟ بُهْتَـٰنًا وَإِثْمًا مُّبِينًا

**"Ба дурустӣ, Аллоҳ таъоло ва малоикаҳояш бар Паёмбар дуруд мефиристанд, эй касоне, ки имон овардаед, бар ӯ дуруд фиристед ва ба шоистагӣ салом гӯед. Касоне, ки Аллоҳ таъоло ва Паёмбарашро меозоранд, Аллоҳ таъоло дар дунё ва охират ононро аз раҳмати хеш дур мекунад ва барояшон азоби хоркунанда омода**

**кардааст. Ва онон, ки мардон ва занони мӯъминро бе он, ки муртакиби (амали зиште) шуда бошанд, меозоранд, бори дурӯғ ва гуноҳи ошкорро бар дӯш мекашанд."** [Аҳзоб, 56-58]

*Иршодоти оятҳо:*

1. Холиқи тамоми махлуқот бар Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам дуруд ва салом мефиристад ва мӯъминонро низ амр мекунад ба ин амал.

2. Олимон иттифоқ доранд, ки барои мӯъмин, камтарин дуруд дар умраш як маротиба гуфтани “саллаллоҳу алайҳи ва саллам” фарз аст.

3. Салавот аз ҷониби Аллоҳ, ин раҳмат ва розигӣ аст ва аз ҷониби малоикаҳояш бошад, ин дуъо ва истиғфор аст.

4. Салавот аз ҷониби умматон бошад, ин дуъост ва ҳамчунин ба бузургӣ ёд кардани Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам аст.

5. Ҳаром будани озору азият ба Аллоҳу Расулаш саллаллоҳу алайҳи ва саллам ва бар мӯъминон. Аллоҳ ба озордиҳандагон азоби хоркунанда омода кардааст.

**86-ум Нидо:**

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ لَا تُلْهِكُمْ أَمْوَٰلُكُمْ وَلَآ أَوْلَـٰدُكُمْ عَن ذِكْرِ ٱللَّهِ ۚ وَمَن يَفْعَلْ ذَٰلِكَ فَأُو۟لَـٰٓئِكَ هُمُ ٱلْخَـٰسِرُونَ

**"Эй касоне, ки имон овардаед, молҳову фарзандонатон шуморо аз ёди Аллоҳ таъоло ғофил накунад ва ҳар касе, ки ғофил шуд, онон зиёнкоранд."** [Мунофиқун, 9]

*Иршодоти оят:*

1. Аллоҳи меҳрубон ба мӯъминон хитоб мекунад, ки нашавад, ки фарзандону молҳоятон шуморо аз зикри Аллоҳ бенасиб гардонанд.

2. Маҳз ҳамин фарзандон ва амвол ҳастанд, ки сабаби аз зикри Аллоҳ дур шудани мунофиқон гардида буданд.

3. Зикр, ғолибан ба маънои Қуръон меояд, яъне шахсе, ки вақти хондани Қуръон наёбад, маҳрум ва осӣ аст.

4. Ҳар касе, ки корҳои дунёиаш аз ибодатҳои диниаш зиёд шуд, бидонад, ки дар зиёнкорӣ фурӯ рафтааст, чунки амали дунёи фаношавандаро аз амалҳои ҳақ, ки фаношаванда нестанд, боло гузоштааст.

**87-ум Нидо:**

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ إِنَّ مِنۡ أَزۡوَٰجِكُمۡ وَأَوۡلَٰدِكُمۡ عَدُوّٗا لَّكُمۡ فَٱحۡذَرُوهُمۡۚ وَإِن تَعۡفُواْ وَتَصۡفَحُواْ وَتَغۡفِرُواْ فَإِنَّ ٱللَّهَ غَفُورٞ رَّحِيمٌ إِنَّمَآ أَمۡوَٰلُكُمۡ وَأَوۡلَٰدُكُمۡ فِتۡنَةٞۚ وَٱللَّهُ عِندَهُۥٓ أَجۡرٌ عَظِيمٞ

**"Эй касоне, ки имон овардаед, ба ростӣ, ки (баъзе) аз ҳамсарон ва фарзандонатон душманони шумо ҳастанд, пас аз онҳо барҳазар бошед ва агар афв кунед, чашм бипӯшед ва бибахшед, бегумон Аллоҳ таъоло омурзандаи меҳрубон аст. Ҷуз ин нест, ки амволу фарзандонатон василаи озмоиш ҳастанд ва Аллоҳ аст, ки подоши бузург назди Ӯст."** [Тағобун, 14-15]

*Иршодоти оятҳо:*

1. Аввалан, мӯъмин бояд барои издивоҷ зани солеҳаро интихоб кунад.

2. Аҳёнан ҳолатҳое мешаванд, ки шахс мехоҳад ибодатеро анҷом диҳад, вале бо сабаби зан ё фарзандон, наметавонад амалӣ намояд. Яъне ин оёт

баёнгари онанд, ки зан ва ё фарзандон дар баъзе ҳолатҳо барои анҷоми ибодат монеъа мешаванд.

3. Аллоҳ барои ҳамаи бандагонаш ғафуру раҳим аст ва хусусан шахсе, ки тавба мекунад, аз дигарон гузашт мекунад, дигаронро мебахшад ва афву чашмпушӣ мекунад, Аллоҳ низ ин шахсро мавриди раҳмати хеш қарор дода, гуноҳонашро мебахшад.

4. Дар сабаби нузули оят омадааст, ки баъзе аз мусалмонон мақсади ҳиҷрат аз Макка ба Мадина карданд, дар ин вақт, баъзе аз занон ва фарзандонашон монеъи ҳиҷрати онҳо шуданд. Сипас вақте, ки ба Мадина расиданд, диданд, ки касоне, ки қаблан бо Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ҳиҷрат карда буданд, дар умури динӣ бисёр баҳраҳо бардоштаанд. Сипас қасд намуданд, ки зану фарзандонашонро ҷазо диҳанд ва ин ҳангом Аллоҳ ин оятро нозил кард. (Ҷомеъи Тирмизӣ, 3317)

5. Исботи номҳои Аллоҳ **"ал-Ғафур"** (омурзанда, бахшанда) ва **"ар-Раҳим"** (меҳрубон).

**88-ум Нидо:**

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ قُوٓاْ أَنفُسَكُمْ وَأَهْلِيكُمْ نَارًا وَقُودُهَا ٱلنَّاسُ وَٱلْحِجَارَةُ عَلَيْهَا مَلَـٰٓئِكَةٌ غِلَاظٌ شِدَادٌ لَّا يَعْصُونَ ٱللَّهَ مَآ أَمَرَهُمْ وَيَفْعَلُونَ مَا يُؤْمَرُونَ

**"Эй касоне, ки имон овардаед, худатон ва хонаводаатонро аз оташе, ки ҳезуми он мардуму сангҳост, ҳифз намоед. Бар он малоикаҳои хашмгин ва сахтгир вобаста шудаанд, ки ҳаргиз аз Аллоҳ дар он чи ки ба онон фармон дода шавад, нофармонӣ намекунанд ва ба ҳар чи амр мешаванд, анҷом медиҳанд."** [Таҳрим, 6]

*Иршодоти оят:*

1. Ин хитоб ба касонест, ки Аллоҳ неъмати имонро ба онҳо арзонӣ намуда ва барои наҷоти худ ва зердастон амр кардааст. Шахс ҳамон вақт метавонад наҷот бидиҳад, ки ҳар чизе Аллоҳ барои иҷрояш амр намуда ва ҳар чизеро аз карданаш манъ намудааст, иҷро намояд ва ҳар гуноҳе, ки аз пеш кардааст, сидқан тавба карда баргардад.

2. Зану фарзандонро низ бояд чунин дастур дод ва мақсади офариниширо, ки ибодати Аллоҳ таъолост, фаҳмонид.

3. Аллоҳи меҳрубон хатарнок будани дӯзахро сифат ва баён кардааст, то ки бандагони мӯъмин барои наафтодан ба он, ҷиддӣ биандешанд.

4. Оташафрӯзи дӯзах на ҳезум, балки инсонҳои гуноҳкор ва сангҳо ҳастанд.

5. Ҳамагон медонем, ки алангаи оташи ангиштсанг чӣ миқдор аст, пас дӯзах, ки чандин маротиба оташаш вазнинтар ва қавитар аст, чи гуна метавон дар он таҳаммул кард...?

6. Малоикаҳои хоси вобастаи оташ, он амалеро анҷом медиҳанд, ки Аллоҳи бузург ба онҳо супориш мекунад ва ҳаргиз нофармонӣ намекунанд.

7. Ин оят далолат ба он мекунад, ки малоикаҳо маъсум аз гуноҳ ҳастанд.

**89-ум Нидо:**

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ تُوبُوٓا۟ إِلَى ٱللَّهِ تَوْبَةً نَّصُوحًا عَسَىٰ رَبُّكُمْ أَن يُكَفِّرَ عَنكُمْ سَيِّـَٔاتِكُمْ وَيُدْخِلَكُمْ جَنَّـٰتٍ تَجْرِى مِن تَحْتِهَا ٱلْأَنْهَـٰرُ يَوْمَ لَا يُخْزِى ٱللَّهُ ٱلنَّبِىَّ وَٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ مَعَهُۥ ۖ نُورُهُمْ يَسْعَىٰ بَيْنَ أَيْدِيهِمْ وَبِأَيْمَـٰنِهِمْ يَقُولُونَ رَبَّنَآ أَتْمِمْ لَنَا نُورَنَا وَٱغْفِرْ لَنَآ ۖ إِنَّكَ عَلَىٰ كُلِّ شَىْءٍ قَدِيرٌ

**"Эй касоне, ки имон овардаед, ба сӯи Аллоҳ баргардед ва тавбаи холисона (насӯҳ) кунед! Шояд Парвардигоратон гуноҳонатонатонро бипӯшонад ва шуморо ба боғҳое ворид кунад, ки ҷӯйҳо аз зери (дарахтон ва қасрҳои) он ҷорист. Дар рӯзе, ки Аллоҳ таъоло Паёмбар ва касонеро, ки ҳамроҳи ӯ имон овардаанд, хор намекунад. Нурашон пешопеши онон аз самти росташон дар ҳаракат аст, мегӯянд: "Парвардигоро, нурамонро бароямон комил гардон ва моро биёмурз, бегумон Ту бар ҳар коре тавоноӣ.""** [Таҳрим, 8]

*Иршодоти оят:*

1. Аллоҳи бахшандаи меҳрубон дар ин оят, мӯъминонро ба тавбаи холисона фармон дода, ваъда додааст, ки дар ивази тавбаи холисона:

- Гуноҳонашонро мепӯшонад
- Дохили биҳишташон мегардонад
- Растагор ва муваффақ мешаванд.

2. Рӯзи қиёмат мӯъминон дар партави нури имонашон, ки пешопеш аз тарафи росташон ҳаракат мекунад, ҳаракат мекунанд.

3. Тавбаи холисона он аст, ки бояд пушаймон шуд ва қасд кард, ки дигар ба гуноҳон бар нагардӣ. Ҳадаф аз тавба бояд ризогии Аллоҳ, наздик шудан ба Ӯ ва пойдорӣ дар тавба бошад.

**90-ум Нидо:**

قُل لِّلۡمُؤۡمِنِينَ يَغُضُّواْ مِنۡ أَبۡصَٰرِهِمۡ وَيَحۡفَظُواْ فُرُوجَهُمۡۚ ذَٰلِكَ أَزۡكَىٰ لَهُمۡۚ إِنَّ ٱللَّهَ خَبِيرُۢ بِمَا يَصۡنَعُونَ. وَقُل
لِّلۡمُؤۡمِنَٰتِ يَغۡضُضۡنَ مِنۡ أَبۡصَٰرِهِنَّ وَيَحۡفَظۡنَ فُرُوجَهُنَّ وَلَا يُبۡدِينَ زِينَتَهُنَّ إِلَّا مَا ظَهَرَ مِنۡهَاۖ وَلۡيَضۡرِبۡنَ
بِخُمُرِهِنَّ عَلَىٰ جُيُوبِهِنَّۖ وَلَا يُبۡدِينَ زِينَتَهُنَّ إِلَّا لِبُعُولَتِهِنَّ أَوۡ ءَابَآئِهِنَّ أَوۡ ءَابَآءِ بُعُولَتِهِنَّ أَوۡ أَبۡنَآئِهِنَّ أَوۡ

أَبۡنَآءِ بُعُولَتِهِنَّ أَوۡ إِخۡوَٰنِهِنَّ أَوۡ بَنِيٓ إِخۡوَٰنِهِنَّ أَوۡ بَنِيٓ أَخَوَٰتِهِنَّ أَوۡ نِسَآئِهِنَّ أَوۡ مَا مَلَكَتۡ أَيۡمَٰنُهُنَّ أَوِ ٱلتَّٰبِعِينَ غَيۡرِ أُوْلِي ٱلۡإِرۡبَةِ مِنَ ٱلرِّجَالِ أَوِ ٱلطِّفۡلِ ٱلَّذِينَ لَمۡ يَظۡهَرُواْ عَلَىٰ عَوۡرَٰتِ ٱلنِّسَآءِۖ وَلَا يَضۡرِبۡنَ بِأَرۡجُلِهِنَّ لِيُعۡلَمَ مَا يُخۡفِينَ مِن زِينَتِهِنَّۚ وَتُوبُوٓاْ إِلَى ٱللَّهِ جَمِيعًا أَيُّهَ ٱلۡمُؤۡمِنُونَ لَعَلَّكُمۡ تُفۡلِحُونَ

**"[Эй Паёмбар] Ба мардони мӯъмин бигӯ, чашмони худро аз нигоҳ ба номаҳрам фурӯ гиранд ва покдоманӣ пеша кунанд. Ин кор барои онон покизатар аст. Бетардид, Аллоҳ таъоло ба он чи анҷом медиҳанд, огоҳ аст. Ва ба занони мӯъмина низ бигӯ, чашмони худро аз нигоҳ ба номаҳрам фурӯ гиранд ва покдоманӣ варзанд ва зевару ороиши худро ошкор накунанд, магар он чи ба сурати табиӣ намоён аст. Ва бояд рӯсарии худро бар сина биафкананд то мӯйҳо ва синаҳояшон пӯшида гардад ва зинати худро ошкор насозанд, магар барои шавҳар ё падар ё падаршавҳар ё писари худ ё писари шавҳарашон ё бародар ё писари бародар ё писари хоҳар ё дигар занон ё канизон ва бардагонашон ё хешовандоне, ки дигар ниёз ва тамоюле ба занон надоранд ё кӯдаконе, ки аз масоили ҷинсии занон огоҳӣ наёфтаанд. Ҳамчунин, ҳангоми роҳ рафтан пойҳои худро чунон бар замин накӯбанд, ки [садои] зинатҳое, ки [зери либос] пинҳон кардаанд, ошкор шавад. Ва эй мӯъминон, ҳамагӣ ба сӯи Аллоҳ таъоло тавба кунед, бошад, ки растагор гардед." (Нур, 30-31)**

*Иршодоти оятҳо:*

1. Нигоҳ доштани чашм бар мардону занон аз номаҳрам воҷиб аст, зеро амри Аллоҳ таъолост.

2. Воҷиб будани сатр бар занон, зеро амр ва фармони Парвардигор аст.

3. Манъи анҷом додани чизҳое, ки дигаронро ба шаҳват водор мекунад, чун Аллоҳ манъ кардааст.

4. Ҳар мард ва зан бояд худро аз сабабҳое, ки инсонро ба ҳаром водор мекунад, худдорӣ кунад, зеро ин амал нишонаи имондорист.

5. Ишора бар инки ҳифзи обрӯ ва наслу иффат, аз мақсадҳои шариъат ба ҳисоб меравонд.

6. Зикри 7-гурӯҳ аз касоне, ки маҳрами зан ба ҳисоб мераванд.

7. Дар нигоҳ кардани номаҳрам ва гуноҳи он, марду зан ҳукмаш бо ҳам баробар аст.

**Огоҳӣ:** Дар ин оят "Нидои Аллоҳ бар Мӯъминон" дар охир зикр шудааст, аз ин лиҳоз олимон ин оятро аз ҷумлаи оёти ин мавзӯъ медонанд.

Бо фазлу раҳмати Аллоҳ ҳамаи оятҳои ***"Нидои Аллоҳ бар Мӯъминон"*** ба таври мухтасар ба забони тоҷикӣ тарҷума карда шуданд.

**(Таърихи хатм: 12 июл, соли 2020 мелодӣ / 21 зулқаъда, соли 1441 ҳиҷрӣ қамарӣ)**

## Хулоса

Баъд аз натиҷагирии мухтасар аз ин китоб, метавон гуфт, ки дар ин китоб фоидаҳои Қуръон ба таври хулоса ҷамъоварӣ шудаанд. Аввалин амр, ки дар шариат бар Тавҳид ва яктопарастист, бахши асосии ин китобро дар бар мегирад. Ваҳдонияти Аллоҳро иқрор кардан, аз амркардаҳояш итоат кардан ва аз наҳйкардаҳояш дурӣ ҷустан, ки мояи хушбахтӣ ва мақсади зиндагист, дар ин навишта ба таври хулоса ҷамъоварӣ шудаанд.

Қуръон китобест, ки асоси ҳамаи илмҳои ҷаҳониро низ поягузорӣ мекунад, зеро новобаста аз оне, ки башарият имрӯз дар кадом сатҳи илмӣ қарор надошта бошад, муҳтоҷ ва ниёзманди роҳнамудҳои қуръонӣ ва панду андарзҳои он аст.

Ба таври кӯтоҳ ва фишурда аз 90-Нидои Аллоҳ бар Мӯъминон, метавон ба зикри чандин нуқтаҳои муҳим мухтасаран ин китобро хулосабандӣ кард:

1. Амри Аллоҳ бар инсоният ба тадаббуру тафаккур ва панду насиҳат гирифтан аз ин китоби муборак.

**كِتَٰبٌ أَنزَلۡنَٰهُ إِلَيۡكَ مُبَٰرَكٞ لِّيَدَّبَّرُوٓاْ ءَايَٰتِهِۦ وَلِيَتَذَكَّرَ أُوْلُواْ ٱلۡأَلۡبَٰبِ**

**"[Эй Муҳаммад, ин Қуръон] Китобест пурбаракат, ки бар ту нозил кардаем, то [мардум] дар оёташ биандешанд ва хирадмандон панд гиранд."** (Сод, 29)

2. Аллоҳи бузург сарзаниш мекунад инсониятро, ки чаро аз ин Қуръон панду насиҳат намегиранд.

**أَفَلَا يَتَدَبَّرُونَ ٱلۡقُرۡءَانَ أَمۡ عَلَىٰ قُلُوبٍ أَقۡفَالُهَآ**

**"Оё дар Қуръон тадаббур намекунанд ё бар дилҳояшон қуфлҳо [-и ғафлат] ниҳода шудааст?"** (Муҳаммад, 24)

3. Бар олимону донишмандон баён кардан ва таълим додани ончи дар Қуръон бар инсоният амр шудааст, фарз аст.

وَإِذۡ أَخَذَ ٱللَّهُ مِيثَٰقَ ٱلَّذِينَ أُوتُواْ ٱلۡكِتَٰبَ لَتُبَيِّنُنَّهُۥ لِلنَّاسِ وَلَا تَكۡتُمُونَهُۥ

**"Ва [эй Паёмбар, ёд кун] ҳангоме, ки Аллоҳ таъоло аз касоне, ки китоби осмонӣ ба онон дода шуда буд, паймон гирифт, ки: "Ҳатман, [омӯзаҳои ҳидоятбахшӣ] онро барои мардум баён намоед ва [он чиро, ки ба нубуввати Муҳаммад хабар медиҳад] китмонаш накунед..."** (Оли Имрон, 187)

4. Дар ҳақиқат ин китоби мубöракест, ки дар он тамоми чиз ва хусусан асосҳои илмӣ ба тарзи куллӣ ва ҷузъӣ зикр шудаанд ва инчунин барои инсоне, ки ба он аҳамият медиҳад, як баракати хосе дорад.

وَنَزَّلۡنَا عَلَيۡكَ ٱلۡكِتَٰبَ تِبۡيَٰنٗا لِّكُلِّ شَيۡءٖ وَهُدٗى وَرَحۡمَةٗ وَبُشۡرَىٰ لِلۡمُسۡلِمِينَ

**"Ва Мо ин китоб [Қуръон]-ро бар ту нозил кардаем, ки равшангари ҳама чиз аст ва барои мусулмонон раҳнамуд ва раҳмату башорат аст."** (Наҳл, 89)

5. Китобест, ки касе ба он чанг занад ва пайравӣ кунад, ҳеҷ вақт на гумроҳ шаваду на бадбахт.

فَإِمَّا يَأۡتِيَنَّكُم مِّنِّي هُدٗى فَمَنِ ٱتَّبَعَ هُدَايَ فَلَا يَضِلُّ وَلَا يَشۡقَىٰ

**"(Фармуд) Агар аз [ҷониби] ман раҳнамуде бароятон расид, [бидонед] ҳар ки аз ҳидоятам пайравӣ кунад, на гумроҳ мешавад ва на [аз азоби дӯзах] ба ранҷ меафтад."** (Тоҳо, 123)

Ва ҳамчунин фармудааст:

وَهَٰذَا كِتَٰبٌ أَنزَلۡنَٰهُ مُبَارَكٞ فَٱتَّبِعُوهُ وَٱتَّقُواْ لَعَلَّكُمۡ تُرۡحَمُونَ

**"Ва ин [Қуръон] ки нозил кардаем, китоби пурбаракат аст, аз он пайравӣ кунед ва бар он парво (андеша) намоед, бошад, ки мавриди раҳмат қарор гиред."** (Анъом, 155)

Дар охир онеро гуфтаниям, ки Аллоҳи базургам мефармояд:

وَهُوَ ٱللَّهُ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَۖ لَهُ ٱلۡحَمۡدُ فِي ٱلۡأُولَىٰ وَٱلۡأٓخِرَةِۖ وَلَهُ ٱلۡحُكۡمُ وَإِلَيۡهِ تُرۡجَعُونَ

**"Ва Ӯ Аллоҳ таъолост, ки ҳеҷ маъбуде бар ҳақ ҷуз Ӯ нест. Ситоиш дар дунёву охират барои Ӯст ва ҳукму фармонравоӣ низ аз они Ӯст ва ҳамагӣ ба сӯи Ӯ бозгардонида мешавед."** (Қасас, 70)

Ҳамду ситоиш он Зотеро, ки ба неъматҳояш корҳои хуб итмом меёбанд ва саллаллоҳу ало Муҳаммад ва олиҳи ва саллама таслимо.

## Манбаъҳо


1. Қуръони карим

2. Қуръон тадаббур ва амал / Ҷамъе аз олимон

3. Мухтасар фи тафсири Қуръони карим / Ҷамъе аз олимон

4. Нидоул-муъминин фи каломи раббил-оламин./ Солиҳ бин Ҳамад ал-Усаймин.

5. Тайсир каримур Раҳмон / Абдураҳмон Носир Сиъдӣ

6. Тарҷумаи Қуръон ба забони тоҷикӣ / Орифӣ

7. Тафсири Ибни Касир.